

*Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим*

**قَالَ رَسُول الله (صلّى الله عليه وَ آله):**
**اِنِّي تَارِكٌ فِيكُمُ الثَّقَلَيْنِ: كِتَابَ الله، وَعِتْرَتِي اَهْلَ بَيْتِي،**
**مَا اِنْ تَمَسَّكْتُمْ بِهِمَا لَنْ تَضِلُّوا اَبَدًا،**
**وَانَّهُمَا لَنْ يَفْتَرِقَا حَتّىَ يرِدَا**
**عَلَيَّ الْحَوْضَ.**

***Расули Худо(с) фармудаанд:***
***Ман ду чизи гаронбаҳоеро дар миёни шумо аз худ боқӣ мегузорам: яке Китоби Худованд ва дигаре Итратам, Аҳли байтам. Агар ба ин ду чанг занед, ҳаргиз гумроҳ нахоҳед шуд. Ин ду ҳеҷ вақт аз якдигар ҷудоӣ надоранд, то он гоҳ ки бар ҳавзи Кавсар бар ман ворид шаванд.***

*Саҳеҳи Муслим*, *ҷилди* ***7***, *саҳ*. ***122****;* *Сунани Дорамӣ*, *ҷилди* ***2***, *саҳ*. ***432****;* *Муснади Аҳмад*, *ҷилди* ***3***, *саҳ*. ***14, 17, 26, 59,*** *ҷилди* ***4***, *саҳ*. ***366, 371,*** *ҷилди* ***5***, *саҳ*. ***182***, *Мустадраки Ҳоким*, *ҷилди* ***3***, *саҳ*. ***109, 148, 533*** *ва* ***...***

# Нигариши кӯтоҳе
# ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум

**Қисмати аввал**
**Зиндагии Паёмбари Ислом (с)**

**Муаллиф**:
**Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»**

**Мутарҷим**:
**Зарринтоҷ**

**Ношир**:
**Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»**


نام کتاب: نگرشی کوتاه به زندگی پیامبر اسلام (ص)

نویسنده: هیأت تحریریه مؤسسه در راه حق

مترجم: زرین تاج

زبان: تاجیکی

**Номи китоб**: Нигариши кӯтоҳе ба зиндагии чаҳордаҳ маъсум (Зиндагии Паёмбари Ислом)

**Муаллиф**: Ҳайати таҳририяи муассисаи «Дар роҳи ҳақ»

**Мутарҷим**: Зарринтоҷ

**Таҳиякунанда**: Муовинати фарҳангии Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт», идораи тарҷума

**Адади нашр**: 3000

**Навбати чоп**: Аввал

**Таърихи чоп**: соли 2008

**Ношир**: Маҷмаи ҷаҳонии «Аҳлибайт»

**Чопхона**: Исроъ

ISBN: 978-964-529-204-9

www.ahlul-bayt.org

info@ahlul-bayt.org



**RIGHTS RESERVED FOR**
**THE AHL AL-BAYT (‘A) WORLD ASSEMBLY**

## Сарсухан

***Бисмиллоҳир-Раҳмонир-Раҳим***

Аҳли Байт алайҳимуссалом мероси гаронбаҳое аз худ боқӣ гузоштаанд, ки пайравонашон онро аз хатари нобудӣ ҳифз намудаанд. Ин намунаи фарогири як мактабе аст, ки шохаҳои мухталифи маърифати исломиро дар бар дошта ва тавониста аст ашхоси зиёди тавонмандеро барои сероб шудан аз ин чашмаи ҷӯшон, парвариш ва тақдими уммати исломӣ намояд.

Ин донишмандон бо пайравӣ аз Аҳли Байти Паёмбар(с) дар мақоми посухгӯӣ ба дасисаҳо ва шубҳаҳои воридшуда аз сӯи мазҳабҳо ва ҷараёнҳои фикрии дохил ва хориҷи ҷомеаи исломӣ баромада, дар давоми қарнҳои гузашта пешниҳодкунандаи матинтарин посухҳо ва роҳи ҳалҳо барои ин шубҳаҳо буда ва ҳастанд.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) бар асоси масъулиятҳои бар гардан гирифтаи худ ба дифоъ аз ҳарими рисолат ва эътиқодоти ҳақиқии он; ҳақоиқе, ки арбоби фирқаҳо, мазҳабҳо ва асҳоби



ҷараёнҳои мухолифи Ислом пайваста дар мухолифат бо он кӯшиш ба харҷ додаанд, камари ҳиммат баста аст. Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) худро дар ин роҳи муқаддас пайрави шогирдони ростини мактаби Аҳлибайт(а) медонад; ҳамон, ки ҳамвора барои радди ин иттиҳомоти давомдор омодагӣ дошта ва кӯшиш намудаанд мутобиқ бо зарурати ҳар асру замон дар сафи пеши ин муборизa боқӣ монанд.

Таҷрибаҳое, ки дар ин замина дар китобҳои донишмандони мактаби Аҳлибайт(а) захира шудаанд, дар навъи худ беназир мебошанд. Зеро ин таҷрибаҳо аз дастовардҳои илмӣ бар асоси ҳокимияти ақл, истидлол, дурӣ аз ҳавою ҳавас ва таассуби кӯркӯрона бархурдор буда, мутахассисон ва соҳибони андешаро чунон мавриди хитоб қарор медиҳад, ки ақли солим ва фитрати поки инсон пазирои он бошад.

Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а) кӯшида аст, то марҳалаи наве аз ин таҷрибаҳои арзишмандро дар маҷмӯае аз таҳқиқот ва таълифоти муаллифони муосир аз мактаби Аҳлибайт(а) барои ташнагони ҳақиқат қарор диҳад.

Ин Маҷмаъ ҳамчунин иқдом ба таҳқиқ ва нашри таълифоти судманди гузаштагон ва шахсиятҳои барҷастаи пайравони ин мактаб намудааст, то ин манобеъ низ ташнагони ҳақиқатро чашмаи гуворое бошад, то дар асри такомули босуръати ақлҳо гӯши ҷони худро бар

ҳақоиқе, ки Аҳли Байти рисолат(а) барои ҳамаи ҷаҳониён ба армуғон овардаанд, бикушоянд.

Умедворем хонандагони мӯҳтарам бо пешниҳоди назарияҳо ва пешниҳодҳои арзишманд ва интиқодҳои созандаи худ Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт(а)-ро дар ин замина бонасиб гардонанд.

Ҳамчунин аз соири муассисаҳо, донишмандон ва тарҷумонҳо даъват мекунем, то дар нашри фарҳанги Исломи ноби Муҳаммадӣ(с) моро ёрӣ намоянд.

Аз Худованди мутаол мехоҳем ин талоши ночизро аз мо қабул намуда, талоши моро зери сояи ҷонишини худ дар замин ҳазрати Маҳдӣ (Худованд зуҳурашро наздик гардонад) рӯзафзунтар созад.

*Муовинати фарҳангии*
*Маҷмаи ҷаҳонии Аҳлибайт (а)*

# Зиндагии Паёмбари Ислом (с)

# 1

## Ҷаҳони пеш аз Ислом

### Башарият дар оташ

Қабл аз зуҳури Ислом мардуми саросари ҷаҳон аз назари ақоид, афкор, шууни фардӣ ва иҷтимоӣ дар вазъи таассуфовар ва ногуворе умр ба сар мебурданд. Гарчи ҳамаи гӯшаю канори олам дар вазъи комилан яксон қарор надоштанд, вале ба таври кулли метавон гуфт: ҳамаи мардуми дунё дар инҳирофҳои фикрӣ, пиндорҳои нодуруст, суннатҳои ғалати иҷтимоӣ, хурофоту афсонаҳо ва гирифториҳои иҷтимоию ахлоқӣ бо ҳам шарик буданд.

Пеш аз зуҳури Ислом яҳудиён дини Мӯсо(а)-ро тағир доданд, усули онро ба сурати хушку беҷоне даровარданд ва рӯҳи моддигарӣ дар зиндагии мардум рахна карда буд. Мутаассифона масеҳият ҳам, ки барои таҳзиби ахлоқ ва пок сохтани равони мардум аз олудагиҳо омада буд ва бунёдгузори он Исои Масеҳ(а) ин вазифаро аз ҷониби Худованд бар ӯҳда дошт, аз тарафи "падарони рӯҳонӣ" тағири моҳият кард. Дар натиҷа он барои савдогарии аксарияти падарони рӯҳонии масеҳӣ ба фурӯшгоҳе табдил ёфт. Инчунин, ба сабаби надоштани қонунҳои комил



барои системаҳои иҷтимоӣ, аз наҷот ва роҳбарии ҳамаҷонибаи мардум оҷиз монд.

Дар натиҷаи ин авзоъ буд, ки мардуми ҷаҳон дар пиндорҳои мавҳуми (хаёлии) суннатҳои иҷтимоӣ, хурофот, афсонаҳо, гирифториҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ бо ҳам шарик буданд.

Оташи фасод ва табоҳӣ месӯхт, хурофоту авҳом[1] ба унвони "мазҳаб" бар мардум ҳукумат мекарданд. Дугонапарастӣ ва таслис[2] бар мардум бор шуда буд ва гурӯҳи бисёре низ бут, оташ, гов ва ситораро мепарастиданд. Аз ҳама шармовартар парастиши олоти таносулии зан ва мард буд, ки ривоҷи комил дошт.[3] Ҳамин фасод ва таназзули ахлоқӣ ва маънавӣ, ки бар ҳама ҷо соя афканда буд, мӯҷиби[4] нодурустиҳо, торикиҳо ва инҳирофҳои[5] ҷомеаи башарӣ гашта, хунрезию одамкушӣ ва зулму тааддиро дар саросари ҷаҳон густариш дода буд. Дар ҳақиқат башарият дар партгоҳи[6] суқути абадӣ қарор гирифта буд.

---

1 Ҷамъи калимаи ваҳм, хаёл, тасаввур.

2 Худоро ду ва ё се донистан. Таслис: воҳиди салоса – таҷассуми писари худо, худи худо ва рӯҳи муқаддас дар сурати як худо дар дини насронӣ.

3 "Таърихи Вилл Дуронт", ҷ.1, саҳ.95, 301 ва ҷ.4, саҳ.304 ва ҷ.7, саҳ.95.

4 Сабаб, боис.

5 Каҷравӣ, бероҳагӣ, аз роҳи рост хориҷ шудан.

6 Нишебӣ, ҷарӣ, чуқурӣ.

## Арабистон дар шабонгоҳи зуҳури Ислом

Арабистон, ки онро “Сарзамини сӯхта” номидаанд, вазъи аҷибе дошт, биёбонҳои беобу сӯзон, дараҳо ва теппаҳое аз регро Арабистон меномиданд, ки на обе дошту на гиёҳе. Дар он ҷо хорҳои тез ва сӯзони биёбониро гиёҳ меномиданд. Хонаҳо ва манзилҳои онро агар хона меномиданд иштибоҳ буд, дахмаҳое[1] буд, ки дар онҳо мавҷуде ба номи инсон мезист ва бо хурмою оби гандида рафъи гуруснагӣ мекард. Ҷангу кашмакашиҳои қабилавӣ асли асосии низоми иҷтимоии мардуми Арабистон буд. Макка буткадае беш набуд ва сокинони он савдогарону рибохӯроне буданд, ки ҷони инсонро бо дирҳаму динор мехариданд.

Зиндагии авлодии бодиянишинон ва галадорию чӯпонӣ ҳамроҳ бо феодализми хуношом, мардуми нимҷазираи Арабистонро ранҷ медод. Бӯҳрони иқтисодии ношӣ[2] аз истисмори табақаи ҳоким ва гурӯҳи рибохӯрон мафҳуми зиндагии инсонро аз байн бурда ва уфуқи саодати иҷтимоиро тираю тор сохта буд.

Он гурӯҳ аз пулдорони рибохӯре, ки дар Макка ба кори тиҷорат машғул буданд, аз роҳҳои

1 Мағора, қабр, ғор.
2 Бавуҷудомада, сачашмагирифта.



номашрӯъ[1] сарвати калоне ба даст оварда, ба истисмори табақаҳои камбизоат ва поини ҷомеа пардохта буданд ва дар ҳақиқат аз роҳи рибохӯрӣ ва баҳрабардориҳои золимона бар ихтилофҳои табақотии зиддибашарӣ меафзуданд.

Қабилаҳои араб ба сабаби ҷангу нодонӣ дар он даврон бештар ба парастиши мазоҳири[2] табиат ва бутпарастӣ машғул буданд ва хонаи Каъба бутхонаи арабҳо шуда буд.[3]

Ҳар як аз суннатҳо ва низомҳои ахлоқию иҷтимоии зишту нописанди Арабистон ба танҳоӣ барои нобуд сохтани азамати миллате кофӣ буд. Каҷравиҳои зиддибашарии араби пеш аз Ислом вазъеро ба вуҷуд оварда буд, ки самарааш фасоду табоҳкорӣ, таомаш гӯшти мурдор, шиораш тарсу хавф ва мантиқу далелаш шамшер буд.

Мардуми араб ба ғалат гумон мебурданд, ки фақат касоне бартар ва болотаранд, ки аз нажоди араб ҳастанд ва дорои асолати арабӣ ва хуни арабӣ бошанд. Дар воқеъ миллатчигӣ ва миллатпарастии қарни бистум, қавмият ва натсионализми асри мо дар он замон дар

1 Ғайриқонунӣ.
2 Ҷамъи калимаи зоҳир.
3 “Наҳҷулбалоға”-и оятуллоҳ Хуӣ, ҷ.2, саҳ.172, “Таърихи ҷомеи адён”, тарҷумаи Алиасғари Ҳикмат, саҳ.479.

даврони ҷоҳилият аввалин бор[1] бо ранги хоси худ оини мардуми араб шуда буд.

Дар байни худи арабҳо ҳам ба таносуб, сарват ва фарзанди зиёд ифтихороти хаёлӣ ва гуногуне ба вуҷуд омада буд, ки ҳар қабилае бо доштани онҳо бар худ меболид ва аз имтиёзоти қабилаи худ мешуморид.

Ғоратгарӣ, фиребгарӣ, ваҳшигарӣ, тааддию таҷовуз ва хиёнат аз сифатҳои намоёни онҳо буд ва одамкушӣ дар назди онон шуҷоат ва қаҳрамонӣ талаққӣ мешуд. Онон чун духтар доштанро нанг медонистанд ва ё аз ҳазинаи зиндагӣ ва ё фақру тангдастӣ меҳаросиданд, духтарони маъсуму бегуноҳро мекуштанд ва ё зинда дар гӯр мекарданд. Агар ба марди арабе хабар медоданд, ки ҳамсараш духтар таваллуд кардааст, рангаш аз хашм сиёҳ мешуд ва аз мардум канора мегирифт. Ӯ фикр мекард, ки бо он духтар чӣ кунад? Оё ин нангро ба худ писандад ва ӯро нигаҳдорӣ кунад ва ё зинда зери хок пинҳон созад ва ин нангро аз домани худ бишӯяд, зеро гоҳе вуҷуди як духтар ҳатто дар як хонавода нанг ба шумор мерафт.[2]

---

1 Дар мавриди ҷоҳилияти асри мо ба тарҷумаи форсии китоби "Ҷоҳилиятул қарнил ишрин", таълифи Муҳаммад Қутб муроҷиат шавад.

2 Истифода аз Қуръони Карим, сураи "Наҳл", ояти 58-59 ва сураи "Исро" ояти 31 ва тафсири "Алмизон", ҷ.12, саҳ.294.



Имом Алӣ(а) дар китоби ҷовидонаи худ "Наҳҷулбалоға" вазъи иҷтимоии мардуми арабро чунин шарҳ мекунад:

> ***"... Ва шумо аз гурӯҳи араб дар он ҳангом пайравони бадтарин кишҳо (бутпарастӣ) будед ва дар бадтарин сарзаминҳо (саҳрои сӯзон) умр ба сар мебурдед. Дар заминҳои санглох ва дар миёни морҳои пурзаҳре, ки аз овоз намерамиданд, иқомат доштед. Оби тира менӯшидед ва таоми номатбӯъ ва хашан мехӯрдед, хуни якдигарро мерехтед ва аз хешовандон дурӣ мекардед, бутҳо дар миёни шумо насб шуда буд ва аз гуноҳон иҷтиноб[1] намекардед...".[2]***

Ба ин тартиб мардуми араб дар ботлоқе аз фасоду табоҳӣ мезистанд ва дар асари бадомӯзиҳо ва берушдӣ ба сурати мардуми ваҳшӣ, яғмогар ва муфсидҷӯ шуда буданд. Онҳо монанди аксари мардуми ҷаҳон хурофот, афсонаҳои хаёлӣ ва андешаҳои бепояро ба унвони "мазҳаб" пазируфта буданд.[3]

---

1 Дурӣ.

2 "Наҳҷулбалоға"-и Убда, ҷ.1, чопи Димишқ, саҳ.66 ва "Наҳҷулбалоға"- и Файзулислом, ҷ.1, саҳ.83, хутбаи 26.

3 "Доиратулмаориф", чопи сеюм, саҳ.255.

Равшан аст, ки барои ислоҳи бунёди чунин ҷамъияте, як инқилоби асосӣ ва дигаргунии ҳамаҷониба зарурӣ ва лозим буд, вале мебоист роҳбари ин наҳзат ва инқилоб марди осмонӣ ва аз ҷониби Худованди бузург бошад, то аз ҳар гуна таҷовуз, тааддӣ, судпарастӣ дур бимонад ва ба хотири манфиатҳои шахсӣ мухолифони хусусии худро ба унвони "тасфия"[1] нобуд насозад, балки дар роҳи ислоҳи онон бикӯшад. Танҳо ӯ дар роҳи Худо ва барои рифоҳи ҳоли мардум ва пешрафти ҷамъият кор кунад, зеро бегумон роҳбаре, ки худ аз маънавиёт ва ахлоқ бебаҳра бошад ва малакаҳои фозилаи инсонӣ дар ӯ вуҷуд надошта бошад, наметавонад ҷомеаро ислоҳ кунад ва миллатеро наҷот бахшад. Инҳо танҳо роҳбарони осмонӣ ҳастанд, ки метавонанд бо илҳом аз Худои ҷаҳон дигаргунии амиқ ва решадоре дар ҳамаи ҷанбаҳои зиндагии шахсӣ ва иҷтимоии мардум ба вуҷуд оваранд. Акнун бояд дид, ки роҳбари инқилоби ҷаҳонии нав чӣ гуна шахсе буд ва чӣ дигаргуниҳое дар ҷаҳон падидор кард.

1 Тоза кардан.

# 2

# Таваллуд ва даврони кӯдакии ҳазрати Муҳаммад (с)

## Милоди нур

Шаҳри Макка дар зулмат ва сукути вазнине фурӯ рафта буд ва осоре аз ҳаёту фаъолият ба чашм намерасид. Танҳо моҳ мутобиқи маъмул ором-ором аз пушти кӯҳҳои сиёҳи атроф боло омада нурҳои камрангу латифи худро бар рӯи хонаҳои оддӣ ва холӣ аз таҷаммул[1] ва ҳамчунин регзорҳои даври шаҳр паҳн мекард.

Кам-кам шаб аз нима гузашт. Насими лаззатбахши матбӯъе[2] сарзамини тафсони Ҳиҷозро фаро гирифт ва онро барои муддати кӯтоҳе омодаи истироҳат кард. Ситорагон ҳам дар ин ҳангом ба ин базми бериё равнақу сафо бахшида, ба рӯи сокинони шаҳри Макка лабханд мезаданд.

Акнун саҳар аст ва мурғони саҳархезу шабзиндадор бо лаҳни рӯҳафзо дар он ҳавои

1 Ороиш, зебу зинат.
2 Хуш, хуб.

биҳиштӣ нағма сар дода, гӯё бо маъшуқе розу ниёз мегӯянд.

Каронаи уфуқи Макка дар остонаи сапедаи саҳарӣ аст, вале ҳанӯз торикӣ бар шаҳр ҳукумат мекунад ва ҳама дар хоб ҳастанд. Танҳо Омина бедор буд ва дардеро, ки дар интизораш буд, эҳсос кард... Дард рафта-рафта шадидтар шуд… Ногаҳон чанд бонуи ношинос ва нурониро дар утоқ дид, ки бӯи хӯше аз онон ба машом мерасид. Ӯ дар ҳайрат буд, ки эшон чӣ касоне ҳастанд ва чӣ гуна аз дари баста дохил шудаанд?![1]

Тӯле накашид, ки навзоди азизаш ба дунё омад ва ба ин тартиб дидагони Омина пас аз моҳҳо интизор дар саҳаргоҳи ҳабдаҳуми рабиулаввал[2] бо дидани фарзандаш равшан шуд.

Ҳама аз ин таваллуд хурсанд буданд, вале дар ин ҳангом ки Муҳаммад(с) шабистони торику хомӯши Оминаро равшан мекард, ҷои ҳамсари ҷавонаш Абдулло холӣ буд. Ӯ дар бозгашт аз сафари Шом дар Мадина аз дунё гузашт, дар ҳамон ҷо ба хок супорида шуд ва Оминаро барои ҳамеша танҳо гузошт.[3]

1 “Биҳоруланвор”, ҷ.15, саҳ.325.

2 “Биҳоруланвор”, ҷ.15, саҳ.250.

3 “Комилуттаворих”, ҷ.2, саҳ.10, “Табақот”, ҷ.1, саҳ.61, “Биҳоруланвор”, ҷ.15, саҳ.125.



## Муҳаммад (с) навзоди аҷиб

Муҳаммад(с) ба дунё омад ва ҳамроҳ бо таваллуди ӯ ҳодисаҳое дар осмону замин, махсусан дар Машриқ, ки гаҳвораи тамадуни он рӯз буд, падидор гардид.

Ин ҳаводис ба монанди сариътарин[1] василаи хабаргузории имрӯзи ҷаҳон буд, ки аз ҳодисаи муҳимме хабар медод. Аз он ҷо, ки ин навзод мебоист одобу русуми кӯҳна ва хурофии миллатҳоро дарҳам кӯбад ва асоси нав барои пешрафту тараққии инсонҳо бирезад, аз ҳамон рӯзҳои аввал занги бедорбошро ба садо даровард.

Кохи боазамати Анӯшервон, ки шабаҳе аз қудрату салтанати абадиро дар назарҳо муҷассам мекард ва мардум ба он ва соҳибаш чашм дӯхта буданд, он шаб ларзид ва чаҳордаҳ кунгураи[2] он фурӯ рехт. Оташкадаи форс,[3] ки шӯълаҳои оташи он ҳазор сол забона мезад, якбора хомӯш шуд. Хоксорони он маъбуди хаёлӣ ва сӯзанда, ки ҳиҷобҳои таассубу тақлиди ғалат ба онон мӯҳлати фикру мутолиа намедод, ба ҳақиқат ва ҷиҳати дигаре мутаваҷҷеҳ шуданд, ҳамчунин

1 тезтарин, зудтарин.

2 “Биҳоруланвор”, ҷ.15, саҳ.257.

3 “Биҳоруланвор”, ҷ.15, саҳ.258-263.

хушкидани баҳрчаи Сова минтақаи азими дигареро бедор кард.[1]

## Ҳалима – дояи Муҳаммад (с)

Назди арабҳо аз солҳои пеш расм буд, ки кӯдакони худро пас аз таваллуд ба дояе дар миёни қабилаҳои атрофи шаҳр месупориданд, то ҳам дар ҳавои озод ва муҳити табиии саҳро парвариш ёбанд ва ҳам гуфтугӯ ба лаҳҷаҳои фасеҳи арбиро, ки дар он замон асилтарин ҷилваи он дар саҳро ёфт мешуд, фаро гиранд.[2]

Ба ин манзур ва низ ба он ҷиҳат, ки Омина барои ба таври кофӣ ғизо додани фарзандаш шир надошт, Абдулмутталиб - падарбузург (бобо) ва кафили Муҳаммад(с) ба фикри он афтод, ки барои нигаҳдории Муҳаммади азиз, ки ёдгори фарзандаш Абдулло буд, бонуи мӯҳтарам ва мутмаинеро ба доягӣ гирад. Пас аз ковиш ва таҳқиқи кофӣ Абдулмутталиб Ҳалимаро, ки аз қабилаи Бани Саъд - қабилае, ки ба шуҷоату фасоҳат маъруф буд ва аз занони покдоману асил ба шумор мерафт, барои ин кор интихоб кард.

Ҳалима Муҳаммадро ба қабилаи худ бурд ва мисли фарзанди хеш дар нигаҳдории ӯ мекӯшид. Қабилаи Бани Саъд муддате буд, ки дар саҳро

---

1 “Биҳоруланвор”, ҷ.15, саҳ.258-263.
2 “Сираи Ҳалабия”, ҷ.1, саҳ.99.



гирифтори қаҳтӣ буданд. Саҳрои хушку осмони хушктар фалокат ва фақриононро афзун сохта буд.

Аммо аз он рӯзе, ки Муҳаммад(с) ба хонаи Ҳалима омад, хайру баракат ба ӯ рӯ овард ва зиндагии ӯ, ки бо фақру тангдастӣ мегузашт, рӯ ба беҳбуд гузошт. Чеҳраи рангпаридаи Ҳалима ва фарзандаш нуру таровате пайдо кард, пистони хушкаш пур аз шир шуд ва чарогоҳҳои гӯсфандон ва шутурони он мавзеъ сабзу хуррам гашт.

Муҳаммад(с) худ низ беш аз дигар кӯдакон рушд мекард ва аз онҳо чобуктар медавид ва монанди онҳо шикаста сухан намегуфт.

Чунон файзу баракат ба ӯ ҳамроҳ буд, ки атрофиёнаш ба осонӣ ин ҳақиқатро пай мебурданд ва ба он эътироф доштанд. Ҳорис - ҳамсари Ҳалима ба ӯ мегуфт: ”Оё медонӣ чӣ фарзанди муборакe насиби мо шудааст!?”.[1]

## Муҳаммад (с) дар тӯфони ҳодисаҳо

Ҳанӯз шаш баҳор[2] аз умри Муҳаммад(с) мегузашт, ки модараш Омина барои дидори хешовандони худ ва шояд зиёрати қабри

---

1 Иқтибос аз “Биҳоруланвор”, ҷ.15, саҳ.331-395, “Сираи Ибни Ҳишом”, ҷ.1, саҳ.159-160, “Сираи Ҳалабия”, ҷ.1, саҳ.99.
2 “Биҳоруланвор”, ҷ.15, саҳ.402, 406.

шавҳараш Абдулло шаҳри Маккаро тарк гуфт ва бо ҳамроҳи Муҳаммад(с) ба сӯи Мадина равон гашт. Ӯ пас аз дидори наздикони хеш ва таҷдиди аҳд бо мазори ҳамсараш, пеш аз расидан ба Макка дар маҳалле ба номи "Абво" аз олам чашм пӯшид.[1]

Ҳамин тавр Муҳаммад(с) дар айёме аз умр, ки ҳар кӯдаке эҳтиёҷи фаровоне ба муҳаббатҳои саршори падар ва домони пурмеҳри модар дорад, ин ҳар дуро аз даст дод.

**Симои Муҳаммад (с)**

Ҳамон тавре ки валодати Паёмбари Ислом ва ҳодисаҳои баъд аз он хориқулодда[2] буд ва аз шахсияту азамати ӯ ҳикоят мекард, ҳамчунин гуфтору кирдори кӯдакии он ҳазрат ӯро аз соири кӯдакон мумтоз месохт, ба тавре ки Абдулмутталиб ба ин ҳақиқат воқиф гашта, ҳазратро фавқулодда ва бениҳоят эҳтиром мекард.[3]

Абӯтолиб - амаки Муҳаммад(с) мегуфт: "Ҳаргиз аз Муҳаммад(с) дурӯғ ва кори ношоистаю ҷоҳилона надидем, на беҷо механдид

1 "Сираи Ибни Ҳишом", ҷ.1, саҳ.168.
2 Ғайри оддӣ, мӯъҷизаовар.
3 "Биҳоруланвор", ҷ.15, саҳ.382, 402, 366.



ва на суханони беҳуда мегуфт ва бештар танҳо буд".[1]

Ҳангоме ки Муҳаммад(с) ҳафтсола буд, яҳуд гуфтанд: "Мо дар китобҳоямон хондаем, ки Паёмбари Ислом аз таомҳои ҳаром ва шубҳадор дурӣ меҷӯяд, хуб аст ӯро имтиҳон кунем. Онҳо мурғеро рабуданд ва барои Абӯтолиб фиристоданд. Ҳама аз он хӯрданд, чун намедонистанд, вале Муҳаммад(с) ба он даст назад. Вақте иллати онро аз ҳазрат пурсиданд, дар ҷавоб фармуд: "Он ҳаром аст, Худованд маро аз ҳаром ҳифз мефармояд".

Сипас аз ҳамсоя мурғеро гирифта фиристоданд, ба хаёли ин ки баъдан пулашро бипардозанд. Он ҳазрат боз ҳам ба мурғ майл накард ва фармуд: "Ин таом шубҳанок аст. Он гоҳ яҳуд гуфтанд: "Ин тифл дорои шаъну мақоми олӣ ва арҷмандест".[2]

Абдулмутталиб, ки бузурги қурайш буд бо Мухаммад(с) монанди дигар кӯдакон рафтор намекард, балки барои ӯ мақом ва мартабаи баландеро қоил буд.

Ҳангоме ки барои Абдулмутталиб ҷойгоҳе дар канори Каъба тартиб медоданд ва фарзандонаш атрофи ҷойгоҳи махсусро иҳота мекарданд,

1"Биҳоруланвор", ҷ.15, саҳ.382, 402, 366.
2 "Биҳоруланвор", ҷ.15, саҳ.336.

азамату шукӯҳи ӯ монеъ буд, ки шахсе ба он ҷо ворид шавад, вале Муҳаммад(с) тобеи он ҷалолу ҷабарут намешуд ва рост ба ҷойгоҳи махсус мерафт. Абдулмутталиб ба фарзандонаш, ки монеи вуруди Муҳаммад(с) мешуданд, мегуфт: “Писарамро раҳо кунед, ба Худо савганд, ӯ дорои шаъни азиме аст”.

Он гоҳ Муҳаммад(с) бо бузурги қурайш Абдулмутталиб менишаст ва бо ӯ ба сухан мепардохт.[1]

1 “Биҳоруланвор”, ҷ.15, саҳ.142, “Сираи Ибни Ҳишом”, ҷ.1, саҳ.168.

# 3

# Хотироте аз кӯдакӣ ва даврони ҷавонии ҳазрати Муҳаммад (с)

## Сарпарастӣ ва ҳимояти Абӯтлиб (р)

Даврони кӯдакии Муҳаммад(с) ба ранҷи ятимӣ дар сояи ҳимояти ниёи (бобо) бузургвораш Абдулмутталиб ва амаки меҳрубонаш Абӯтолиб сипарӣ шуд. Гӯё ин давраи саросар азобу ятимӣ, ки аз ҳар ғаме ҷонкоҳтар буд, рӯҳи латифашро озор медод. Барои гузоштани таҳкурсии шахсияти азими Муҳаммад(с) лозим буд дарси бурдборӣ дар баробари ҳаводис ва таҳаммули бори вазнини рисолатро, ки баъдан мебоист ба ӯҳда бигирад, ба ӯ меомӯхт.

Муҳаммад(с) кам-кам калон мешуд. Даврони ҷавонии зиндагониаш, ки даврони шукуфоии ғаризаҳо ва нерӯҳост, фаро мерасид. Ӯ агарчи аз меҳри модар ва лутфу муҳаббати падар маҳрум шуда буд, вале Абӯтолиб ба ҳукми вазифаи ахлоқӣ ва супориши таъкидкардаи падараш Абдулмутталиб аз ӯ нигоҳубин ва ҳимоят мекард. Муҳаммад(с) дар ҳақиқат барои ӯ се чиз шуда буд, писар, ёдгори бародараш Абдулло ва падараш Абдулмутталиб. Муҳаммад(с) ҷузъи оилаи Абӯтолиб ба шумор мерафт ва монанди

фарзандони дигараш бар суфраи ӯ менишаст ва дар хонаи ӯ зиндагонӣ мекард. Абӯтолиб барои Муҳаммад(с) падари меҳрубон, амаки бовафо ва мураббии дилсӯзе буд. Ин амаку бародарзода ончунон ба якдигар алоқаманд буданд, ки гӯё риштаи ҳаёти умри онҳо ба якдигар баста шуда буд. Ҳамин алоқамандии сахти онҳо сабаб шуд, ки Абӯтолиб ҳеҷ вақт Муҳаммад(с)-ро аз худ дур накунад ва дасти ӯро гирифта ба бозорҳои умумии араб монанди: “Укоз”, “Миҷанна” ва “Зилмаҷоз” барад ва ҳатто ҳангоме ки мехост бо корвони Макка барои тиҷорат ба Шом равад, натавонист ҷудоии ӯро таҳаммул кунад ва дасти ӯро гирифта ба сӯи Шом ҳаракат кард.

Муҳаммад(с) дар ҳоле ки рӯи шутур савор буд, роҳи дурударози Ясриб ва Шомро мепаймуд.[1]

### Мусоҳибаи Буҳайро бо Муҳаммад (с)

Рӯзе, ки қофилаи қурайш ба Бусро[2] наздик мешуд, зоҳиди гӯшанишине ба номи Буҳайро дар савмааи[3] худ буд. Ӯ ногаҳон дид, ки корвоне меояд, дар ҳоле ки пораи абре болои сари онҳо соя афканда ва ҳамроҳи онон ҳаракат мекунад.

1 “Сираи Ибни Ҳишом”, ҷ.1, саҳ.180.
2 Шаҳрчаи хурде дар Шом будааст.
3 Ибодатгоҳ.



Буҳайро аз савмаа поин омад ва дар гӯшае истод ва ба пешкори худ гуфт: “Бирав ба онон бигӯ имрӯз ҳамаи шумо меҳмони ман ҳастед”.

Аҳли корвон, ҷуз Муҳаммад(с), ки дар канори борҳо истода буд, назди ӯ омаданд. Буҳайро медид, ки абр дар ҷои худ истодааст ва ҳаракат намекунад. Ӯ гуфт: ”Оё ҳамаи афроди қофила дар ин ҷо ҳозиранд?”.

Гуфтанд: “Оре, ба ҷуз ҷавоне, ки аз ҷиҳати синну сол аз ҳама хурдтар аст”.

Буҳайро гуфт: “Ӯро ҳам гӯед биёяд”.

Муҳаммад(с)-ро оварданд.

Вақте омад абр ҳам бо ӯ ба ҳаракат даромад. Роҳиб хира-хира ба ӯ менигарист ва пас аз хӯрдани таом ба ӯ гуфт: ”Ман аз ту пурсише дорам, туро ба Лот ва Уззо[1] қасам медиҳам, ки ҷавоби маро бидиҳӣ”!.

Муҳаммад(с): “Мабғузтарини[2] чизҳо дар назари ман ҳамин ду ном аст, ки маро ба онҳо қасам додӣ”.

Буҳайро: ”Туро ба Худо қасам медиҳам, ки посухи маро бидиҳӣ”.

Муҳаммад(с): “Саволи худро бигӯ!”

1“Лот” ва “Уззо” номи ду буте аст, ки арабҳо онҳоро мепарастиданд ва дар мавқеъҳои лозим ба онҳо савганд мехӯрданд
2 Бадтарин, зишттарин.

Буҳайро пас аз як мусоҳибаи кӯтоҳ бо Муҳаммад(с) бар дасту пои ӯ афтод ва онҳоро бӯса зад ва гуфт: “Агар замони туро дарёбам пешопеши ту бо душманонат хоҳам ҷангид, ту бузурги фарзандони башарӣ...”.

Буҳайро пурсид: “Ин ҷавон фарзанди кист?”

Аҳли корвон ба Абӯтолиб ишора карданд, ки фарзанди ӯст.

Буҳайро: “Не, падари ин ҷавон набояд дар қайди ҳаёт бошад!”

Абӯтолиб: ”Оре, ӯ бародарзодаи ман аст”.

Буҳайро: ”Ин ҷавон ояндаи дурахшон ва муҳимме дорад, агар он чиро ман дар ӯ мебинам яҳудиён бинанд, ӯро нобуд хоҳанд кард. Эҳтиёт кун, ки яҳудиён ба ӯ осебе нарасонанд!”.

Абӯтолиб: ”Ӯ магар чӣ хоҳад кард ва яҳуд ба ӯ чӣ коре хоҳанд дошт?”.

Буҳайро: ”Ӯ дар оянда паёмбар хоҳад буд ва фариштаи ваҳй бар ӯ фурӯ хоҳад омад”.

Абӯтолиб: ”Худо ӯро танҳо намегузорад ва аз сирри душманон ва яҳудиён муҳофизат мекунад”.[1]

1 Иқтибос аз “Сираи Ибни Ҳишом”, ҷ.1, саҳ.181, “Эъломулваро”, саҳ.26, “Биҳоруланвор”, ҷ.15, саҳ.193-204.



## Чӯпонӣ ва тафаккури Муҳаммад (с)

Гарчи Абӯтолиб аз бузургони қурайш буд, вале дороии ӯ барои махориҷи вазнини оилааш кофӣ набуд. Муҳаммад(с), ки ба ҳадди рушд ва ҷавонӣ расида буд, табъан хоҳиш дошт машғули коре шавад ва аз харҷҳои вазнини амакаш бикоҳад. Ӯ дар фикри он буд, ки чӣ коре интихоб кунад, ки бо рӯҳияи ӯ бештар созгор бошад?

Аз он ҷо, ки Муҳаммад(с) мебоист баъдҳо паёмбари бузургвор ва пешвое олиқадр гардад ва бо мардуми тундмизоҷу якрав рӯ ба рӯ шавад ва бо ақидаҳои хурофӣ ва русуми ғалати даврони ҷоҳилият мубориза кунад ва кохи рафиъи[1] адолат ва муқаррароти дурусти зиндагии инсониро поя гузорад, салоҳ дид пешаи чӯпониро ихтиёр кунад.

Муҳаммад(с) гӯсфандон ва чорвоҳои хешовандони худ ва мардуми Маккаро дар биёбонҳои атрофи Макка мечаронид. Ӯ аз молҳо муҳофизат мекард ва бо музде, ки мегирифт ба Абӯтолиб кӯмак мекард.[2] Ҳамчунин аз муҳити биёбонӣ, ки аз тамоми сару садоҳо ва ҷангу ҷидолҳои мардуми шаҳр дур буд ва аз фурсати муносибе, ки дошт таҷрибаҳо омӯхт, ки дар

1 Баланд.
2 “Сираи Ибни Ҳишом”, ҷ.1, саҳ.167.

даврони рисолату сарвариаш самараҳои ширини он ошкор гардид.

Муҳаммад(с) дар ин муддат дар тамоми фазилатҳо, мурувват, некӯии хулқ, бузургворӣ, ҳамсоядорӣ ва дур будан аз разоили ахлоқӣ саромади мардум буд, то он ҷо, ки ба номи “Муҳамад Амин” шӯҳрат ёфт.[1]

### Иффат ва покдомании Муҳаммад (с)

Ҳангоме ки ғаризаҳо ва нерӯҳои нуҳуфтаи одамӣ бар асари булуғ шукуфта мешавад, кӯдакон аз марҳалаи кӯдакӣ гузашта, вориди марҳалаи пуршӯру пуҳаяҷоне мешаванд ва худро дар олами дигар мебинанд. Дар ин мавқеи ҳассос, ки навъҳои инҳирофҳо, олудагиҳо, беиффатиҳо ва бебандубориҳо ба суроғи насли ҷавон меояд, ҳар гоҳ аз онон назоратҳои дуруст ба амал наояд ва ё худи онҳо дар ҳифозат ва танзими ғаризаҳо накӯшанд, ончунон ба дараи ҳавлноки бадбахтӣ меафтанд, ки дигар камтар мумкин аст рӯи хушбахтию саодатро бубинанд.

Муҳаммад(с) дар ҷомеаи олудае зиндагӣ мекард, ки фазои онро навъҳои разоили ахлоқӣ ва гуноҳ тира сохта буд. Ҷавонон ва ҳатто пирҳои Ҳиҷоз ба тарзи шармоваре ба беиффатию инҳирофоти ҷинсӣ гароиш пайдо карда буданд,

1 “Сираи Ибни Ҳишом”, ҷ.1, саҳ.183.



то ҷое, ки дар ҳар кӯе ва маҳаллае парчамҳои сиёҳ ба аломати фасод, болои бархе аз хонаҳо афрошта шуда буд ва ашхоси бебандуборро ба он ҷо даъват мекард.

Муҳаммад(с) дар чунин ҷомеаи нопоке аз кӯдакӣ ба ҷавонӣ расид. Ӯ бо ин ки то биступанҷсолагӣ издивоҷ накарда буд, таҳти таъсири муҳит қарор нагирифт ва хурдтарин амали нодурусте аз ӯ мушоҳида нашуд. Баръакс дӯст ва душман ӯро олитарин намунаи фазилатҳо ва ахлоқ муаррифӣ карданд.

Ашъоре, ки дар ҷараёни заношӯии он гиромӣ бо Бонуи қурайш (Хадича) дар васфу мадҳи ҳазрат суруда шуд, ёдовари сифатҳои барҷаста, аз ҷумла ҳаёи ӯст, шоир хитоб ба Хадича мегуфт: “... Эй Хадича, ту дар байни ҷаҳониён ба мартабаи бузург расидӣ ва дар миёни ҳама сарафроз шудӣ, яъне ба висоли Муҳаммад(с) расидӣ, ки занони олам монанди ӯ назоидаанд. Макорими ахлоқ, азаматҳо ва ҳаё дар он ҳазрат ҷамъ аст ва ҳамеша чунин хоҳад буд”.[1]

Сароядаи дигаре дар ашъори худ чунин мегуфт: “Агар Аҳмад(с) бо ҳамаи офаридаҳо баркашида шавад бар ҳама бартарӣ дорад. Ба

1 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.74.

таҳқиқ фазилатҳои ӯ барои қурайш возеҳу ҳувайдо аст”.[1]

1 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.75.

4

## Нахустин издивоҷи ҳазрати Муҳаммад (с)

### Ҷавон ва издивоҷ

Даврони ҷавонӣ, айёми шукуфоии ғаризаҳо ва бурузи[1] нерӯҳои ҷинсии инсон аст.

Ҳангоме ки писару духтар ба ин марҳала аз син мерасанд, як тамоюли ботинӣ дар худ нисбат ба якдигар эҳсос мекунанд ва то бо ҳам ташкили оила накунанд, оромиши рӯҳӣ ва сукути хотир барои онҳо ҳосил намешавад ва оташи фурӯзони дохили онҳо хомӯш намешавад.

Аз ин ҷост, ки оини Ислом барои баҳрабардории саҳеҳ ва пешгирӣ аз фосидӣ, ки мумкин аст аз роҳи туғёни ғаризаи ҷинсӣ домангири ҷомеа шавад, дастури қатъӣ медиҳад, ки ҷавонон ҳар чи зудтар маросими издивоҷро барпо доранд ва ба баҳонаи ин, ки мабодо дар оянда натавонанд аз ӯҳдаи махориҷи зиндагӣ бароянд, аз қонуни издивоҷ сарпечӣ накунанд.[2]

Вале гоҳе вазъи зиндагӣ ончунон нобасомон аст, ки шароити аввалияи издивоҷ ва махориҷи

1 Ошкор шудан, зоҳир шудан.
2 Истифода аз Қуръони Маҷид, ояти 31-32, сураи “Нур”.

зиндагӣ ғайримақдур[1] ба назар меравад. Бидуни шак дар ин гуна мавридҳо бояд дар интизори фароҳам шудани шароити мусоиди зиндагӣ аз издивоҷ худдорӣ кард ва ба покдоманию иффат гароид.[2]

Муҳаммад(с) низ то сиюпанҷсолагӣ[3] дар чунин шароити сахте қарор дошт ва аз лиҳози умури молӣ қодир набуд издивоҷ кунад, пас беҳтар дид, ки аз иқдом ба издивоҷ худдорӣ кунад ва ба интизори фароҳам шудани имконот ва шароити зиндагӣ, умр ба сар барад.[4]

### Пешниҳоди Хадича

Хадича, ки зани сарватманд ва бошарофат буд, сарвати худро дар ихтиёри дигарон мегузошт, то барои ӯ тиҷорат кунанд ва дар муқобили кори худ ҳаққе дарёфт кунанд.

Замоне ки овозаи амонат, дурустӣ, фазилат ва бузургвории Муҳаммад(с) дар Арабистон печид ва ба гӯши Хадича расид, ба фикри ин афтод, ки бо Муҳаммад(с) кор кунад. Ин мавзӯъро бо ӯ пешниҳод кард ва изҳор дошт: “Молеро бо як ғулом (ки Майсара номида мешавад) дар ихтиёри шумо мегузорам ва дар муқобил беш аз

1 Қодир набудан, нотавонӣ.
2 Истифода аз Қуръони Маҷид, ояти 31-32, сураи “Нур”.
3 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.3, “Таърихи Яъқубӣ”, ҷ.2, саҳ.15.
4 “Аъёнушшиа”, ҷ.2, саҳ.8, “Сираи Ҳалабия”, ҷ.1, саҳ.152.



он чи ба дигарон медодам, ба шумо мепардозам”.

Муҳаммад(с), ки аз вазъи зиндагии Абӯтолиб бохабар буд ва медонист вазъи молии амакаш дар асари фарсудагӣ, пирӣ, зиёдии афроди оила ва камии даромад ризоятбахш нест, ин пешниҳодро аз Хадича пазируфт.[1]

### Хадича кист?

Хадичаи духтари Хувайлид, зане буд бошахсият. Ӯ ду бор шавҳар карда буд. Абӯҳола ва Атиқи Махзумӣ шаҳварони аздунёрафтаи ӯ буданд. Хадича бо ин ки чил сол аз умраш мегузашт, дар асари сарвати фаровон ва маҳбубияташ хостгорони зиёде аз бузургони қурайш ва риҷоли вақт дошт. Хадича бошад дасти рад ба синаи онҳо мезад ва тан ба издивоҷ намедод, зеро медонист, ки онон ё марди зиндагӣ нестанд ва ё танҳо ба молу сарвати ӯ чашми тамаъ дӯхтаанд.[2]

### Муҳаммад (с) ба сӯи Шом ҳаракат кард

Ҳангоме ки корвони тиҷории қурайш омодаи ҳаракат ба Шом гардид ва Муҳаммад низ

1 “Сираи Ибни Ҳишом”, ҷ.1, саҳ.188, чопи соли 1375-и ҳиҷрии қамарӣ, “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.22.
2 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.12, “Таърихи Табарӣ”, ҷ.3, саҳ.1127.

шароити сафарро муҳайё сохт ва хост ба корвон пайвандад, Хадича ба ғуломи худ Майсара дастур дод: “Ту ҳам ҳамроҳи Муҳаммад(с) ва дар хидмати ӯ ба Шом бирав”.

Гарчи ҷузъиёти ин сафари таърихиро дар ин китобча наметавон овард, вале ҳамин қадар бояд гуфт, ки ин сафари хайрҳою баракатҳо монанди: фоидаи фаровон дар тиҷорат, ошкор кардани шахсияти шигифтангези Муҳаммад(с) барои аҳли корвон, бархӯрди роҳиби масеҳӣ бо он ҳазрат ва пешгӯии ӯ аз нубуввату паёмбарии он бузургвор[1] ва фароҳам шудани муқаддимаи як васли фархундаро, ҳамроҳ дошт.

Ин сафар пас аз муддате хотима ёфт ва корвон аз Шом баргашт.

Майсара шарҳи ҷузъиёти сафар, суди фаровон ва бесобиқае, ки барои онҳо шуда буд, ҳамчунин бузургвориҳою каромотҳое, ки дар ин сафар аз Муҳаммад(с) ошкор шуда буд, ҳамаро барои Хадича нақл кард.[2]

Хадича бо шунидани ин гузоришҳо ва низ суханоне, ки аз як олими яҳудӣ дар бораи шахсияти осмонии Муҳаммад(с) ва издивоҷи вай бо мӯҳтарамтарини занони қурайш (Хадича)

---

1 “Сираи Ибни Ҳишом”, ҷ.1, саҳ.188. Ин роҳиб ғайр аз Буҳайро аст, ки он ҳазратро дар кӯдакӣ мулоқот кард.
2 “Комил”-и Ибни Асир, ҷ.2, саҳ.39, чопи Бейрут.



шунида буд, боис гардид, ки на танҳо меҳру алоқаи Муҳаммад(с)-ро дар дил бипарварад, балки мӯҷиб шуд, ки ӯро шавҳари ояндаи худ бидонад.[1] Ҳамчунин матолибе, ки амакаш Варақа ибни Навфал ба унвони пешгӯиҳои паёмбарони гузашта дар бораи башорати зуҳури Муҳаммад(с) ва ҳамсарии Хадича бо ӯ гуфта буд,[2] шавқи Хадичаро фаровонтар кард.

Вале чӣ гуна ба ӯ ин масъаларо дар миён бигзорад?

Ин худ барои ӯ ки бошахсияттарин занони қурайш буд, кори осоне набуд.

### Пешниҳоди издивоҷи Хадича

Хадича аз Нафиса, ки дӯст ва маҳрами асрораш буд, хост то дар ин замина бо Муҳаммад(с) гуфтугӯ кунад. Нафиса пеши Муҳаммад(с) рафт ва гуфт: “Чаро издивоҷ намекунӣ?”.

Ӯ ҷавоб дод: “Шароити зиндагӣ ва тавони молиам иҷозат намедиҳад”.

Нафиса гуфт: Ҳар гоҳ ин ишкол биравад ва зане соҳибҷамол, молдор, шарофатманд ва аз хонадони маъруф барои ту пайдо шавад, оё қабул мекунӣ?”

---

1 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.20-21.
2 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.20-21..

Муҳаммад(с) фармуд: “Чунин зане, ки мегӯӣ кист?”.

Нафиса гуфт: “Хадича”.

Муҳаммад(с) Гуфт: “Ин гуна мешавад, ӯ, ки хостгории ашрофу сарватмандони қурайшро рад кардааст, оё бо ман издивоҷ хоҳад кард?!

Нафиса гуфт: ”Бале ин пайванд шуданӣ аст ва ман анҷом медиҳам”.[1]

Ҳангоме ки Муҳаммад(с) боварӣ ҳосил кард, ки Хадича моил аст бо ӯ издивоҷ кунад, ҷараёнро бо амакҳояш дар миён гузошт. Онон бо шунидани ин хабари хурсандибахш бисёр шод шуданд. Онҳо расми хостгориро анҷом доданд ва саранҷом бо шукӯҳи хосе ҷашни арӯсиро баргузор карданд.[2]

Муҳаммад(с) беҳтарин давраи заношӯӣ, яъне ҳудуди 25 сол аз умри худро бо Хадича гузаронд ва бо ӯ ки на танҳо барои Муҳаммад(с) як ҳамсари хуб буд, балки бузургтарин ёру мададгораш ба ҳисоб мерафт, зиндагӣ кард”.[3]

Хадича аввалин бонуе аст, ки ба Муҳаммад(с) имон овард ва дороияшро барои густариши оини Ислом дар ихтиёри ӯ гузошт.[4]

---

1 “Сираи Ҳалабия”, ҷ.1, саҳ.152, “Аъён-уш-шиа”, ҷ.2, саҳ.8.
2 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.56, 73.
3 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.7, 10, 11 ва “Эъломулваро”, саҳ.146.
4 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.71, “Аъён-уш-шиа”, ҷ.2, саҳ.8.



Муҳаммад аз ин издивоҷ дорои шаш фарзанд шуд. Ду писар ба номи Қосим ва Тоҳир, ки дар ҳамон овони кӯдакӣ дар Макка аз дунё гузаштанд ва чаҳор духтар ба номҳои Руқия, Зайнаб, Умми Кулсум ва Фотима алайҳоссалом, ки барҷастатарини онҳо буд.[1]

Хадича ба хотири азхудгузаштагӣ ва фидокории беназире, ки нисбат ба Муҳаммад(с) ва оини ӯ нишон дод, на танҳо дар замони ҳаёташ мавриди алоқаи шадиди Паёмбар(с) буд, балки баъд аз марг ҳам ҳар гоҳ ёди ӯ мекард бисёр андӯҳгин мешуд[2] ва гоҳе дар фироқи ӯ ашк мерехт. Ҳар чи буд офтоби умри Хадича дар синни 65-солагӣ, яъне дар соли даҳуми биъсат ғуруб кард[3] ва хонаи Муҳаммад(с) барои ҳамеша аз фурӯғи Хадича хомӯш гашт.

---

1 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.3, “Эъломулваро”, саҳ.146, “Аъён-уш-шиа”, ҷ.2, саҳ.18.
2 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.8.
3 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.13.

## 5

## Фалсафаи издивоҷҳои ҳазрати Муҳаммад (с) ва намунае аз тӯҳматҳои масеҳият

### Намунаҳое аз тӯҳматҳои масеҳият

Дар оғози қарни ҳаждаҳум нависандагони масеҳӣ муборизаи наверо бар зидди Ислом шурӯъ карданд. Онҳо бо интишори китобҳое, ки пур аз дурӯғ ва бӯҳтон буд, мехостанд мардумро аз таваҷҷӯҳ ба оини Ислом дур ва нисбат ба пешвои бузурги он ҳазрати Муҳаммад(с) бадбин созанд.[1]

Сарчашма ва маъхази аввалияи ин афсонаҳо осор ва таълифҳои мутаассибони масеҳии қарнҳои миёна буд, хусусан дар қарни понздаҳуми милодӣ шахсе ба номи Ҷон Андра Моур таҳти унвони ”Рад бар дини Муҳаммад” китобе навишт, ки мавриди истифодаи нависандагони китобҳои зидди исломии баъдӣ гардид. Чун нависандагони дигар забони арабӣ намедонистанд ва ба манобеи исломӣ дастрасӣ надоштанд, дар бораи исломшиносӣ фақат ба

1 “Ислом аз назари Волтер”, ҷ.2, саҳ.5.



нусхабардорӣ ва рӯнавишти китоби ӯ қаноат варзиданд.[1]

Нависандагоне, ки “Китоби Муқаддас”-и онон ба таври ошкор зиноро ба пайғамбарон нисбат медиҳад,[2] дар бораи пешвои бузурги мо ҳазрати Муҳаммад(с) менависанд: “Он ҳазрат тобеи ҳавою ҳавас буд ва бо ин, ки ба пайравонаш дастур медод, ки беш аз чаҳор зани доимӣ ихтиёр накунанд, худаш занони бештаре дошт!”[3]

Онҳо ба хаёли хоми худ хостаанд Паёмбари Исломро дар назари хонандаи бехабари масеҳӣ ҳавасбоз муаррифӣ намоянд, то ба ин васила шахсияти ӯро доғдор кунанд ва аз пешрафту густариши Ислом бикоҳанд.

Вале ин пиндор ҳам монанди соири пиндорҳои онон пучу беасар буд ва дер напоид, ки донишмандони боинсофи масеҳӣ ба дифоъ аз Паёмбари Ислом(с) пардохтанд ва аз ҳамлаҳое, ки ба пешгоҳи Муҳаммад(с) ва Қуръон шуда буд, узр хостанд.

Мусаллам аст, ки ин афсонаҳо назди мо, ки мӯътақид ба исмат ва покии анбиё ҳастем, бисёр нодуруст аст. Аммо барои касоне, ки дар ин

1 “Ислом аз назари Волтер”, ҷ.2, саҳ.6.
2 “Китоби Самуил ”, боби 11
3 “Ҳаёти Муҳаммад(с)”, навиштаи доктор Ҳайкал, саҳ.315.

ақида бо мо ҳамроҳ нестанд, лозим аст ҳақиқати матлаб дақиқан равшан гардад.

### Қазовати таърих

Таърихнависони муҳаққиқ ва бетараф новобаста ба ин, ки мусулмон бошанд ё масеҳӣ навиштаанд, ки: “Издивоҷҳои Расули Худо(с) барои шаҳватронӣ набудааст, зеро агар чунин буд, он ҳазрат дар синни биступанҷсолагӣ, ки даврони шӯру ҳаяҷони ҷавонон аст ва афкори ононро чизе ҷуз доштани ҳамсари ҷавон машғул намесозад, бо Хадича, бонуи чилсола, ки нишоту ҷавониро дар хонаи ду шавҳари собиқаш аз даст дода буд, издивоҷ намекард”.

Муҳаммад(с) қариб биступанҷ сол[1] бо Хадича дар камоли сафову самимият зиндагӣ намуд ва бо ин, ки дӯшизагону занони зебои араб орзуи ҳамсарии он ҳазратро мекарданд, вале ӯ ҳатто як бор ҳам бо дӯшиза ва зани дигаре издивоҷ накард. Бешак, агар Паёмбари Ислом марди ҳавасроне буд, наметавонист дар ин муддати тӯлонӣ аз ҳамсарии занони ҷавон худдорӣ намояд.

### Пурсише аз эродкунандагон

1 “Муруҷуззаҳаб”, ҷ.2, саҳ.287.



Агар касе аз ин ҷанобон бипурсад: “Чӣ шуд, ки Расули Акрам дар ибтидои ҷавонӣ бо беваи солхӯрда зиндагӣ мекард ва бо зани дигаре издивоҷ накард, вале дар даҳ соли охири зиндагии худ, ки пирӣ ва ҳифзи таодули сиёсии дохилӣ ва хориҷии Ислом маҷоли издивоҷ ба ӯ намедод, ба издивоҷҳои гуногуне иқдом намуд?

Оё нигаҳдории занҳои ятимдор ва дармонда, худ риёзати[1] бузурге набуд? Оё муоширати заноне, ки дорои ахлоқу салиқаҳои гуногуне буданд, бо айшу нӯш созгорӣ дорад? Оё зиндагии як марди комил, ки беш аз панҷоҳ сол дорад, бо зани ҷавоне, ки ҳанӯз ҳудуд ва мақоми афродро намедонад кори осоне буд?”,[2] посухе надоранд ва дар мемонанд. Бояд эътироф кунанд, ки ҳаргиз Муҳаммад(с) шаҳватпараст набуд ва аз рӯи зулму ситам ӯро муттаҳам ба шаҳватронӣ намуданд ва ин чӣ андоза ситаму беинсофӣ аст.

Ҷон Дюн Порт мегӯяд:

> ***“Оё мумкин аст марде, ки ба шаҳват таваҷҷӯҳи зиёде дорад, дар чунин кишваре, ки бисёрзанӣ амали оддӣ шуморида мешуд, барои муддати 25 сол ба як зан қонеъ бошад?”.***[3]

1 Азобу гирифторӣ.
2 Манзур ҳамсари паёмбар, Оиша аст.
3 “Узри тақсир ба пешгоҳи Муҳаммад ва Қуръон”, саҳ.35.

## Шумори ҳамсарони Расули Худо (с)

Паёмбари Ислом баъд аз Хадича ҳамсарони дигаре интихоб кард. Аз он ҷумла: Суда, Оиша, Ғазия, Ҳафса, Умми Ҳабиба, Умми Салама, Зайнаб - духтари Ҷаҳш, Зайнаб - духтари Хузайма, Маймуна, Ҷувайрия, Сафия.[1]

Акнун лозим аст мавқеият ва шароите, ки тақозо мекард Расули Худо издивоҷҳои мутааддид намояд, баррасӣ кунем.

Одатан метавон гуфт: "Издивоҷи Паёмбари Ислом ба чанд манзур будааст:

***1 - Ба хотири муҳофизати ятимон, дармондагон ва нигоҳдории обрӯи касоне, ки қаблан дар вусъат ва иззат зиндагӣ мекарданд, вале бо аз даст додани сарпарасти худ обрӯ ва имонашон дар хатар буд. Зеро қабилаи онон онҳоро ба сӯи худ мебурданд ва ба куфру нофармонӣ маҷбурашон мекардаанд,*** монанди Суда, ки пас аз муҳоҷират ба Ҳабаша шавҳараш вафот кард ва бесарпараст монд.

Расули Худо, ки Хадичаро аз даст дода буд ва ҳамсаре надошт ба ӯ издивоҷ кард.[2]

Дигар Зайнаб духтари Хузайма - зани бевае, ки пас аз марги шавҳар аз як тараф ба бесарпарастӣ

1 "Биҳоруланвор", ҷ.22, саҳ.200-204.
2 "Ҳаёти Муҳаммад(с)", навиштаи доктор Ҳайкал, саҳ.319.



ва аз тарафи дигар ба фақр гирифтор буд, дар ҳоле ки зане бахшанда, дилҷӯ ва маъруф ба Уммулмасокин (модари бенавоён) буд. Расули Худо ба хотири ҳифзи обрӯи Зайнаб бо ӯ издивоҷ кард. Зайнаб дар замони Паёмбар(с) вафот кард.[1]

Умми Салама низ мусин, ятимдор, боимон буд ва ба издивоҷи пайғамбар даромад.[2]

***2 - Ба хотири вазъи қонун ва кӯбидани суннатҳои ғалати ҷоҳилият,*** монанди Зайнаб духтари Ҷаҳш – духтари аммаи Расули Худо(с), ки бо Зайд ибни Ҳориса, писархондаи он ҳазрат издивоҷ карда буд. Ин издивоҷ, ки бо дастури Паёмбари Ислом сурат гирифт, худ намунае аз лағви имтиёзоти ғалати табақотӣ дар Ислом аст, зеро Зайнаб яке аз наберагони Абдулмутталиб,- бузурги қурайш ва Зайд аз назари хонаводагӣ ғулом буд, ки ба василаи Расули Акрам(с) озод гардид.

Зайнаб ба хотири шахсияте, ки дошт, ба Зайд бузургӣ мефурӯхт ва аз ин ҷиҳат зиндагии худро талх мекард ва ҳар чи Паёмбар(с) онҳоро насиҳат кард, таъсир набахшид ва саранҷом Зайд ба Зайнаб бемайл гардид ва ӯро талоқ дод.[3]

1 "Ҳаёти Муҳаммад(с)", навиштаи доктор Ҳайкал, саҳ.320, "Биҳоруланвор", ҷ.22, саҳ.203.
2 "Ҳаёти Муҳаммад(с)", навиштаи доктор Ҳайкал, саҳ.321.
3 "Биҳоруланвор", ҷ.22, саҳ.214-218.

Пас аз он, ки Зайнаб талоқ гирифт, Паёмбари Ислом(с) ба фармони Худованд ӯро ба ақди худ даровард то расмеро, ки миёни мардуми ҷоҳилият бедалел ва маслиҳат ривоҷ дошт, аз байн барад (чун онҳо писархондаи худро писари воқеӣ медонистанд ва ҳамсари ӯро намегирифтанд).[1]

### Тӯҳматҳои ноҷавонмардона

Баъзе аз нависандагони масеҳӣ дар ин қазия чунон гирифтори каҷравӣ ва тӯҳматзадан шудаанд, ки менависанд: "Расули Худо ошиқи зебоии Зайнаб шуд!" Ин сухан ба андозае нораво ва нодуруст аст, ки бар хилофи тамоми таърихҳои мӯътабар ва шавоҳиди ақлӣ аст, зеро агар Паёмбари Ислом асири нафс ва гирифтори чунин афкоре буд ё зебоию ҷамоли Зайнаб ба он дараҷа буд, ки он ҳазрат мафтуни ӯ гардад, чаро ҳангоме ки Зайнаб дӯшиза буда, таровати махсусе дошт ва ҳазрат ҳам ҷавону бонишот буд, ба ӯ дил набаст. Хусусан бо таваҷҷӯҳ ба ин, ки Зайнаб ношинос (бегона) набуд, балки аз наздикони Расули Худо(с) ба шумор мерафт ва маъмулан оилаи якдигарро дида ва аз зиштию зебоии якдигар бохабаранд.

1 Сураи "Аҳзоб", ояти 37.



***3 - Ба хотири озодии асирон ва бардагон,*** монанди Ҷувайрия.

Ҷувайрия аз қабилаи бузурги Бани Мусталақ буд, ки пас аз набард бо артиши Ислом мағлуб ва асир шуданд. Паёмбари Ислом бо Ҷувайрия - духтари Ҳорис, ки бузурги онҳо буд издивоҷ кард. Мусулмонҳо вақте диданд, ки асирон аз мансубини он ҳазрат шудаанд, бисёре аз онҳоро озод сохтанд ва ба қавли Ибни Ҳишом аз баракати ин издивоҷ сад хонаводаи Бани Мусталақ озод шуд.[1]

***4 - Ба хотири пайванд ба қабилаҳои бузурги араб ва пешгирӣ аз коршиканиҳои онон ва ҳифзи сиёсати дохилӣ*** Паёмбари Ислом(с) бо Оиша, Ҳафса, Умми Ҳабиба, Сафия ва Маймуна издивоҷ кард.

Умми Ҳабиба - духтари Абӯсуфиён ҳамон кас, ки хонадони ӯ бо дудмони рисолат душмании оштинопазир доштанд, мебошад. Шавҳари ӯ дар Ҳабаша аз Ислом баргашт ва насронӣ шуд ва сипас аз олам даргузашт. Умми Ҳабиба сахт дар изтироб ва нороҳатӣ умр ба сар мебурд, зеро ӯ мусулмон, вале падараш Абӯсуфиён душмани рақами яки пайғамбар буд ва аз ин хотир наметавонист ба ӯ паноҳ барад. Аз ин ҷост, ки Умми Ҳабиба зани бесарпараст ва маҳрум буд, ки

1 "Сираи Ибни Ҳишом", ҷ.3, саҳ.295.

Паёмбари Ислом барои ҷалби дилҳои Бани Умайя ва ҳамчунин сарпарастии Умми Ҳабиба бо ӯ издивоҷ кард.[1]

Сафия - духтари Ҳубай ибни Ахтаб, раиси қабилаи Бани Назир буд. Пас аз он ки асирони яҳуд дар миёни мусулмонон пахш шуданд, ҳазрат барои ҳифзи шахсияти Сафия бо ӯ пайванди заношӯӣ баст ва ба ин васила бо яке аз бузургтарин қабилаҳои Бани Исроил тарҳи хешовандӣ рехт.[2]

Маймуна аз қабилаи бузурги Бани Махзум буд, ки Расули Худо(с) дар соли ҳафтуми ҳиҷрӣ бо вай издивоҷ кард.[3]

Занҳои паёмбар ҷуз Оиша, дар мавқеи издивоҷ бо Расули Акрам(с) бева буданд ва бештари онон даврони ҷавонию нишоташон гузашта буд. Ин худ бузургтарин далел аст, ки издивоҷҳои Расули Худо(с) рӯи маслиҳатҳо ва ҳадафҳои муқаддаси Ислом будааст. Аз ин хотир ҳаргиз тӯҳмати ҳавасронӣ ва ғайра бар Паёмбари Ислом намечаспад.

1 “Сираи Ибни Ҳишом”, ҷ.1, саҳ.223, “Эъломулваро”, саҳ.141.
2 “Эъломулваро”, саҳ.142.
3 “Биҳоруланвор”, ҷ.22, саҳ.203, “Сираи Ибни Ҳишом”, ҷ.1, саҳ.372.

# 6

## Шахсияти ҳазрати Муҳаммад (с) пеш аз биъсат

### Асли муҳокот[1]

Равоншиносон мӯътақиданд: “Муҳит, созандаи зербинои шахсият ва тарзи тафаккури афрод аст ва асли “ҳамрангӣ ва ҳамоҳангӣ” ононро аз паси афкор ва кирдори ҷомеа мекашонад”.

Гарчи гурӯҳе аз онон дар ин масъала ифротӣ шудаанд ва ин назарияро як асли куллӣ ва ҳамаҷониба пиндоштаанд ва тамоми падидаҳои иҷтимоиро беистисно бо ин қонун таҷзияю таҳлил мекунанд, вале асли таъсири “ҷомеа” дар рӯҳияи афкор қобили инкор нест.

Бинобар ин муҳити тақво ва фазилат фарзандонро ботақво ва муназзам тарбият мекунад. Агар ҷамъият фосид ва мунҳариф бошад навъан афродро ба партгоҳи фасод ва инҳироф мекашонад. Пас касоне, ки роҳи худро аз масири ҷомеаи олуда ҷудо мекунанд, инсонҳои оддӣ ва маъмулӣ нестанд.

1 Таъсиргузорӣ ва таъсирпазирӣ.

## Муҳити Арабистон пеш аз зуҳури Ислом

Ҷаҳон, ба хусус Арабистон дар баҳри ошӯб ва ҷаҳл ғарқ буд ва тӯдаи араб дар оташи фасод ва хурофот месӯхт. Абрҳои сиёҳи ҷаҳолат уфуқи зиндагии арабҳоро торик сохта буд. Онон дар рӯзгори сиёҳ умр ба сар мебурданд, чӣ молҳо, ки ба ғорат мерафт ва чӣ хунҳо, ки ба ноҳақ рехта мешуд!

Аз ҳама нангинтар муҷассамаҳои беҷоне буданд, ки мавриди парастиши онҳо воқеъ мешуд.[1] Мавҳумот[2] ва ихтилофоти табақотӣ бо шадидтарин вазъ ҳукумат мекард. Чизе, ки вуҷуд надошт, қонун ва адолат буд. Тавонгарони беотифа аз дастранҷи дигарон ва хуни дили ятимону бевазанон симу зар меандӯхтанд ва табақаи ранҷбару заҳматкашро истисмор мекарданд.

Барномаи онон дар касбу тиҷорат ба андозае нодуруст буд, ки дар муқобили қарзи шавҳари нотавон, занро масъул медонистанд ва дар баробари талабе, ки аз зани нотавон ва дармонда доштанд, шавҳари ӯро боздошт мекарданд.[3]

---

1 "Таърихи тамаддун"-и Вилл Дуронт, китоби чаҳорум, тарҷумаи Абулқосим Поянда, ҷ.11, саҳ.1-10.
2 Хурофот, тасаввуроти хурофӣ.
3 "Доиратулмаориф"-и Фарид Ваҷдӣ, ҷ.5, саҳ.250.



Ивази ин, ки худ ба камол ва таҳсили улум бипардозанд ба гузаштагон ва зиёдии афрод ифтихор мекарданд. Гоҳе низ барои ин ки исбот кунанд, бархе аз онон аз қабилаи дигар бештар аст, ба гӯристон мерафтанд ва қабрҳоро шуморида замима[1] мекарданд![2]

Шаҳватронӣ, майгусорӣ ва хунрезӣ аз корҳои рӯзмарра ва пешипоафтодаи онон буд.[3]

Имраулқайс- шоири машҳури араб саргузашти худро бо духтари амакаш Ҳунайза, ки намудоре аз як ишқбозии шайтонӣ ва ҷунуномез аст, бо камоли бешармӣ дар ашъораш шарҳ медиҳад ва аҷибтар он ки ҳамон ашъорро ҷузъи олитарин осори адабӣ дар хонаи Каъба меовехтанд!

Ин дурнамой аз вазъи умумӣ, ахлоқ ва рафтори ҷомеае буд, ки нури Ислом аз уфуқи торики он зоҳир шуд.

Бадеҳӣ аст касе, ки ранги ин иҷтимоъро ба худ нагирад, балки аз он ранҷ ҳам бибарад ва ба муориза[4] бо он бархезад, дорои шахсияти азим ва малакутӣ аст, ки шоистаи раҳбарии миллатҳо ва наҷоти онон аз нобасомониҳо мебошад.

---

1 Изофа.
2 "Маҷмаулбаён", ҷ.10, саҳ.534.
3 "Ал-асрулҷоҳилӣ, доктор Суфӣ Сайф, чопи панҷум, Миср, саҳ.70.
4 Зиддият, мухолифат.

**Паёмбарон созандаи муҳит буданд, на пайрави он**

Ҳама ба сӯи буткада мерафтанд, вале Муҳаммад(с) бошад, бо ин ки аз касе дарсе фаро нагирифта буд,[1] роҳи кӯҳи “Ҳиро”-ро пеш мегирифт ва он ҷо дар муқобили қудрату азамати Офаридгори ҷаҳон хоксор мешуд ва ӯро мепарастид.[2]

Муҳаммад(с) дар партави иноятҳои Худованд аз ҳамон ибтидо роҳи худро мушаххас кард ва бе ҳеҷ изтиробу тардид равишҳои нодурусти қавми худро маҳкум кард ва бар хилофи он суннатҳои ғалат гом бардошт.[3]

Ӯ натанҳо лаҳзае аз умри шарифашро ба бутпарастӣ нагузаронд, балки аз шунидани номи онҳо ҳам безор буд. Чунон ки дар фаслҳои гузашта низ гуфтем, ҳангоме ки дувоздаҳсола буд ва (Буҳайро) ӯро бо номи ду бути маъруф “Лот ва Уззо” қасам дод он ҳазрат дар ғазаб шуда гуфт: “Ман ҳеҷ чизро ба андозаи ин ду душман намедонам”.[4]

1 Сураи “Анкабут”, ояти 48.

2 “Биҳоруланвор”, ҷ.18, саҳ.280.

3 “Биҳоруланвор”, ҷ.18, саҳ.277-281 ва “Наҳҷулбалоға”-и Файзулислом, саҳ.502.

4 “Эъломулваро”, саҳ.17-18, чопи Наҷаф, “Биҳоруланвор”, ҷ.15, саҳ.410.



Азамату покии ӯ забонзади хосу ом буд, дурусткорию амонатдориаш лақаби “Амин” ба ӯ бахшид. Ҳамин сифати писандида сабаб шуд, ки Хадича колои тиҷории худро ба ӯ бисупорад.

Ахлоқу рафтори Муҳаммад(с) ба андозае олӣ ва дилнишин буд, ки ҳама мафтунаш мешуданд.

Аммор мегӯяд: “Пеш аз биъсат ман ва Муҳаммад(с) чӯпонӣ мекардем. Рӯзе аз рӯзҳо ба ӯ пешниҳод кардам, ки хуб мешуд агар ба чарогоҳи “Фах” мерафтем. Муҳаммад изҳори мувофиқат кард. Вақте фардо шуд ва ба он ҷо рафтам Муҳаммад(с)-ро дидам, ки қабл аз ман ба он ҷо рафта аст, вале гӯсфандони худро аз чаридан нигаҳ медорад.

Пурсидам: Чаро намегузорӣ гӯсфандон бичаранд?

Гуфт: Чун ба ту ваъда дода будам, майл надоштам пеш аз ту гӯсфандони ман аз ин чарогоҳ истифода кунанд”.[1]

Муҳаммад ба ин тартиб масири дигареро тай мекард ва шефтаи суннатҳо ва одатҳои қавмӣ намешуд. Ӯ таҳти назорати омили ғайбӣ ба такомули худ идома медод. Ба ҳамин ҷиҳат мардум нисбат ба ӯ эҳтироми зиёде қоил буданд ва дар ҳалли мушкилот ба раъй ва назари ӯ

1 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.224.

аҳамияти зиёде медоданд ва аз вай пайравӣ мекарданд.

### Насби ҳаҷаруласвад ва назарияи Муҳаммад (с)

Паёмбари Ислом 35 сол дошт, ки қурайш тасмим гирифтанд Каъба, яъне Хонаи Худоро ба вазъи беҳтаре мураттаб кунанд. Қабилаҳои қурайш, ки ҳамаашон мехостанд ифтихори ин бинои муқаддасро дошта бошанд, ҳар кадом қисмате аз сохтмони Каъбаро ба ӯҳда гирифтанд.

Ибтидо Валид ба вайрон кардани хона шурӯъ кард, сипас дигарон ӯро кӯмак карданд, то пояҳое, ки Иброҳими Халил(а) бино карда буд, намоён шуд. Он гоҳ ҳар қабила сохтмони қисмате аз хонаро ба даст гирифт. Замоне, ки бинои хона ба ҷое расид, ки бояд "Ҳаҷаруласвад" дар он ҷо насб шавад, ихтилофи шадиде миёни қабилаҳои қурайш рух дод. Зеро ҳар даста аз онон мехостанд ин кор ба дасти онҳо тамом шавад ва ин ифтихор насиби онҳо шавад.

Рафта-рафта доманаи ихтилоф боло гирифт то аз ҳам ҷудо шуданд ва ба муборизаи зидди якдигар омода шуданд.

Писарони Абдуддор косаи бузургеро пур аз хун карданд ва дастҳои худро дар он фурӯ бурда, ба ин тартиб аз якдигар паймони марг ва кушташудан гирифтанд.

Ин ихтилофи ваҳшатзо чаҳор ё панҷ шаб тӯл кашид то ин ки Абӯумайя ки солхӯрдатарин



афроди қурайш буд, гуфт: "Пешниҳоди ман ин аст, ки аввалин касе, ки аз дари масҷид ворид мешавад, ӯро дар ин масъала довар қарор диҳем ва назарияи ӯро ҳамагӣ бипазирем то мушкил ҳал шавад".

Қурайш пешниҳоди ӯро пазируфтанд ва мунтазири он буданд, ки чӣ касе аз дари масҷид ворид мешавад, ногаҳон Паёмбари Ислом(с) ворид шуд, чашми онон вақте бар ӯ афтод гуфтанд: "Ин амин аст, ин Муҳаммад аст, мо ба раъйи ӯ розӣ ҳастем".

Муҳаммад(с), ки аз ин ҷараён хабаре надошт, вақте аз қазия огоҳ шуд, гуфт: "Ҷомае биоваред". Қурайш бо ин ки аз манзури он ҳазрат бехабар буданд, фавран ҷомае ҳозир карданд. Паёмбар ҷомаро паҳн кард ва "Ҳаҷаруласвад"-ро дар миёни он гузошт ва гуфт: "Ҳар як аз қабилаҳо як тарафи ин ҷомаро бигирад то ҳама дар ин ифтихор саҳим бошанд". Қурайш атрофи ҷомаро гирифта боло бурданд то ба ҷое расид, ки бояд Ҳаҷаруласвад дар он ҷо насб шавад. Он вақт Муҳаммад(с) дид, ки агар гузоштани сангро ба дигаре вогузор кунад, ихтилофу низоъ ба вуҷуд меояд. Бинобар ин шахсан худи ҳазрат Ҳаҷаруласвадро бардошта дар ҷои худ гузошт ва

бо ин тадбири олӣ ихтилофро ба куллӣ аз миён бардошт.[1]

Ин қазия ба хубӣ шахсияти азими иҷтимоии Муҳаммад(с)-ро равшан мекунад ва аз тарафе ҳусни тадбир ва фикри дурусти ӯро, ки нотинҷии ваҳшатнокеро бехунрезию набард анҷом дод, ошкор мекунад.

Ба ин тартиб дониста мешавад, ки вай шоистаи мақоми паёмбарӣ, парчамдори инқилоби осмонӣ ва муқаддас будааст.

1 “Сираи Ибни Ҳишом”, ҷ.1, саҳ.192-197, “Биҳоруланвор”, ҷ.15, саҳ.327, 412.

# 7

## Оғози ваҳй

### Рисолати ҷаҳонии Муҳаммад (с)

То кунун аз дафтари ҳаёти Муҳаммад(с) саҳифаҳоеро варақ задаем ва шаммае аз зиндагии пурнишебу фарози он ҳазратро хондаем. Инак яке аз ҳассостарин фарозҳои таърихи ҳаёти ӯро аз назар мегузаронем

Муҳаммад(с) чиҳил сол дар миёни ҷомеаи бесарпараст ва бесарубор мезист, ки осори тамаддун ва инсоният дар он ба чашм намехӯрад ва ин мавзӯъ рӯҳи латифи он ҳазратро меозорад.

Муҳаммад(с) ҷуз торикии ҷаҳолат чизе намедид, ба Каъба мерафт, ба ҷои худопарастӣ бутпарастӣ медид, Каъбаро тарк мегуфт ва ба миёни мардум мерафт. Дар он ҷо ҳам аз мушоҳидаҳои худ дилгир мешуд, аз афкору одатҳои палиди қавми худ андӯҳгин мегардид, аз вазъи бесомони ранҷбарон ва фақирон ранҷ мебурд.

Аз паст будани вазъу ҳуқуқи занон дар поинтарин мавқеъҳои иҷтимоӣ, паҳншавии қимору шароб, одамкушию ҷиноятҳо сахт мутаассир мешуд.

Замоне, ки тиҷорат мекард ва бо мардум муошират дошт, зиддиятҳои ахлоқии мардум рӯҳи латифашро ранҷ медод ва маҷбур мешуд барои истироҳату ибодат ба ҷое биравад, ки ҷонаш ранҷ набараду рӯҳаш оромиш ёбад. Ба ин манзур ба кӯҳи "Ҳиро" мерафт ва ба мушоҳидаи осори раҳмати Худо ва падидаҳои олами офариниш мепардохт.[1]

**Рисолати ҷаҳонӣ**

Муҳаммад(с) ба чилсолагӣ расид ва барои анҷоми рисолати ҷаҳонӣ ва осмонии худ омода шуд.[2]

Рӯзе дар кӯҳи Ҳиро буд, ки ногаҳон Ҷабраил - фariштаи ваҳӣ - бар ӯ падидор шуд ва гуфт: "Бихон!..." Муҳаммад(с) гуфт: "Чӣ бихонам?" ва ба ҳолати аҷибе фурӯ рафт. Бори дуюм ҳамон овозро шунид, ки ошкору равшан гуфт: "Бихон! Эй Муҳаммад".

Дар мартабаи сеюм Ҷабраил такрор кард:[3]

***"Бихон ба номи Парвардигорат, ки офарид.***
***Офарид инсонро аз хуни басташуда.***
***Бихон ва Худованди ту аз ҳама каримтар аст.***

1 "Биҳоруланвор", ҷ.18, саҳ.206.
2 "Маноқиб",ҷ.1, саҳ.40.
3 Иқтибос аз "Комилуттаворих", ҷ.2, саҳ.48, "Таърихи Табарӣ", ҷ.3, саҳ.1148.



***Худое, ки навиштанро таълим дод.***
***Ва ба инсон он чи намедонист омӯхт.***[1]

Шӯру ҳаяҷони ниҳоят зиёде сар то сари вуҷудашро фаро гирифт, зеро бо дунёи бузург ва олитаре иртибот пайдо намуда буд..., бо фариштагон…, бо Ҷабраил..., бо малакути аъло…, рӯҳи ӯ такягоҳи бузург, муқаддас ва ошноии самимию ҳамешагӣ ёфта буд. Ӯ дар худ нерӯи паёмбарӣ медид ва ҳеҷ изтиробу нигаронӣ дар қомуси вуҷудаш мафҳум надошт. Ҳарчи буд итминону оромиш буд.

Оё Муҳаммад(с) дар ғори Ҳиро давраи таълимотро мегузаронд?! Ин саволе аст, ки баъзе аз шарқшиносон ва нависандагони хориҷӣ ба он посухи мусбат дода гуфтаанд: "Муҳаммад(с) дар ғори Ҳиро маънои Инҷил ва таълимоти анбиёро аз назар мегузаронд. Ӯ ғарқ дар тааммулу тафаккур буд ва аз ин олам басо лаззат мебурд".[2]

Мафҳуми ин ҷумла он аст, ки Муҳаммад(с) марди "худсохта" буд, ки бо мутолиа ва тафаккур дар "Таврот ва Инҷил", дини Исломро ихтироъ кард! Вале шавоҳид ва далелҳое бар хилофи он аст, ки дар зер ба баъзе аз онҳо ишора мешавад.

1 Сураи "Алақ", оятҳои 1-5, ки ба қавли муфассирини бузург аввалин сурае буд, ки бар Паёмбар(с) нозил шуд.
2 "Узри тақсир ба пешгоҳи Муҳаммад ва Қуръон", саҳ.19.

1. Агар Паёмбари Ислом, Қуръонро аз Инҷил ва таълимоти анбиё гирифта буд, мебоист матлабҳои Қуръон мушобеҳи Таврот ва Инҷил бошад, дар сурате, ки мазмуну мундариҷаи Тавроту Инҷил бо Қуръон фарқияти куллӣ ва асосӣ дорад.

2. Иборaҳо ва ҷумлабандиҳои зебою шигифтангези Қуръон аст, ки бузургтарин адибони асри Қуръон ва асрҳои дигарро ба зону шинонда аст, ва ин исбот мекунад, ки Паёмбари Ислом мустақилан бо мабдаи ҷаҳон иртибот дошта аст ва бешак ин калимаю ҷумлаҳо дар ҳеҷ китобе вуҷуд надошта аст то Паёмбар(с) аз он иқтибос намояд ва фаро гирад.

3. Дар ҳеҷ сарчашмаи мӯътабар ва асил хабаре аз ин матлаб нест, балки ин овоза аз сохтаҳои “падарони рӯҳони”-и масеҳӣ ва ховаршиносони боғарази ғарбӣ аст!

4. Агар Қуръон бо мутолиаи “Аҳдайн”[1] ба вуҷуд омада буд, касоне, ки мехостанд дар муқобили Қуръон оётеро сохта ва бо он мубориза кунанд, албатта ба Тавроту Инҷил, ки дар дасти онҳо буд, муроҷиат мекарданд ва безаҳмат ба ҳадафи худ мерасиданд.

1 Яъне Таврот ва Инҷил.



5. “Ҳама эътиқод доранд, ки Муҳаммад(с) ҷое таҳсил накардааст”.[1] Оё ҳеҷ шахси оқиле бовар мекунад, ки як инсони дарснохонда дар муҳити ҷоҳилпарвар ва дур аз илму дониш ва бебаҳра аз китоби илмӣ чунин китоби ҷаҳониро, ки саршор аз маорифу ҳақоиқ аст, ба армуғон биёварад. Бояд аз ин ҷанобон пурсид, ки Паёмбари Ислом чӣ гуна мазмуну мундариҷаи Тавроту Инҷилро мутолиа мекард? Оё марде, ки дар тамоми умр ба мактаб нарафт ва муаллиме надид, метавонист матолиберо аз гузаштаю оянда хабар диҳад?!

**Ваҳй чист?**

Он чи мусаллам аст, миёни Худованди олам ва паёмбарон иртиботе барқарор будааст. Онон ҳақоиқро аз мабдаи ҷаҳон мегирифтанд ва ин иртибот дар осори такомули нафс ва тақвияти рӯҳи онон будааст.

Албатта таваҷҷӯҳ доред, ки агар ин иртибот аз анбиё гирифта шавад, онҳо ҳеҷ чиз надоранд. Ҳамаи мақомоти паёмбарон дар ин аст, ки қобилияти иртибот бо мабдаи ҷаҳонро доро буданд. Аз ин рӯ онон ҳар чи мегуфтанд, ҳеҷ гуна ибҳом ва печидагӣ дар он набуд, балки сад дар сад медонистанд, ки чист ва аз куҷо омадааст, бар хилофи “кашф”, иддаои гурӯҳе, ки мумкин аст

1 “Узри тақсир ба пешгоҳи Муҳаммад ва Қуръон”, саҳ.18.

дар асари риёзат ва омилҳои дигар ҳосил шавад ва соҳибони он ба матлабе бирасанд, ки намедонанд аз куҷост. Балки ғолибан бо гумону хаёл ҳамвора ва гоҳе аз вақтҳо ҳам мухолифи воқеъ аст. Албатта имтиёзи анбиё бар ин гурӯҳ чунон равшан аст, ки ниёзе ба шарҳу тавзеҳ надорад, зеро паёмбарони илоҳӣ ҳарчи мегӯянд ва мебинанд ҳақиқат аст ва ҳатто барои намуна як нуқтаи ибҳом ҳам дар онҳо роҳ надорад. Бинобар ин ваҳй иртиботе будааст миёни Худованд ва паёмбарон. Ин иртибот гоҳе ба василаи Ҷабраил – фариштаи маъмури ваҳй ва гоҳе бевосита анҷом мегирифт.

### Оё ваҳй як навъи беморӣ аст?

Баъзе аз нависандагони ғарбӣ, ки бешак ғаразнок буданд, дар бораи нозил шудани ваҳй бар паёмбари мо дучори ҳазёнгӯӣ шуда ва онро як навъ беморӣ, ба номи “ҳистерия-hysterie” муаррифӣ карданд.[1]

Хушбахтона, ин тӯҳмат ба андозае пучу беасос аст, ки мӯҳтоҷ ба шарҳу баён нест, зеро ин беморӣ бо авориз ва ҳолатҳое ҳамроҳ мебошад, ки ҳеҷ як аз онҳо дар вуҷуди паёмбари мо дида нашудааст.

Ба қавли Ҷон Дюн Порт:

1 Ҳистерия, бемории рӯҳӣ, хаёлӣ ва асабӣ аст.



> ***“Ин, ки гуфтаанд Муҳаммад(с) таҳти таъсири зарбаҳои саръ воқеъ мешуд, аз гуфтаҳои беасос ва аз изҳороти ноҳинҷори юнониҳо аст, ки хостаанд ба василаи тӯҳмат, таъсири авориз чунон маразе, бар таблиғкунандаи ақидаи тоза доғе ворид созанд ва хусусиёти ахлоқии ӯро мавриди нафрат ва бадбинии ҷаҳони масеҳият қарор диҳанд.”[1] Он изтироб ва фарёдҳои ҷонхарош, ки махсуси “ҳистерия” аст, дар вазнинтарин ҳолатҳои ваҳй ҳам дар Паёмбари Ислом мушоҳида нашуд.***

Дигар ин ки: ҳангоме ки ин ҳолат аз шохаи мубталое ба “ҳистерия” бартараф мешавад ва ба ҳоли оддӣ боз мегардад, аз он чи дида ё шунида бошад, чизе дар ёдаш боқӣ намемонад. Ин баръакси ҳолатҳои ҳазрати Муҳаммад(с) аст, зеро ӯ дар аснои ваҳй сухан намегуфт, вале пас аз поёни ин матолибе, ки ба ӯ ваҳй мешуд, бозгӯ мекард ва он чи дида ё шунида буд эълом медошт. Илова бар ин суханҳое, ки як “ҳистерик” мегӯяд, умуман марбут ба хаёлоте аст, ки аз асабҳои кӯфта ва ранҷидаи ӯ сарчашма мегирад. Мисли ин, ки бемор суратҳои ваҳшатоваре, ки

1 “Узри тақсир ба пешгоҳи Муҳаммад ва Қуръон”, саҳ.20.

ӯро таҳдид ба қатл ва озор мекунад, мебинад ва калимоти ӯ дар ин замина давр мезанад.

Аммо ҳеҷ кас то кунун матлаберо надидааст, ки ҳистерик мегӯяд, илм, қонун ва ҳидоят бошад, монанди қонунҳои Ислом, ки пас аз 14 аср, хурдтарин эроди дурусте ба он ворид нашудааст.



**Ваҳй ва илми имрӯз**

Зуҳур ва кашфиёти илмӣ, бар хилофи он чи баъзеҳо тасаввур мекунанд, на танҳо аз мавқеият ва аҳамияти дини ҳанифи Ислом кам накард, балки баръакс, мабонӣ ва усули онро тасдиқ ва тақвият намуд.

Пайдоиши радарҳо, ратсияҳо, телетайпҳои мухобиротӣ ва шабакаҳои интернетию иттилоотӣ собит кард, ки мавзӯи ваҳй ҳеҷ гуна таоруз ва мухолифате бо номӯсҳои табиат ва асрори офариниш надорад, зеро Худованде, ки ин асрори иртиботиро дар ихтиёри инсоният қарор дода, метавонад миёни худ ва паёмбаронаш низ иртиботи махсусе барқарор созад, гарчи аз навъи ин ихтироот ва қобили муқоиса ба онҳо нест.

Ҳамчунин пайдоишу густариши илми "ҳозир кардани рӯҳҳо", "хобҳои магнитикӣ", "интиқоли тафаккур" ва "таъсири рӯҳӣ" равшан сохт, ки ҳақоиқи ҷаҳони мо побанд дар чаҳорчӯби ин маҳсусот нест.

Дар натиҷа илм ва таърих шаҳодат медиҳанд: Паёмбари Ислом(с) баргузидаи Худованд барои ҳидоят ва иршоди башар аз гирдобҳои чуқур ва хатарноки фасод ва ҷаҳолат мебошад. Ин ҳама афкори олӣ ва барномаҳои мутараққӣ аз дарчаи "ваҳй" ба ӯ мерасид.

Ҷаҳони Ислом ба пешвои бузурги худ ҳазрати Муҳаммад(с) ифтихор мекунад, ки натанҳо барномаи осмониаш дунёи он рӯзро ҳаёту саодат бахшид, балки пас аз гузашти 14-қарн, роҳнамои ҷаҳони мутамадини имрӯз аст. Донишмандони олам ҳар рӯз ба азамат ва умқи қонунҳо ва дастуроти он ҳазрат, беш аз пеш пай мебаранд.

## 8

## Равиши таблиғии ҳазрати Муҳаммад (с)

Ҳангоме ки Муҳаммад(с) аз кӯҳи Ҳиро поин омад ва ба сӯи хона раҳсипор шуд, худро дар олами дигаре медид. Қабл аз он ки ба кӯҳ равад Паёмбар набуд, аммо акнун бо мабдаи ҷаҳон[1] муртабит шудааст ва он чиро Буҳайро – роҳиби масеҳӣ ва дигарон дар бораи ӯ башорат дода буданд, мушоҳида мекард. Ӯ донист, ки вазифаи хатарнокеро ба дӯш гирифтааст ва перомуни он меандешад. Агар изтиробу ваҳшате дошт, танҳо аз ҳамин ҷиҳат буд, на ба хотири ин ки ҳанӯз намедонист пайғамбар шудааст ё не, зеро башоратҳо ва пешгӯиҳое, ки аз афроде монанди Буҳайро шунида буд ва дидани Ҷабраил ва муждаи ӯ, ки: "Ту Расули Худоӣ",[2] барои ҳаққонияти рисолати ӯ сад дар сад кофӣ буд. Изофа бар ин, Худованд ҳар паёмбареро, ки барои ҳидояти инсонҳо барангехтааст, ӯро бо бурҳонҳои равшан ва шоҳидҳои қавӣ ба рисолати худ мутмаин мекунад, то битавонад бо азми қавӣ дар роҳи ислоҳ ва такомули инсонҳо бикӯшад.

---

1 Яъне, Худо.

2 "Сираи Ибни Ҳишом", ҷ.1, саҳ.237.

Бинобар ин чӣ қадар беҷо ва бетаҳқиқ аст, ки гуфта шавад: “Муҳаммад(с) намедонист паёмбар шудааст, то бо Хадича тамос гирифт ва ӯ Муҳаммад(с)-ро бар паёмбарӣ мутмаин сохт!”.[1]

## Хадича дар интизори Муҳаммад (с)

Воқеаи рӯзи биъсат[2] сабаб шуд, ки Муҳаммад(с) дер ба хона баргардад.

Хадича, ки нисбат ба ин мавзӯъ бехабар буд, нороҳат шуд. Ногаҳон Муҳаммад(с)-ро дид, ки бо чеҳраҳои дигаргун вориди хона шуд. Аз ӯ пурсид: “Чаро имрӯз ин қадар дер омадӣ?”. Ҳазрат он чи, ки бар ӯ гузашта буд, барои Хадича шарҳ дод. Хадича аз муддатҳо пеш интизори чунин рӯзеро дошт, зеро аз ғуломи худ Майсара шунида буд, ки роҳиби насронӣ дар сафари Шом роҷеъ ба Муҳаммад(с) гуфт: ”Ҳозо набиюл уммати“,[3] - Ин паёмбари мардум аст. Инчунин коҳинон ва уламои яҳуд ва насоро ба ӯ башорат дода буданд, ки Муҳаммад(с) паёмбар аст ва шаъни азиме дорад. Бинобар ин Хадича аз ҷой бархост ва пас аз пурсишҳои лозим, бо Варақа ибни Навфал, ки аз мардони босавод ва масеҳӣ буд, тамос гирифт ва қиссаро ба ӯ гуфт. Варақа изҳор дошт: ”Ба

1 “Ҳаёти Муҳаммад(с)”, навиштаи доктор Ҳайкал, саҳ. 134.
2 Рӯзе аст, ки Муҳаммад(с) аз ҷониби Парвардигор ҳамчун паёмбари хотам интихоб гардид.
3 “Эъломулваро”, саҳ.47.



Худо савганд, ҳамон номуси акбар - Ҷабраил, ки пеши Мӯсо меомад, назди ӯ омадааст. Бе ҳеҷ шак, ӯ паёмбари ин уммат хоҳад буд”.[1] Сипас барои ин ки Хадича мавзӯъро беҳтар дарк кунад, нишонаи нозил шудани фаришта ва ваҳйро ба ӯ фаҳмонд.[2] Хадича баргашт ва пас аз баррасии кӯтоҳ, нубувват ва паёмбарии Муҳаммад(с)-ро пазируфт ва имони худро эълом кард ва ба ин тартиб дар миёни занон ифтихори аввалин имон насиби вай гардид.

## Алӣ (а) аввалин марде, ки имон овард

Ҳамон соле, ки дар Арабистон қаҳтии шадиде рух дод, вазъи молии Абӯтолиб хуб набуд. Муҳаммад(с) барои ин, ки кушоише дар амри маоши ӯ ба ҳам расад, Алиро ба хонаи худ овард[3] ва монанди як падари меҳрубону дилсӯз дар тарбияти ӯ кӯшид. Алӣ(а), ки дар хонаи Муҳаммад(с) мезист ва дар ҳушу истеъдод саромад буд, бо ҷону дил аз Муҳаммад(с) пайравӣ мекард ва дар ин муддат комилан ба ҳақиқати Муҳаммад(с) ва сидқи ӯ ошно буд. Ба ҳамин ҷиҳат дар синни даҳсолагӣ бо басирати комил ба паёмбарии Муҳаммад(с) имон оварда. Ба

1 “Сираи Ибни Ҳишом”, ҷ.8, саҳ.238.
2 “Маноқиб”,ҷ.1, саҳ.42.
3 “Сираи Ибни Ҳишом”, ҷ. 1, саҳ. 246, “Биҳоруланвор”, ҷ. 18, саҳ. 208.

ин тартиб аввалин пешсафиро дар Ислом ва имон аз дигарон рабуд.[1]

### Фарзияти намоз

Аввалин чизе, ки аз тавҳиду яктопарастӣ бар Паёмбари Ислом ва пайравони ӯ воҷиб шуд, намоз буд. Аз ин ҷо азамати намоз, ки асоси иртиботи инсон бо Худо ва қадрдонии неъматҳои бепоёни ӯст, равшан мешавад. Аз ҳамин сабаб пешвоёни Ислом, ба хусус Паёмбари гиромӣ дар бораи намоз супоришҳои бисёр мекарданд ва мегуфтанд:

> ***"Намоз сутуни дин аст",[2] "Агар касе намозро сабук шуморад, дар охират ва сарои ҷовидон ба дастгирӣ ва шафоати мо намерасад"[3].***

Ба ҳар сурат, Худованд ба василаи Ҷабраил кайфияти намоз ва шароити онро эълом кард ва Муҳаммад(с) онро ба Хадича ва Алӣ(а) ёд дод ва намози дастаҷамъиро, ки намози ҷамоат номида мешавад, барпо намуд.[4]

---

1 "Сираи Ибни Ҳишом", ҷ. 1, саҳ. 245. "Биҳоруланвор", ҷ. 18, саҳ. 188, "Алғадир", ҷ.3, саҳ.219-241 ва "Таърихи Табарӣ", ҷ.3, саҳ.1160.
2 "Васоил", ҷ.2, саҳ.16, 17.
3 "Васоил", ҷ.2, саҳ.16, 17.
4 "Эъломулваро", саҳ.37. Дар он вақт ҳар як аз намозҳои панҷгона ду ракъат ба ҷо оварда мешуд.



### Се сол таблиғи амалӣ

Паёмбари Ислом пас аз биъсат то се сол ба даъвати пинҳонӣ пардохт, зеро муҳити фосиди Арабистон, ки садсолаҳо ба бутпарастию ширк олуда буд, барои даъвати ошкор ҳеҷ гуна омодагӣ надошт. Муҳаммад(с) агар дар ибтидои биъсат даст ба ин кор намезад, бо мушкилоти тоқатфарсое рӯ ба рӯ мешуд, ки ӯро аз ҳадафи аслӣ дур мекард. Ин буд, ки Паёмбари Ислом дар муқобили бутпарастон, ки худои бисёреро мепарастиданд ва ибодати онон даст задан ва ҳуштаккашӣ буд, Худои воҳидро ниёиш мекард ва намозро, ки маҷмӯае аз маорифи маънавӣ ва ҳамду санои Худои воҳид аст барпо медошт.

Муҳаммад(с) ҳамроҳи Алӣ(а) ва Хадича(а) дар марказҳои пурҷамъият монанди, Масҷидулҳаром ва Мино меомад ва дар баробари чашми мухолифон намози дастаҷамъиро барпо дошта, ба ин тартиб ба оини чандгонапарастӣ муборизаи амалӣ мекард.[1]

Афиф яке аз бузургони он замон чунин мегӯяд: "Ман барои амри тиҷорат назди Аббос - писари Абдулмутталиб рафта будам. Ногаҳон шахсе вориди Масҷидулҳаром шуд, нигоҳе ба осмон ва офтоб кард ва рӯ ба Каъба ба намоз истод. Тӯле накашид, ки зане бо писаре ворид шуданд ва бо

---

1 "Таърихи Табарӣ", ҷ.3, саҳ.1122.

вай намоз гузориданд. Ба Аббос гуфтам: ин чӣ дине аст, ки ман нисбат ба он бехабарам?!

Аббос гуфт: ин мард Муҳаммад(с) писари Абдулло аст. Ӯ ақида дорад, ки парвардигораш ҳамон Парвардигори осмонҳо ва заминҳо мебошад ва Худованд ӯро барои ҳидояти инсонҳо барангехта аст. Ин дин дар ҳоли ҳозир ғайр аз ин се нафар пайрави дигаре надорад. Ин зан, ки мебинӣ Хадича, духтари Хувайлид ва ин писар Алӣ, писари Абӯтолиб аст, ки ба вай гаравидаанд”.[1]

Муҳаммад(с) ба ин тартиб идома дод, то ин ки рафта-рафта мусулмонон рӯ ба афзоиш ниҳоданд ва Ислом бар хилофи хости душманон густариш ёфт.

Вақте замина барои даъвати ошкор омода гашт Муҳаммад(с) дар анҷоми он маъмурият ёфт.

### Даъвати хешовандон ва нахустин мӯъҷиза

Таблиғи амалии Расули Акрам(с) ба афзоиши гаравандагони ӯ, заминаро барои даъвати ошкор омода сохт. Худованд Паёмбари Исломро ба даъвати хешони наздикаш фармон дод.[2]

Ин ба он хотир буд, ки то ёвагӯён нагӯянд: “Чаро хешони худро аз азоби Худо наметарсонӣ

1 “Таърихи Табарӣ”, ҷ.3, саҳ.1162. “Эъломулваро”, саҳ.38.
2 “Ва анзир аширатакал ақрабин”, сураи “Шуаро”, ояти 214.



ва ононро ба сӯи яктопарастӣ намехонӣ”. Илова бар ин барои он, ки аз ҳимояти онон заминаи бештаре барои пешрафти Ислом омода шавад, Паёмбари Ислом(с) ба Алӣ(а) дастур дод, таоме омода кунад ва хешовандонро, ки тақрибан чил нафар буданд, даъват намояд. Алӣ(а) пас аз он ки таомро омода сохт, ононро даъват кард ва ҳамаашон ҳозир шуданд. Он гоҳ таомеро, ки барои як нафари онон ҳам кофӣ набуд, овард. Тамоми он чил нафар аз он таом хӯрданд ва сер шуданд, дар айни ҳол чизе аз он таом кам нашуд. Ин амр сабаби ҳайрат ва тааҷҷуби онон гардид, вале Абӯлаҳаб бе он ки биандешад, изҳор кард: “Ин кор афсун ва сеҳр аст”, ғофил аз ин, ки сеҳр инсонро сер намекунад!

Муҳаммад(с) дар он рӯз ҳеҷ матлаберо нагуфт ва шояд ин сукут ба хотири он буд, ки фарқи “мӯъҷиза” ва “сеҳр” худ ба худ барои онон ошкор шавад, зеро агар ин кор сеҳр буд, вақте онон аз манзил хориҷ шуданд, бояд ҳамагӣ гурусна бошанд.

Бори аввал чун ин ҷамъомад ба ҷое нарасид, Паёмбари Ислом дубора ононро барои рӯзи дигар даъват кард ва ҳамон пазироӣ ва зиёфат дар он рӯз такрор шуд ва ҳамагӣ сер шуданд.

Он вақт Муҳаммад(с) гуфт: “Эй писарони Абдулмутталиб! Худованд маро барои шумо бимдиҳанда ва башоратдиҳанда қарор додааст, мусулмон шавед ва аз ман пайравӣ кунед, ки ба

саодат хоҳед расид. Ба Худо савганд ман дар араб фардеро суроғ надорам, ки беҳтар аз он чи барои шумо овардаам, чизе барои қавми худ оварда бошад. Ман барои шумо хайри дунё ва охират овардаам. Худованди бузург ба ман дастур додааст, ки шуморо ба сӯи ӯ бихонам, кадоме аз шумо маро дар ин амр кӯмак мекунед? Ҳар касе ин амрро бипазирад, ӯ бародар, васӣ ва ҷонишини ман дар миёни шумо хоҳад буд “.

Ҳеҷ кас аз онҳо посухи мусбат надод. Танҳо Алӣ(а), ки синни ӯ аз ҳама камтар буд, аз ҷо бархост ва гуфт: “Эй паёмбари Худо! Ман ёвари ту ҳастам”. Муҳаммад(с) Алӣ(а)-ро нишонд ва ҳамин гуфтаро то се бор такрор кард, вале касе ҷуз Алӣ(а) ба ӯ посухи мусбат надод. Он гоҳ Муҳаммад(с) ишора ба Алӣ(а) кард ва гуфт: “Ин бародар, васӣ ва ҷонишини ман дар миёни шумо мебошад, ба сухани ӯ гӯш фаро диҳед ва аз вай пайравӣ кунед”.[1]

Дар ҳамин рӯз буд, ки ҷамоате ба Паёмбари Ислом(с) имон оварданд,[2] вале ҷаҳлу таассуб нагузошт ҳамаи хешони вай ба ӯ имон оваранд, гарчи ин нишаст барои ҳимоят ва тарафдории онон аз Паёмбари Ислом бетаъсир буд.

---

1 “Таърихи Табарӣ”, ҷ.3, саҳ.1171-1173. “Биҳоруланвор”, ҷ.18, саҳ. 92. “Алғадир”, ҷ.2, саҳ.278, Тафсири “Маҷмаулбаён”, ҷ.7, саҳ.206.
2 “Таърихи Яъқубӣ, ҷ.2, саҳ.22.



Дар ин қазия илова бар сер шудани чиҳил нафар бо таоми кам, нуктаи дигаре низ қобили таваҷҷӯҳ ва диққат аст ва он ин, ки ҷумлаҳое, ки Паёмбари Ислом дар он рӯз нисбат ба писари амаки худ Алӣ(а) изҳор дошт, бо камоли сароҳат мерасонад, ки хилофат ва ҷонишинии он ҳазрат бо Алӣ(а) аст ва ӯро бояд ҷонишини Паёмбари Ислом(с) донист.

Ба ин тартиб замина барои даъвати умумӣ ва таблиғи ошкори мардум омода гардид. Он ҳазрат бо ғайрати монданашуданӣ соате ором нанишаст ва аз ҳамин замон буд, ки парчами Ислом ба ҷилва даромад ва ҳақиқат шурӯъ ба пешравӣ кард.

9

## Даъвати умумии ҳазрати Муҳаммад (с)

### Даъвати ошкор

Се сол аз биъсати Паёмбари Акрам(с) гузашт. Ӯ дар ин муддат ба таври пинҳонӣ аз иршод ва наҷоти гумроҳон, ки шоистагии роҳнамоӣ доштанд, кӯтоҳӣ намекард. Ҳар гоҳ бенавоеро медид, ки дар ботлоқи мафосиди ахлоқӣ ва инҳирофоти ақида дар ширк ғӯтавар аст, барои наҷоти ӯ мекӯшид. Аз дари меҳру муҳаббат ворид мешуд ва ба мантиқи ҷаззоби худ ӯро ба оини яктопарастӣ ва тавҳид даъват мекард.[1]

Азбаски оини ӯ як оини ҷаҳонӣ аст ва боистӣ ба ҷаҳониён расонда шавад, даст ба даъвати ошкор зад ва рӯирост ҳадафу барномаи худро эълон кард.

### Суханронии Муҳаммад (с) дар кӯҳи Сафо

Паёмбари Ислом ба манзури нашри оини худ ва эъломи он ба ҳамаи қабилаҳои араб, ба фармони Худо тасмим гирифт даъватро ошкор

1 “Таърихи Яъқубӣ, ҷ.2, саҳ.19, “Сираи Ибни Ҳишом”, ҷ.1, саҳ.19.



ва умумӣ созад ва дар муқобили анбӯҳи ҷамъият ҳақиқати оини худро фаҳмонад.

Барои амалӣ сохтани ин тасмим роҳи кӯҳи Сафоро пеш гирифт. Ӯ дар нуқтаи аз ҳама баланди кӯҳ истод ва бо овози баланд гуфт: “Ё сабоҳоҳу “.[1]

Овози Муҳаммад(с) дар кӯҳи Сафо танинандоз ва ҷалби таваҷҷӯҳ кард. Ҷамъияти зиёде аз қабилаҳои мухталиф ба сӯяш шитофтанд ва барои шунидани суханони Муҳаммад(с) чашм ба ӯ дӯхтанд. Паёмбар рӯ ба онон кард ва гуфт: “Эй мардум! Ҳар гоҳ ба шумо хабар диҳам душманон мехоҳанд, ки субҳгоҳ ва ё шабонгоҳ ногаҳон ба шумо битозанд, оё тасдиқ мекунед?”.

Ҳамагӣ гуфтанд: “Мо дар саросари даврони зиндагиат аз ту дурӯғ нашунидаем”.

Паёмбар фармуд: ”Эй гурӯҳи қурайш! Ман шуморо аз азоби Худо бим медиҳам. Худро аз оташ наҷот диҳед...”.[2]

Ва инчунин фармуд: ”Мавқеияти ман, мавқеияти ҳамон дидбоне аст, ки душманро аз дур мебинад ва қавми худро аз хатари онон бохабар месозад, оё чунин шахсе ҳаргиз ба қавми худ дурӯғ мегӯяд?”.[3]

1 Ин ҷумла назди арабҳо барои ҷалб кардани мардум барои амри муҳимме ба кор меравад ( аз ”Маҷмаъулбаҳрайн”).
2 “Таърихи Табарӣ”, ҷ.3, саҳ.1170.
3 “Сираи Ҳалабия”, ҷ.1, саҳ.311.

Абӯлаҳаб аз тарси он ки мабодо суханони он ҳазрат дар дили ҳозирон асар кунад, сукутро шикаст ва хитоб ба он ҳазрат чунин гуфт:

“Вой бар ту! Моро барои шунидани ҳамин суханҳо ба ин ҷо ҷамъ овардӣ?”

Ӯ бо суханони тунду тез ва беадабонааш гуфтори Муҳаммад(с)-ро қатъ кард ва ӯро аз идомаи суханонаш боздошт. Ба подоши ин ҷасоратҳо, инкорҳо ва ҳамкорӣ бо душманону мушрикон, Худованд дар мазамматн ӯ сураи “Таббат ядо Абӣ Лаҳабин”-ро нозил фармуд.[1]

### Аксуламали суханони Паёмбар (с)

Суханони мантиқӣ ва гарми Муҳаммад(с) дар бисёре аз шунавандагон асар бахшид. Дар бештари маҷлисҳо ва мафҳилҳо сӯҳбат аз оини нави Муҳаммад(с) буд.

Гурӯҳе, ки пӯшташон зери бори зулму тааддӣ хам шуда, аз авзои бесомони Макка ва беадолатиҳо ҷонашон ба лаб омада буд, суханони Муҳаммад(с) равзанаи умеде ба сӯяшон боз кард ва ҷоне дар пайкари нимҷонашон дамид. Сарони бадандеши қурайш бошад, зери бор нарафтанд ва чун диданд, ки Паёмбари Ислом нуқс ва инҳирофи ақоиди ононро дар ҳар фурсате тавзеҳ

1 “Таърихи Табарӣ”, ҷ.3, саҳ.1170, “Маноқиб”, ҷ.2, саҳ.43-44.



медиҳад,[1] тасмим гирифтанд аз ҳар роҳе, ки мумкин аст пеши ин инқилоби фикриро бигиранд. Охир онҳо ба хубӣ пай бурда буданд, ки ҳар гоҳ бисоти ширку бутпарастӣ барчида шавад ва тамоми мардум дар баробари Худои якто сари таъзим фурӯд оварда ва бо оини саодатбахши Ислом рӯ оваранд, дигар ҷое барои фармонравоӣ ва судҷӯии онон боқӣ нахоҳад монд. Аз ин ҷиҳат анҷумане ташкил доданд ва дар бораи авзои рӯз ва роҳи хомӯш кардани инқилоби Муҳаммад(с) ба музокира пардохтанд.

Натиҷае, ки аз он музокираҳо ва табодули назарҳо гирифтанд ин буд, ки ҳама ба хонаи Абӯтолиб, бузурги қурайш, ки симати[2] падарӣ нисбат ба Паёмбар дошт, бираванд ва аз ӯ бихоҳанд ҳар тавре ки салоҳ медонад Муҳаммад(с)-ро аз идомаи роҳи хеш боздорад. Ба ин манзур назди Абӯтолиб рафтанд ва пас аз гуфтугӯҳое Абӯтолиб ононро ором сохт.

### Шикояти Қурайш

Бори дигар сарони қурайш ба хонаи Абӯтолиб рафтанд.

Сухангӯи маҷлис чунин гуфт: ”Ту дар миёни мо ва қабилаи қурайш мақом ва манзалати басе

1 Баён мекунад.
2 Симат, яъне мақом.

бузург дорӣ. Ту раиси мо, бузурги мо ва пири мо ҳастӣ. Ба шарофат ва мақоми баланди ту ҳама эҳтиром мегузорем, пеш аз ин аз ту хостем, ки аз рафтору кирдори бародарзодаат ҷилавгирӣ намоӣ.

Ба ту гуфтем: Муҳаммад(с)-ро аз бадгӯӣ ба дини падарони мо ва айбҷӯӣ аз худоёни мо ва ботил шуморидани ақоид ва афкори мо нигаҳ дор. Ту ба ин дархостҳои мо таваҷҷӯҳ накардӣ ва ӯро бознадоштӣ. Савганд ба Худо мо наметавонем бар дашном ба падаронамон, паст шуморидани афкорамон ва айбгирӣ аз худоёнамон сабр кунем. Бояд Муҳаммад(с)-ро аз ин кор боздорӣ вагар на бо ӯ ва ту, ки ҳомии ӯ ҳастӣ, мубориза хоҳем кард то яке аз ду гурӯҳ аз байн биравад".

Абӯтолиб аз дари мусолимат ворид шуд ва пас аз рафтани онҳо ҷараёнро ба Муҳаммад(с) дар миён гузошт.

Паёмбари Акрам(с) хитоб ба Абӯтолиб чунин гуфт:

> ***"Ба Худо савганд, ҳар гоҳ офтобро дар дасти рости ман ва моҳро дар дасти чапи ман қарор диҳанд ва бихоҳанд ман аз таблиғи оини Ислом ва таъқиби ҳадафи худ даст бардорам, ҳаргиз чунин нахоҳам кард, магар он ки дар ин роҳ ҷон диҳам ва ё ба мақсад ноил шавам".***



Он гоҳ ба ҳоли ғамангез аз пеши амакаш берун рафт.

Абӯтолиб ӯро фарёд кард ва гуфт: "Ба Худо, ки даст аз ҳимояти ту нахоҳам бардошт ва ба онҳо иҷозат нахоҳам дод, ки даст ба сӯи ту дароз кунанд".[1]

Бори дигар қурайш Аммора ибни Валидро назди Абӯтолиб оварданд ва гуфтанд: "Ин ҷавоне аст нерӯманд ва зеборӯй, мо ҳозирем ӯро ба ту вогузорем, то ба писарии худ баргузинӣ ва даст аз ҳимояти бародарзодаат бардорӣ".

Абӯтолиб сахт нороҳат шуд ва гуфт: "Таклифи баде мекунед. Ман фарзанди шуморо нигаҳдорӣ, вале фарзанди худамро ба шумо бидиҳам, ки ӯро бикушед! Савганд ба Худо чунин чизе нахоҳад шуд".[2]

### Ришвадиҳии Қурайш

Қурайш пиндоштанд, ки метавонанд ба воситаи хостаҳои моддӣ ва дирҳаму динор паёмбари азизи Исломро аз кор боздоранд.

Бад ин манзур назди он гиромӣ омаданд ва гуфтанд: "Агар пулу сарват мехоҳӣ туро сарватмандтарин марди араб хоҳем кард, агар толиби шарофату бузургӣ ҳастӣ мо ҳозирем туро

---

1 "Сираи Ибни Ҳишом", ҷ.1, саҳ.265-266.
2 "Сираи Ибни Ҳишом", ҷ.1, саҳ.266-267.

раиси мутлақи худ қарор диҳем, агар толиби салтанат ҳастӣ мо туро подшоҳи худамон мегардонем, агар ин ҳолатеро, ки ба ту даст медиҳад ва онро ваҳй мегӯӣ, наметавонӣ аз худ дур созӣ, беҳтарин табибро барои муолиҷаи ту ҳозир хоҳем кард. Ҳамаи ин ба шарти он аст, ки даст аз таблиғи мардум бардорӣ ва беш аз ин миёни мардум тафриқа наяндозӣ ва ба худоён ва ақоиду афкори ниёгони мо айбҷӯӣ накунӣ".

Паёмбари Ислом дар посухи онон фармуд: "Ман на ба моли шумо назар дорам ва на хостори раёсату салтанат бар шумоям. Худованд маро ба паёмбарӣ баргузид. Бар ман китоб нозил кард ва аз ҷониби ӯ маъмурам, ки шуморо бим ва башорат диҳам. Ман маъмурияти худро анҷом додам, агар аз ман пайравӣ кунед саодатманд хоҳед шуд ва агар қабул накунед он қадар сабру муқовимат хоҳам кард, то Худо миёниману шумо ҳукм кунад".[1]

Саранҷом сарони қурайш ҳозир шуданд, ки Муҳаммад(с) даст аз худоёни онон бардорад ва онҳо низ коре ба ӯ надошта бошанд. Ба ин мақсад назди Абӯтолиб омаданд ва аз ӯ хостанд, ки тақозояшонро бо Паёмбар(с) дар миён гузорад.

Паёмбари Ислом дар ҷавоб фармуд: "Оё ман ононро ба калимае, ки аз ҳар ҷиҳат барояшон

1 "Сираи Ибни Ҳишом", ҷ.1, саҳ.295-296.



беҳтар аст ва дар сояи он сиёдат[1] ва саодат пайдо хоҳам кард, даъват накунам?"

Абӯҷаҳл гуфт: "Як калима, ки чизе нест, мо ҳозирем даҳ калима бигӯем".

Он гоҳ пурсиданд: "Он як калима кадом аст?"

Паёмбар фармуд: "**Бигӯед**: ***Ло илоҳа иллаллоҳ*, - *Худое ҷуз Худои ягона нест*".**

Сухани Муҳаммад(с) сарони қурайшро ба шиддат нороҳат ва ноумед кард.

Абӯҷаҳл гуфт: "Ғайр аз ин калима чизи дигаре бихоҳ".

Паёмбар(с) бо қотеият ҷавоб дод: "Агар офтобро дар дасти ман бигзоред, ҷуз ин чизе аз шумо нахоҳам хост".[2]

Сарони қурайш чун дарёфтанд гуфтугӯ бо Муҳаммад(с) натиҷае надод, таҳдид ва пораю ришва ӯро аз роҳе, ки дар пеш гирифтааст боз намедорад, баъд аз ин онон тасмим гирифтанд, ки дар баробари он ҳазрат шиддати амал ба харҷ диҳанд.

1 Ҳокимият.
2 "Таърихи Табарӣ", ҷ.3, саҳ.1176.

## 10

## Мушкилоти роҳ ва шиканҷаҳои Қурайш

### Мушкилоти роҳ

Аз рӯзе, ки Паёмбари Акрам(с) ба даъвати умумӣ пардохт, сарони қурайш барои сокит кардани он ҳазрат ба ҳар василае, ки имкон дошт паноҳ бурданд.

Тибқи маъмул, онон нахуст аз пора додан, ваъдаи мақом, мол ва умури моддии дигар шурӯъ карданд ва пас аз муддате аз ин роҳ маъюс шуданд. Онҳо баъдан роҳи таҳдид ва сипас озору шиканҷаро пеш гирифтанд. Ба ин тартиб фасли наве дар зиндагии Муҳаммад(с) оғоз гардид.

Риояти эҳтиром ва расмҳои ахлоқию инсонӣ ба дасти фаромӯшӣ супорида шуд. Силоҳи душманӣ ва кина ба майдон омад то ноҷавонмардона аз густариши оини Ислом пешгирӣ ба амал ояд ва манфиатҳои сарони қурайш ва бузургони қавм ҳамчунон аз хатар маҳфуз бимонад!

Албатта наметавон инкор кард, ки надоштани рушди фикрии мардуми он аср, яке аз иллатҳои мухолифат бо роҳи рост ва даъвати Паёмбари Акрам(с) буд. Мухолифати қурайш аз рӯзе шиддат ёфт, ки шуниданд: паёмбари ҷадид



бутҳо, муҷассамаҳои сангӣ ва чӯбии ононро беарҷ меномад ва мегӯяд: ”Аз ин сангҳои беҷон чӣ мехоҳед? ”

Эътироз ба худоёни чӯбӣ ва сангии қурайш, ки аз ниёгон ба ёдгор доштанд ва ҷузъи ифтихороти бостонии худ медонистанд, ононро бештар нороҳат сохт.

Аз тарафи дигар, таълимоти навини паёмбари ҷадид бо манфиатҳо ва масолеҳи табақотии онон созгор набуд. Сарони қурайш ва бузургони қавм мехостанд, ҳамчунон ба истисмори табақаи заиф ва гурӯҳи бешумори бардагон[1] идома диҳанд. Сармоядорони рибохӯр мехостанд бо идомаи рибохӯрӣ хуни табақоти заҳматкашро маканд. Зӯрмандон ва зӯргӯён мехостанд ба зӯри шамшер ва сари найза молу номӯси мардуми бедифоъ ва нотавонро ба даст оваранд... Хоҳу ноҳоҳ ин оини нав, ки ба ин низоми иҷтимоии ғалат мубориза мекард, бо мухолифати шадиде аз ҷониби онҳо, ки манфиатҳояшон дар хатар меафтод, рӯ ба рӯ мешуд.

Дар кадри роҳбарии мухолифин даъвати ҷадиди афроди саршиносе монанди: Абӯҷаҳл, Абӯсуфиён, Абӯлаҳаб, Асвад ибни Абӯяғус, Ос ибни Воил, Утба, Шайба, Валид ибни Муғайра ва Уқба ибни Абӯмуит, қарор доштанд.

---

1 Ғуломон.

## Озорҳои беҳад ва муҳосираи Қурайш

Тӯҳматҳои ноҷавонмардона, озорҳои баданӣ, фаҳшҳои гӯшношунид, фишорҳои иқтисодию молӣ, аз ҷумла васоили бешармонае буд, ки сарони қурайш бар зидди Муҳаммад(с) ва ёронаш ба кор мебурданд. Дар зер ба чанд намуна аз онҳо ишора мешавад:

1. Рӯзе гурӯҳе аз қурайш силии[1] касиф ва олудаи гӯсфандеро ба тарафдорони худ доданд, то онро ба сару рӯи Муҳаммад(с), ки дар гӯшае нишаста буд, биандозанд ва онон низ фармони раҳбарони худро иҷро карданд.[2]

2. Ториқи Муҳорибӣ мегӯяд: "Паёмбарро дидам, ки дар миёни мардум бо овози баланд мефармуд: **"Ё айюҳанносу қулу ло илоҳа иллаллоҳу туфлиҳу"** ва мардумро ба Ислом ва ягонапарастӣ даъват мекард. Абӯлаҳаб бошад қадам ба қадам вайро дунбол мекард ва ба тарафи он ҳазрат санг меандохт, ба ҳадде, ки пои он гиромӣ хунин буд. Паёмбар бошад ҳамчунон иршод мефармуд ва Абӯлаҳаб фарёд мезад: Мардум! Ин мард дурӯғгӯ аст, ба ҳарфҳои ӯ гӯш надиҳед!".[3]

1 Силӣ- пӯсте аст, ки ҷанин дар он қарор дорад.
2 "Эъломулваро", саҳ.57.
3 "Маноқиб", ҷ.2, саҳ.51.



Илова бар худи Расули Акрам(с) ёрон ва афроди боимоне, ки нав мусулмон мешуданд, мавриди ваҳшиёнатарин шиканҷаҳои зиддибашарӣ қарор мегирифтанд.

3. Расули Акрам(с) рӯзе Аммор Ёсир ва хонаводаашро дид, ки таҳти шиканҷаи душманони Ислом қарор гирифтаанд. Ҳазрат фармуд:

> ***"Бар шумо эй хонадони Аммор башорат бод, ки биҳишт ҷойгоҳи шумост".***[1]

Ибни Асир менависад:

> ***"Аммор ва падару модараш таҳти фишору шиканҷаи шадиди мушрикон қарор доштанд. Мушрикон ононро дар ҳавои гарм аз хонаашон берун мебурданд ва дар зери офтоби гарму сӯзон озор медоданд то даст аз дини нав бардоранд.***
>
> ***Сумайя- модари Аммор, нахустин шаҳиди роҳи Ислом , бо зарбае, ки Абӯҷаҳл ба ӯ зад, ба шаҳодат расид. Ёсир- падари Аммор низ саранҷом зери шиканҷа ҷон супорид. Худи Аммор низ, мавриди шиканҷа қарор гирифт, вале тақия кард ва аз марг наҷот ёфт.***[2]

1 "Эъломулваро", саҳ.57.
2 "Комил"-и Ибни Асир, чопи Бейрут, ҷ.2, саҳ.66-67.

4. Билоли Ҳабашӣ барда, ғулом ва аз ҷумлаи ёрони Муҳаммад(с) буд, ки арбобаш ӯро сахт мавриди шиканҷа қарор медод. Дар гармои нимирӯзӣ ӯро рӯи регҳои доғу сӯзони биёбон мехобонид ва санги бисёр калонеро рӯи синаи ӯ мегузошт то даст аз Паёмбар(с) бардорад ва ба парастиши бутҳо бипардозад.

Билол дар муқобили таҳдидҳо ва шиканҷаҳои ӯ муқовимат мекард. Ӯ дар посух танҳо як калимаро такрор мекард: “Аҳад, аҳад!- Яъне ягона, ягона, ки маъноящ, Худо яктост ва ҳаргиз ба оини ширк ва бутпарастӣ барнамегардам”.

Мутаассифона дар ин маҷоли кӯтоҳ наметавон ҳамаи достонҳои ғамангези мусулмонони садри Ислом ва Расули Акрам(с)-ро мавриди баррасии комил қарор дод. Аммо бояд ба таври куллӣ гуфт, ки душманони Ислом дар мубориза бо Ислом ва ҳаводоронаш аз ҳар гуна воситае истифода мекарданд, ки ба таври мундариҷавор метавон ба чигунагии онҳо ишора кард:

1. **Муборизаи иқтисодӣ**.

Қурайш ҷанги иқтисодии шадидеро бар зидди Муҳаммад(с) ва ёронаш оғоз карданд. Фишор ва таҳрими иқтисодӣ, манъи ҳар гуна муомила бо мусулмонон яке аз муборизаҳои ноҷавонмардонаи онон бар зидди мусулмонон буд.

2. **Муборизаи психологӣ ё равонӣ**.



Манъи заношӯӣ бо мусулмонон ва қатъи ҳар гуна робита бо онон аз тарафи қурайш, муттаҳам сохтани Расули Акрам(с) ба ҷодугарӣ, дурӯғгӯӣ ва ғайра як муборизаи равонӣ барои аз байн бурдани истиқомати мусулмонони нахустин буд.

3. **Озор ва шиканҷаҳои ҷисмонӣ**

Ин шакли озор василаи зиддиинсонии дигаре буд, ки қурайш барои саркӯб кардани наҳзати нав ва роҳбару ҳаводорони он истифода мекарданд. Ин василаи ноҷавонмардона, ки сабабгори марги баъзе аз шахсҳои боимони садри Ислом гардид, дар воқеъ роҳи дигаре барои мубориза бо пешрафти Ислом буд.

Алорағми ҳамаи воситаҳои зиддиинсонӣ, ки қурайш дар мубориза бо Ислом ва Паёмбари Акрам(с) ва мусулмонон ба кор бурд, Ислом ҳамчунон пеш рафт ва Муҳаммад(с) мардумро ба роҳи рост даъват кард ва мусулмонон ба роҳи худ идома доданд.

Онон дар ин роҳи пурифтихор мутаҳаммили мушкилоти фаровон, азобу шиканҷаҳо, ногувориҳо ва сахтиҳою муҳоҷиратҳо шуданд то ақида ва имони худро аз даст надиҳанд.

Нуктаи қобили таваҷҷӯҳе, ки аз вазъи мусулмонони садри Ислом ба даст меояд он аст, ки бар хилофи овозаи душманони Ислом, Ислом ба зӯри шамшер пеш нарафтааст, балки муддати сездаҳ соли комил дар зери фишори сари найза ва шамшери душманон ва ҳамчунин озору

шиканҷаи онон, муқовимат намуда пеш рафтааст.

11

## Ҳиҷрати ҳазрати Муҳаммад (с) оғози таърих ва дигаргунӣ

### Тарки ватан дар роҳи ҳадаф

Паёмбари Ислом мухолифатҳо ва коршиканиҳои шадиду дастаҷамъии маккиёнро аз пешонӣ ва хатҳои чеҳраҳои онон мехонд. Ӯ ба хубӣ медонист мардуме, ки дар таассубҳои ғалат, хурофот ва ҷаҳолатҳо ғарқанд, ба ин осониҳо аз ақидаҳо ва аъмоли худ даст намебардоранд ва наҷоти онон мӯҳтоҷи фидокориҳо, заҳматҳои тоқатфарсо ва муборизаҳои дурудароз мебошад.

Расули Акрам(с) бо диди васеи худ, ин дурнамои торик ва пурпечу хомро медид ва бо чунин басирате парчами рисолат ва таблиғро ба дӯш гирифта, сабру бурдбориро пешаи худ қарор дод. Паёмбари Ислом(с) дар баробари коршиканиҳои мухолифин сездаҳ сол дар Макка мубориза бурд.[1] Дар ин муддат душманони Ислом даст аз корҳои шайтонии хеш накашиданд ва ба тамоми қувва бар зидди Ислом мубориза мебурданд. Дар ин мавқеият рисолати

1 “Комил”-и Ибни Асир, чопи Бейрут, ҷ.2, саҳ.108.

ҷаҳонии паёмбар тақозо менамуд, ки макони фаъолият ва урдуи таблиғро тағир диҳад ва ба муҳити ором ва муносибе сафар кунад.

### Ясриб омодаи пазируфтани Ислом

Баъзе аз бузургони қабилаи “Хазраҷ” дар мавсими ҳаҷ ба Макка меомаданд. Боре онон дар Масҷидулҳаром бо Паёмбар(с) мулоқот карданд. Расули Акрам(с) ононро ба Ислом, ки дини сулҳу бародарист даъват кард. Онҳо, ки аз ихтилофоти решадори худ бо тоифаи Авс ба ҷон омада буданд, гумкардаи худро ёфтанд ва бо ҷону дил Исломро пазируфтанд.

Хазраҷиён ҳангоми мурочиат аз Паёмбар(с) мубаллиғ ва раҳнамоӣ хостанд. Ҳазрат Мусъаб ибни Умайрро ҳамроҳи онон фиристод. Ба ин тариқ аҳли шаҳри Ясриб аз тулӯи хуршеди Ислом бохабар шуданд ва барои баррасии оини нав шитофтанд. Он чи беш аз ҳар чиз мардумро барои гаравидан ба Ислом омода мекард, шунидани оёти нуронӣ ва ҷаззоби Қуръон буд.

Масъаб гузориши Исломовардани бузургони Авс ва Хазраҷро ба Паёмбар(с) навишт. Пас аз ин гурӯҳи зиёде аз касоне, ки аз Ясриб барои ширкат дар маросими ҳаҷ ба Макка омада буданд, пинҳонӣ бо Паёмбар(с), дар нимаи шаб, мулоқот карданд. Мусулмонони Ясриб дар роҳи ба самар расидани ниҳоли Ислом бо Паёмбар(с) байъат карданд. Онҳо ӯҳдадор шуданд, ки ҳамон



тавре аз ҷону фарзандонашон ҳимояту ҷонибдорӣ мекунанд, аз паёмбар ҳимоят намоянд.[1]

### Сӯиқасд барои қатли Паёмбар (с)

Ҳанӯз сапедаи саҳар қалби сиёҳи шабро надарида буд, ки қурайшиён аз паймони мусулмонони Ясриб бохабар шуданд ва барои хунсо[2] кардани он ва пешгирӣ аз пешравии Паёмбар(с) ба ҷунбу ҷӯш афтоданд.

Бо ин мақсад дар Доруннадва[3] шӯрое ташкил гардид. Пас аз машварати зиёд қарор шуд аз ҳар қабила як нафар интихоб шавад ва шабона ба хонаи Паёмбар(с) ҳуҷум карда, ӯро ба қатл расонанд то асоси даъвати исломӣ аз ҳам пошад.[4]

Худованди мутаол Паёмбар(с)-ро аз нақшаи душманон огоҳ сохт ва ба ӯ фармон дод, ки шабона аз Макка берун равад.[5]

Муҳаммад(с) пас дарёфти ваҳй оиди ҳиҷрат, тасмим гирифт, ки зодгоҳи худро тарк кунад.

---

1 “Эъломулваро”, саҳ.55-61.

2 Ботил, бекор, барбод додан, лағв намудан.

3 Доруннадва: маҳалле, ки қурайш барои доварӣ гирдиҳам меомаданд.

4 “Эъломулваро”, саҳ.61-62, “Таърихи Табарӣ”, ҷ.3, саҳ.1229.

5 “Таърихи Табарӣ”, ҷ.3, саҳ.1231, “Биҳоруланвор”, ҷ.19, саҳ.60.

**Фидокорӣ ва ҷонбозии Алӣ (а)**

Пас аз он, ки Паёмбар(с) вазифадор шуд ба Ясриб ҳаракат кунад, Алӣ(а)-ро наздаш даъват кард ва асрори хешро ба ӯ гуфт. Ӯ амонатҳои мардумро ба Алӣ(а) супорид то ба соҳибонашон баргардонад ва он гоҳ фармуд: “ Ман бояд ҳиҷрат кунам, вале туро лозим аст, ки дар бистари ман хоб кунӣ”. Алӣ(а) бо ҷону дил қабул кард ва дар бистари Расули Худо(с) хобид ва хатарҳое, ки паёмбарро таҳдид мекард ба худ гирифт.[1]

Ҷонбозии Алӣ(а) ба андозае холисона ва пураҳамият буд, ки Худованд онро дар Қуръони Маҷид ситоиш кардааст.[2]

**Паёмбар ба ғори Савр меравад**

Ҳангоме ки посе аз шаб гузашт, душманон даври хонаи Паёмбар(с)-ро муҳосира карданд то нақшаи шуму шайтонии худро амалӣ созанд, вале аз он ҷо, ки Худованд ёру пуштибони Паёмбар(с) аст, ӯро аз ин хатари ҳалокатбор ҳам наҷот дод.

Паёмбар дар ҳоле, ки оёте аз сураи “Ёсин” мехонд аз манзил хориҷ шуд ва аз бероҳа ба

1 “Сираи Ибни Ҳишом”, ҷ.1, саҳ.481, “Таърихи Табарӣ”, ҷ.3, саҳ. 1232.
2 “Биҳоруланвор”, ҷ.19, саҳ.78.



тарафи ғори Савр, ки дар беруни Макка буд, рафт. Абӯбакри Сиддиқ низ аз ҷараён бохабар гашта бо паёмбар ҳамроҳ гардид.[1]

Кофирон бо шамшерҳои бараҳна ба тарафи бистари паёмбар ҳуҷум оварданд. Онҳо бо камоли тааҷҷуб Алӣ(а)-ро дар ҷои хоби он ҳазрат диданд ва бо ошуфтагӣ пурсиданд: “Муҳаммад(с) ба куҷо рафт?” Алӣ(а) фармуд: “Магар ман аз ҷониби шумо нигаҳбони ӯ будам, шумо қасди берун кардани ӯро доштед, ӯ ҳам аз шаҳр хориҷ шуд”.[2]

Қурайш, ки ҳамаи нақшаҳои худро ҳамчун нақше дар об диданд, ба иқдомҳои фаврӣ даст заданд, вале ба ҷое нарасиданд.

**Ба сӯи Ясриб**

Паёмбар(с) пас аз се рӯзи таваққуф дар ғори Савр ба сӯи Ясриб ҳаракат кард.[3]

Шахсе аз маккиён ба номи Суроқа ибни Молик, Расули Акрам(с)-ро таъқиб кард, вале пас аз он ки пои аспи ӯ се бор ба замин фурӯ рафт ва ӯро ба замин афканд, тавба кард ва баргашт.[4]

1 “Таърихи Табарӣ”, ҷ.3, саҳ.1234.
2 “Эъломулваро”, саҳ.63.
3 “Биҳоруланвор”, ҷ.19, саҳ.69, “Сираи Ибни Ҳишом”, ҷ.1, саҳ.486.
4 “Сираи Ибни Ҳишом”, ҷ.1, саҳ.489, “Биҳоруланвор”, ҷ.19, саҳ.88.

Паёмбар(с) дувоздаҳуми рабиулаввал ба Қубо расид[1] ва чанд рӯзе[2] дар он ҷо монд.

Абӯбакри Сиддиқ хеле исрор кард, ки он ҳазрат ба Ясриб ҳаракат кунад. Паёмбар ин пешниҳодро напазируфт ва ба Абӯбакр фармуд: "Алӣ маро бо ҷони худ ҳифз кардааст ва беҳтарини аҳли байти ман, писарамак ва бародари ман аст. То Алӣ бо ман ҳамроҳ нашавад, аз ин ҷо ҳаракат намекунам,".[3]

Алӣ пас аз анҷоми вазифае, ки ба вай вогузор шуда буд, худро дар Қубо ба Паёмбар(с) расонид. Пои Алӣ чунон зарб хӯрда буд, ки қудрати роҳ рафтан надошт. Паёмбар(с) бо меҳрубонӣ ӯро дар оғӯш кашид ва аз оби даҳони хеш ба пои ӯ молид. Варам ва зарбаи пои Алӣ барои ҳамеша бартараф гардид ва ҳамроҳи ӯ ба тарафи Ясриб ҳаракат кард.[4]

### Ясриб дар интизори Паёмбар (с)

Ясриб дигаргун шуда буд ва шӯру ҳаяҷоне бар шаҳр ҳукмрон буд. Мардум ҳар рӯз дар кӯчаҳо ва маҳаллаҳо дар интизори Паёмбар(с) буданд.

1 Макone аст наздики Мадина.
2 "Таърихи Табарӣ", ҷ.3, саҳ.1245.
3 "Биҳоруланвор", ҷ.19, саҳ.116.
4 "Комилуттаворих", ҷ.2, саҳ.106.



Паёмбар(с) рӯзи ҷумъа[1] вориди шаҳри Ясриб шуд. Мардум саропо ғарқи шодӣ буданд ва чашм аз чеҳраи нуронии паёмбар намеканданд.

Паёмбар(с) дар Ясриб мустақар шуд ва таҳкурсии Ислом ва тамаддуни азимеро бар асоси адолат ва имон рехт.

Ясриб пас аз вуруди Паёмбар(с) тағири ном дод ва "Мадинатуннабӣ, яъне шаҳри паёмбар[2] ном гирифт. Ин сол ба хотири ин воқеаи муҳимми таърихӣ, яъне пирӯзии ҳақпарастӣ ва адолат, мабдаи[3] таърих қарор гирифт. Мардум дар партави нури хуршед гӯё аз нав таваллуд шуданд. Ахлоқ, рафтор ва ақоиди фарсудаю пӯсида, ҳама иваз шуд ва барнома ва фарҳанги комилу ҳаётбахш, ҷонишини он гардид.

### Дарсе аз ҳиҷрат

Акнун чаҳордаҳ қарн аз воқеаи бузурги ҳиҷрат мегузарад. Таърихро варақгардон кунем ва кӯшишҳою сахтиҳои мусулмононро барои ҳиҷрат ва бунёдгузории Ислом мушоҳида кунем.

Мусулмононе, ки аз озорҳою шиканҷаҳои қурайш наҷот пайдо карда, муҳите ором ва мувофиқ ёфта буданд, ба танпарварӣ ва

1 "Сираи Ибни Ҳишом", ҷ.1, саҳ.494. "Биҳоруланвор", ҷ.19, саҳ. 122.
2 "Мӯъҷамулбулдон" ва "Маҷмаулбаҳрайн", калимаи "ясриб".
3 Оғоз.

хушгузаронӣ рӯй наоварданд, балки шабу рӯз барои ба вуҷуд овардани тамаддуни Ислом ва густариши он кӯшиданд.

Ҳамин фидокориҳо ва заҳматҳои пайгири мусулмонон буд, ки ононро аз бесарусомонӣ ва асорат наҷот бахшид ва ба онҳо саодат ва азамат бахшид.

Ин хотира бояд ҳар сол ба муносибати солгарди ҳиҷрат зинда шавад ва кӯшишҳою заҳматҳои садри Ислом, ки ба иттикои имон ба Худо ва пайравӣ аз дастуроти паёмбари олиқадр тавонистанд инқилоби муқаддас ва пешрафти азиме ба вуҷуд оваранд, гӯшзад шавад ва сармашқи кори мо қарор гирад.

Мо бояд ин матлабро бо наслҳои баъдӣ низ бисупорем, ки бузургию азамати он рӯзи мусулмонон дар гарави "имон ва кӯшиш" буд ва агар хоҳем онро дубора ба даст оварем, ногузир бояд кӯшиш ба харҷ диҳем.

# 12

## Пайрезии бародарии исломӣ дар Мадина

### Ҷомеаи зинда

Ҷомеаи зинда дар сояи ҳамкорӣ, ҳамоҳангӣ ва самимият ба вуҷуд меояд ва дар ҳамин ҷамъият аст, ки ҳама метавонанд саодат ва пешрафти худро пайдо кунанд ва бо ҳам самимию якдил бошанд.

Ислом барои ба вуҷуд омадани чунин ҷамъияте камтарин таваҷҷӯҳе ба нажод, забон, ранги пӯст ва минтақаи ҷуғрофиёӣ накардааст, балки ҳамаро мусулмон, ҳамоҳанг ва ҳамбаста медонад.[1] Танҳо назараш имон ба Худо аст, ки решаи ҳамаи ҳамбастагиҳо ва ҳамоҳангиҳо мебошад.

***"Бародарии исломӣ" беҳтарин ҷумлаест, ки ин ваҳдату ҳамоҳангии ҳамаҷонибаро нишон медиҳад. Қуръон бо баёни ҷолиб ва расое мегӯяд: "Иннамал мӯъминуна ихватун",[2] -Ҳамоно мӯъминон бародари якдигаранд".***

1 "Биҳоруланвор", ҷ.73, саҳ.293 ва "Равзаи Кофӣ" саҳ.246.
2 Сураи "Ҳуҷурот", ояти 10.

**Кӯшиши Паёмбар дар эҷоди бародарии исломӣ**

Паёмбари Ислом пас аз омадан ба Мадина ва сохтани масҷид,- яъне қароргоҳи низомоти мусулмонон, даст ба як ибтикори олӣ зад ва он пайрезии бародарии исломӣ буд. Ин ба он хотир буд то ваҳдату самимият беш аз пеш дар ҷомеаи мусулмонҳо ба вуҷуд ояд ва бидонанд, ки агар ватан ва дӯстони худро аз даст додаанд, дар ивази бародароне, ки аз ҳар ҷиҳат бовафотар ва дилсӯзтаранд, ба даст овардаанд.

Изофа бар бародарӣ ва бародарии умумӣ, ки ҳар мусулмоне бо мусулмони дигар дорад, байни пайравони худ аҳди бародарӣ баст ва ҳарду нафарро бо ҳам бародар қарор дод. Инчунин Алӣ(а)-ро ба унвони бародари худ интихоб кард ва фармуд: "Алӣ ҳам бародари ман аст".[1]

Бародарии исломӣ аст, ки Қуръон аз он ба азамат ва эҳтиром ёд мекунад ва мефармояд: "… Ва ба ёд оваред неъмати Худоро бар худатон он ҳангом, ки бо ҳам душман будед ва Худо ба лутфи худ дилҳоятонро бо якдигар меҳрубон ва боулфат қарор дод ва бо ҳам бародари динӣ ва

1 "Сираи Ибни Ҳишом", ҷ.2, саҳ.504-505.



имонӣ гаштед, дар ҳоле ки пештар бар лаби партгоҳи оташ[1] будед ва Худо наҷотатон дод…".[2]

**Бародарии исломӣ - шиори ваҳдат ва бародарӣ**

Бародарии исломӣ як матлаби ташрифотӣ[3] нест, балки ҳақиқате аст, ки омехта бо рӯҳи имон аст ва осори он яке пас аз дигаре зоҳир мешавад.

Пешвои маъсуми мо имом Содиқ(а) гӯшае аз ин асрорро шарҳ медиҳанд: "Мӯъмин бародар ва роҳнамои мӯъмини дигаре аст ва ба ӯ зулму хиёнат намекунад, ӯро фиреб намедиҳад ва ҳеҷ гоҳ ваъдахилофӣ намекунад".[4]

Яке аз осори бародарии исломӣ ин аст, ки он чи мусулмон барои худ мехоҳад, бояд барои бародари худ низ бихоҳад ва ӯро бо мол, даст ва забон кӯмак кунад. Аз бародарии исломӣ дур аст, ки ту серу сероб ва пӯшида бошӣ, вале мусулмоне чун ту ташна, гурусна ва бараҳна бошад.

Ҳазрати Содиқ(а) фармуд: "Агар ту пешкор ва пешхидмате дорӣ, вале бародарат надорад бояд пешкоратро назди бародарат бифиристӣ то дар

1 Ҷанг ва ихтилоф.
2 Сураи "Оли Имрон", ояти 103.
3 Маросимӣ ва тантанавӣ.
4 "Усули Кофӣ", ҷ.1, саҳ.166-167.

омода кардани таом, шустушӯи либос ё дигар ниёзмандиҳо ёрӣ кунад”.[1]

Бародарии исломӣ тамоми муносибатҳо, ҳатто нисбати хешовандиро таҳти шуоъ қарор додааст. Қуръон бо баёни равшан мегӯяд: ***“Ҳеҷ қавмеро, ки имон ба Худо ва рӯзи растохез доранд намеёбӣ, ки бо душманони Худо ва Расулаш дӯстӣ кунанд, ҳар чанд падарон ё фарзандон ё бародарон ё хешовандонашон бошанд”***.[2]

Бародарии исломӣ Салмони Форсӣ ва Билоли Ҳабаширо бародар ва дар радифи наздиктарин ёрони Паёмбар(с) қарор дод. Дар партави бародарии исломӣ чи душманиҳои решадоре ислоҳ шуд ва ҷамъиятҳои мутафарриқ бо якдигар дӯст шуданд. Ин иттиҳод ва ҳамбастагӣ боис мешавад, ки ҳамаи мусулмонон ҳамчун як хонаводаи калон дар шодию андӯҳи якдигар шарик бошанд.

Бародарии исломӣ як масъулияти умумӣ барои тамоми мусулмонҳо нисбат ба якдигар ба вуҷуд меоварад, ба тавре ки онон наметавонанд худро фориғ аз мушкилот ва гирифториҳои дигарон донанд. Бояд ҳар кас ба андозаи тавоноии худ дар роҳи аз байн бурдани душвориҳо ва эҷоди имконот бикӯшад.

---

1 “Усули Кофӣ”, ҷ.2, саҳ.169.
2 Сураи ”Муҷодала”, ояти 22.



Ин масъулият шомили ду бахш аст:

**Бахши аввал**: **таовуни иқтисодӣ**.

Ин ҳамкорӣ бар асоси рафъи ниёзмандиҳои иқтисодӣ аз қабили: таъмини беҳдошт, фарҳанги умумӣ, таҳияи маскан, тавлиди кор ва ғайраҳо мебошад. Қисмате аз дастурҳои Қуръон ва пешвоёни мазҳабӣ дар ин замина ворид шуда ва барномаҳои асосию қолибе ба унвони закот, хумс, садақа, инфоқ ва ... матраҳ шудааст.

**Бахши дуюм**: **ҳамкории илмӣ ва тарбиятӣ**.

Таблиғ, иршод ва роҳнамоӣ аст, ки ҳама ба саҳми худ вазифадоранд ҳар он чи омӯхтаанд ба дигарон расонанд ва низ дар тарбияти дигарон сустӣ наварзанд, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар намоянд. Аммо мусулмонон ба хотири тарсҳои мавҳум (зеҳнӣ, хаёлӣ) ва ба даст овардани манфиатҳои хаёлӣ ин суннати бузургро тарк намуда, аз гуноҳ пешгирӣ накарданд ва ба корҳои писандида ташвиқ нанамуданд. Натиҷа ин шуд, ки рӯҳи тарбияти бародарии исломӣ аз байн рафт ва аз паси он соири хубиҳои як ҷомеаи зинда худоҳофизӣ кард.

### Бародарии исломӣ дар замони ҳозир

Мусулмонон дар асри ҳозир беш аз ҳар давраю замоне ниёз ба иттиҳод ва ҳамбастагии воқеӣ доранд. Худованд ба кишварҳои исломӣ манбаъҳои зархезу гаронбаҳое бахшидааст, ки чашми тамаи дигарон ба он дӯхта шудааст. Онҳо

кӯшиш мекунанд, ки мусулмононро аз якдигар дуру бехабар нигоҳ доранд.

Мо бояд бедору ҳушёр бошем ва барои пойдории бародарии исломӣ, ки зербинои он ба дасти тавонои паёмбари олиқадри Ислом гузошта шуд, аз барномаҳои исломӣ пайравӣ кунем.

Мусулмонон ҳар чи қавӣ бошанд, боз ҳам ниёзи шадид ба ваҳдат доранд. Пас барномаи ваҳдат ва бародарии исломӣ бояд дар мактабҳои ибтидоӣ ба таври таъсирбахш ба донишомӯзон таълим дода шавад то дар давраҳои болотар ба воситаи барномаҳои амалӣ ва тарбиятӣ мустаҳкам гардад. Инчунин падарону модарон ҳам вазифадоранд, ки фарзандони худро мусулмони бародар ва ғамхори якдигар тарбият кунанд.

# 13

## Ҷиҳод дар Ислом

### Паёмбари раҳмат

Зиёда аз ҳафтсад миллион мусулмон дар гӯшаю канори мухталифи ҷаҳон оғози асри понздаҳуми биъсатро ҷашн гирифтанд.

Ин ҷашн ба хотири бузургдошти рӯзест, ки паёмбари мо парчами сулҳу бародариро ба дӯш гирифт ва бо шиори **“Ва мо арсалнока илло раҳматан лил оламин”**[1] пояҳои сулҳи ҷаҳонӣ ва ҳамзистии мусолиматомезро устувор сохт.

Дини Ислом ихтилофи табақотӣ ва нажодиро, ки омили бисёре аз ҷангҳо ва ҳодисаҳои номатлуб аст ба беҳтарин роҳ ҳал кард. Вале дунёи мутамаддини имрӯза ҳанӯз гирифтори он аст ва ҳамарӯза оташи ҷангро ба баҳонае шӯълавар месозад.

Сулҳҷӯӣ ва адолатхоҳии Ислом ба андозае аст, ки бо камоли сароҳат (равшанӣ) аҳли китобро ба сӯи ваҳдат ва ҳамоҳангӣ даъват мекунад ва бо баёни дилпазир мегӯяд: ***“Эй паёмбари мо, ба***

1 “Туро танҳо ба ин ҷиҳат фиристодем, ки сабаби оромиши ҷаҳониён буда ва барои эшон зиндагии мусолиматомезеро пайрезӣ кунӣ”, сураи “Анбиё”, ояти 107.

***аҳли китоб - яҳуд ва насоро – бигӯ дар ҳисори[1] тавҳид биёед то якдилу якзабон Худои ягонаро ибодат кунем ва ба ӯ ширк наварзем”.***[2]

Ҳангоме ки мусулмонон ба Мадина ҳиҷрат карданд ва парчами пирӯзӣ болои сари онон ба ҷилва даромад, пешниҳоди сулҳ аз тарафи мухолифин ба паёмбар пешниҳод мешуд ва он ҳазрат аз онҳо истиқбол мекард. Шоҳиди зиндаи он, сулҳ бо чанд тоифа аз яҳуд буд, ки дар соли аввали ҳиҷрат анҷом гирифт.[3]

Ислом хоҳони сулҳ ва ҳамзистии умумӣ аст ва дар ин замина барномаҳои олӣ ва муфиде тарҳ мекунад.

## Ҷиҳод барои чист?

Ислом мактаби зинда ва ҷаҳонӣ аст, ки ислоҳи назмҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии дунёро ба шеваи махсус пешгирӣ мекунад.

Ислом монанди оини румиёни қадим, яҳуд ва натсистҳо дар чорчӯби ҷомеа ва нажод маҳдуд нест, балки барои умуми ҷаҳониён аст. Мусулмонон ба пайравӣ аз таълимоти Ислом вазифадоранд дар роҳи наҷоти тӯдаҳои маҳруму ситамдида, истиқрори сулҳу адолат ва ошно

1 Қалъа, макони амн.
2 Сураи “Оли Имрон”, ояти 72.
3 “Эъломулваро”, саҳ.69.



шудани мардуми ҷаҳон нисбат ба барномаҳои зиндагӣ бикӯшанд.

Муҷоҳидини Ислом дар садади он нестанд, ки аз роҳи ҷиҳод ба қитъаи замине даст ёбанд ва ё режимеро сарнагун созанд ва режими монанди он ё золимонатар бар қаблиашро барпо кунанд. Аз ин ҷост, ки ҷиҳод талоши башардӯстона ва самимиест, ки дар роҳи Худо ва такомули инсонҳо ва наҷоти тӯдаҳои заифи мардум анҷом меёбад то фитнаҳо аз миён бардошта шавад ва сулҳи умумӣ барқарор шавад. Ин ҳадафи бузург ва ин таълимоти зинда ба хоболудагӣ ва зиллати ҷамъияти бешумор хотима медиҳад. Инчунин худкомагӣ ва судҷӯии гурӯҳе азизи беҷиҳатро, ки аз хуни дили бечорагон зиндагии афсонавӣ месозанд, таътил мекунад.

Фитрати инсон ҳукм мекунад, ки алафҳои бегона ва узвҳои фосиди ҷомеа бояд нобуд шаванд то замина барои наҷоту саодати тӯдаҳои маҳруми мардум фароҳам ояд. Башардӯстон, адолатхоҳон ва озодагон ба чунин мубориза даст мезананд ва онро ситоиш мекунанд.

Чи зебою некӯст каломи Худо: “Агар Худо бархе аз мардумро ба воситаи бархе дигар пешгирӣ намекард, замин табоҳу фасод мешуд”.[1]

1 Сураи “Бақара”, ояти 251.

Дар теорияи қонунгузории Ислом, ҷанг худ ҳадафи ниҳоӣ набудааст, балки барои пешгирӣ аз таҷовузҳо, ситамгариҳо ва низ кушодашудани роҳ барои саодати инсонҳои шоиста, василаи ниҳоӣ шинохта шудааст.

**Оё Ислом бо шамшер пеш рафт**?!

Ҳадафи аслии мусулмонон аз ҷанг ин буд, ки иртиботи байни худ ва тӯдаҳои маҳруми ҷомеаро барқарор созанд то ба ин восита онон аз қонунҳои Ислом огоҳ гарданд ва азамату асолати онро аз наздик мушоҳида кунанд.

Мусулмонон дар пайкори худ бо кофирон[1] касеро маҷбур ба Ислом намекарданд. Онон метавонистанд бо қабули шароити сулҳ дар дини худ боқӣ монанд ва дар ивази ин давлати исломӣ аз онон ҳимоят мекард.

Паёмбари Ислом дар сулҳи Ҳудайбия тааҳҳуд кард, ки агар фарде аз куффори Макка мусулмон шавад ва ба Мадина назди мусулмонон биёяд, мусулмонон онро напазиранд ва ба Макка баргардонанд[2] ва ҳамон хеле, ки тааҳҳуд дода буд, амал кард,[3] дар сурате, ки агар мехост мутақобилан аз душманон тааҳҳуд бигирад, ки

1 Кофирони аҳли китоб, кофирони китобӣ.
2 “Биҳоруланвор”, ҷ.20, саҳ.350.
3 “Биҳоруланвор”, ҷ.73, саҳ.362.



шахсоне, ки аз дини Ислом хориҷ мешаванд ва назди куффори Макка мераванд, ононро ба Мадина боз гардонад.

Паёмбари Ислом дар фатҳи Макка қурайшро озод гузошт ва ҳеҷ шахсеро ба қабули Ислом водор насохт то ин ки худи эшон дини дурусту ҳақро бишиносанд. Ҳазрат бо мусулмонон аҳд баст, ки дар Макка касеро ҷуз чанд нафар, ки корашон озору беназмӣ буд, накушанд.[1]

Инчунин вақте ки куффор амон мехостанд, амонашон медод то худашон пас аз баррасӣ ва таҳқиқ Исломро озодона қабул кунанд. Масалан, Савфон ибни Умайя пас аз фатҳи Макка ба Ҷидда фирор кард. Вақте аз Паёмбари Ислом барояш амон хостанд ҳазрат саллаи худро барои ӯ фиристод то бо ин нишона дар амон бошад ва ба Макка дохил шавад. Савфон аз Ҷидда баргашт ва ба паёмбар арз кард: “Ду моҳ ба ман ихтиёр ва мӯҳлат бидеҳ”. Паёмбар пазируфт ва ӯро чор моҳ мӯҳлат ва ихтиёр дод. Ӯ ҳамроҳи ҳазрат ба Ҳунайн ва Тоиф рафт, бо ин ки ҳанӯз кофир буд. Саранҷом Савфон бо иродаю хоҳиши худ мусулмон шуд.[2]

Ҳамин хел маълум мешавад, ки ба кор бурдани шамшер танҳо барои ононе аст, ки ҳақро

1 “Эъломулваро”, саҳ.110.
2 “Комил”-и Ибни Асир, ҷ.2, саҳ.248-249.

шинохтаанд, вале бо он мубориза мекунанд ва инчунин аз саодату хушбахтии дигарон пешгирӣ мекунанд.

Шамшер барои аз байн бурдани фитнаҳо, наҷоти тӯдаи маҳруми заҳматкаш ва эҷоди заминаҳои мусоид барои пешрафт ва такомули инсон мебошад.

Имони мусулмонони садри Ислом ва истиқлолияти онон беҳтарин далел бар ин аст, ки Ислом ба зӯри шамшер пеш нарафтааст. Мусулмонони садри Ислом ба андозае нисбат ба дини худ алоқаманд буданд, ки дар баробари тамоми мушкилиҳо сабру истиқомат мекарданд, ҳатто зодгоҳи худро тарк мегуфтанд ва ҳиҷрат мекарданд.

Билоли ҳабашӣ аз касоне буд, ки нисбат ба қабули Ислом дар сафи пеш буд.

Абӯҷаҳл ӯро рӯи регҳои гарми Ҳиҷоз мехобонд ва санги калоне рӯи ӯ мегузошт то ҳарорати офтоб ӯро азоб диҳад. Ӯ ба Билол мегуфт: “Ба Парвардигори Муҳаммад кофир шав”. Билол бошад пай дар пай мегуфт: “Аҳадун, аҳадун”[1]. Ӯ бо ин азобу шиканҷаҳо аз оини поки Ислом даст намекашид ва сабру таҳаммул мекард. Оё бо ин вазъ боз ҳам метавон гуфт, ки Ислом бо зӯри шамшер пеш рафтааст?!

---

1 “Усдулғоба”, ҷ.1, саҳ.206.



Душманони Ислом чун нуқтаи заъфе дар Ислом надиданд, хостанд аз ин роҳ Исломро доғдор кунанд. Онҳо ғофил аз ин ҳастанд, ки Ислом ба хотири осонӣ, соддагӣ, паноҳ додан ба тӯдаҳои маҳруму ситамдида ва ҷомеияти худ нисбат ба масоили зиндагӣ пеш меравад.

Доктор Густов Лубуни фаронсавӣ менависад:

> ***“Ислом ба тариқи саҳлу соддае пеш меравад, ки воқеан ҳайратангез аст ва бояд онро ҷузъи ихтисосоти Ислом шуморид. Ҳар ҷо мусулмонон қадам гузоранд, Ислом барои ҳамеша дар он ҷо боқӣ мондааст”.***[1]

Яке аз дигар нависандагони масеҳӣ менависад: “Паҳншавӣ ва густариши ҷаҳони Ислом ба воситаи алоқаҳои бозаргонӣ ва фарҳангӣ дар мовароИ марзҳои исломӣ ба дараҷот бештар аз футӯҳоти низомӣ будааст”.[2]

---

1 “Тамаддуни Ислом ва араб”, саҳ.806.

2 Китоби “Ҷанг ва Сулҳ дар Ислом”, тарҷумаи Сайид Ғуломризо Саидӣ, саҳ.345.

## 14

## Ангезаи ҷангҳои замони Паёмбар (с) ва оморе аз кушташудагон

### Идеологияи ҳамдигарфаҳмии байналхалқӣ

Паёмбари Ислом бар хилофи зимомдорони худсари ҷаҳон, ки ба манзури кишваркушоӣ, истисмори нерӯҳои инсонӣ ва ба даст овардани боигарии миллатҳои дигар ба ҷанг иқдом мекунанд, даст ба шамшер намезад. Ӯ бо машъали китоб ва қонун пеш мерафт ва танҳо шамшерро дар мавриди зарурӣ барои пешгирӣ аз зулму ситам, аз байн бурдани хорҳои сари роҳ ва баланд бардоштани парчами ҳаққу адолат ба кор мебарад.

Набардҳои замони Паёмбари Ислом ба ҷиҳати барканор кардани мардумони манфиатхоҳ буд, ки бар бандагони поки Худо ситам раво медоштанд ва аз нашри ҳақиқатҳо ва ақидаҳои исломӣ пешгирӣ мекарданд. Инчунин, барои он буд, ки инсоният битавонад дар сояи ҳукумати адлу инсоф ба идеологияи ҳамдигарфаҳмии баёналмилалӣ либоси амал пӯшонад.

Оё чунин ҷангеро метавон ноҳақ шуморид!? Бадеҳӣ аст, ки ин муборизаҳо барои ҳар паёмбаре зарурию лозим аст ва ҳар хирадманд



онро меситояд, зеро расидан ба ҳадаф роҳи дигаре ҷуз ин надорад.

Ҳазрати Исо(а), ки замони рисолаташ кӯтоҳ буд ва шароит мусоид набуд ва аз ин ҷиҳат даст ба шамшер назад, вагарна ӯ ҳам алафҳои бегонаи ҷомеаро нобуд месохт.

“Дастгоҳи башоратдиҳандаи масеҳият” барои он ки рӯҳияи давлатҳои исломиро заиф кунад, рӯҳи мубориза бо истеъмор ва фасодро дар он бикушад ва аз густариши рӯзафзуни Ислом ҷилавгирӣ ба амал оварад, ҷангҳои Паёмбари Исломро вожгун[1] тафсир мекунад ва омори кушташудагонро фоҷиаангез нишон медиҳад. Ба ин васила онон ҷиноятҳои арбоби калисоро дар додгоҳҳои тафтиши ақоид ва ҷангҳои салибӣ – бо миллионҳо куштаи бегуноҳи он - ночиз ва табиӣ ҷилва диҳанд.

Мо нахуст ангезаи набардҳои маъруфи Паёмбар(с) ва пас аз он омори кушташудагони ҳамаи ҷангҳои замони пайғамбарро ба таври ихтисор баён мекунем то ҳақиқат равшан гардад. Умедворем, ки хонандагони азиз фалсафаи ҷангҳои исломиро дарёбанд ва низ бидонанд, ки теъдоди кушташудагон то чӣ андоза каму ночиз аст.

---

1 Нодуруст, баръакс.

1 – **Ҷанги Бадр**

Паёмбари Ислом ва ёронаш пас аз биъсат, сездаҳ сол дар Макка мавриди шиканҷаю озори қурайш қарор гирифтанд. Оқибат Паёмбар(с) зодгоҳи худро тарк гуфт ва ба Мадина ҳиҷрат кард. Куффори Макка даст аз корҳои собиқашон накашиданд ва мусулмонони бедифои Маккаро озор медоданд ва намегузоштанд онҳо аз Макка ҳиҷрат кунанд.[1] Аз тарафи дигар тасмим гирифта буданд, ки Мадинаро дар муҳосираи шадиди иқтисодӣ қарор диҳанд. Куффор манъ карданд, ки ҳеҷ як аз корвонҳои озуқа барои Мадина хӯрока набаранд. Ин муҳосира муддате тӯл кашид ва аҳолии Мадина ба заҳмату мушкилӣ афтоданд ва маҷбур шуданд барои овардани озуқа ба соҳили баҳри Сурх раванд.[2]

Абӯҷаҳл низ пас аз ҳиҷрати Паёмбар(с) таи номаи хушунатомезе ба он ҳазрат эълон кард, ки дар интизори ҳамлаи қурайш бошад.[3]

Ин ҷо буд, ки Худованд фармуд: “Онон, ки мавриди ҳуҷум ва таҷовуз воқеъ шудаанд, метавонанд дар муқобил ба ҷангу дифоъ бипардозанд. Худованд қодир аст ононро, ки аз

1 “Биҳоруланвор”, ҷ.19, саҳ.143.
2 “Муҳаммад ситорае, ки дар Макка дурахшид”, саҳ.92.
3 “Биҳоруланвор”, ҷ.19, саҳ.265-266.



шаҳр ва диёри худ ба ҷурми яктопарастӣ берун ронда шудаанд, ёрӣ кунад”.[1]

Паёмбари Ислом дар соли дуюми ҳиҷрат барои ҳифзи Ислом, дифоъ аз ҳуқуқи ҳаётии мусулмонон, хунсо кардани нақшаҳои шуми қурайш ба по хест ва саранҷом дар ҷанги “Бадр” дар баробари лашкариёни қурайш қарор гирифт. Мусулмонон бо ин, ки аҳолиашон як сеюми куффор буд, бо қувваи имон ва ёрии Худованд, онҳоро шикаст доданд.[2]

2 – **Ҷанги Уҳуд**

Вақте гурӯҳе аз куффор дар ҷанги Бадр кушта шуда буданд, қурайш барои гирифтани интиқом дар соли ҳиҷрат ба сӯи Мадина раҳсипор шуданд. Онон бо лашкари Ислом дар Ӯҳуд рӯ ба рӯ гардиданд. Дар ин ҷанг аз сабаби он, ки бархе аз мусулмонон ба роҳнамоии Паёмбар(с) гӯш надоданд, ба нафъи Ислом анҷом наёфт.[3]

3 – **Ҷанги Аҳзоб (Хандақ)**

Дар соли панҷуми ҳиҷрӣ, гурӯҳе аз яҳудиёни “Бани Назир” ба Макка рафтанд ва қурайшро бар зидди Ислом ва мусулмонон таҳрик карданд.

1 Мазмуни ояти 39-40 аз сураи “Ҳаҷ”.
2 “Комил”-и Ибни Асир, ҷ.2, саҳ.118, “Эъломулваро”, саҳ.76.
3 “Табақот”, қисмати аввал, саҳ.27-29.

қурайш аз фурсат истифода бурда, лашкари зиёде аз гурӯҳҳои мухталиф ташкил дод ва ба сӯи Мадина ҳаракат карданд.

Мусулмонон барои ҳифзи маркази Ислом – Мадина – атрофи шаҳрро хандақ канданд ва дар баробари даҳ ҳазор душман саф кашиданд. Ҳазрати Алӣ(а) сардори ононро аз по афтонд ва саранҷом ҷанг ба фоидаи мусулмонон тамом шуд.[1]

## 4 – Ҷанги Бани Қурайза

Бани Қурайза[2] бо Паёмбари Ислом паймони сулҳ баста буданд, вале дар ҷанги "Хандақ" паймоншиканӣ карданд ва ба қурайш кӯмак карданд.[3] Инон чун аз назари Паёмбар(с) афроди хатарнок шинохта шуданд, чорае ҷуз ин набуд, ки аз миён бардошта шаванд.

Пас аз ҷанги "Аҳзоб" Пайғамбар(с) дастур доданд, ки лашкари Ислом ба сӯи Бани Қурайза ҳаракат кунад. Муддати бисту панҷ рӯз онон дар муҳосираи мусулмонон буданд ва саранҷом таслим шуданд. Тоифаи Авс аз Пайғамбар(с) хоҳиш карданд то аз хунашон даргузарад Ҳазрат фармуд: "Оё розӣ ҳастед Саъди Маоз, ки яке аз

1 "Таърихи Табарӣ", ҷ.3, саҳ.1463-1476..
2 Аз яҳудиёни атрофи Мадина буданд.
3 "Биҳоруланвор", ҷ.30, саҳ.191, "Таърихи Табарӣ", ҷ.3, саҳ.1472.



бузургони шумост, дар бораи онҳо ҳукм кунад?" Ҳама пазируфтанд, ба умеди он, ки Саъд аз онҳо ҷонибдорӣ хоҳад кард. Саъди Маоз бошад ба куштани мардони ҷангӣ, тақсими амвол ва асир намудани занонашон ҳукм кард. Пайғамбар(с) фармуд: "Ҳукми Саъд, ҳамон ҳукме аст, ки Худованд дар бораи ин афрод содир фармудааст" ва тамоми ҷангҷӯёни онҳо кушта шуданд.[1]

## 5 – Ҷанги Бани Мусталақ

"Бани Мусталақ"- гурӯҳе аз қабилаи Хузоа буданд, ки бар зидди мусулмонон ба иқдоме даст заданд. Пайғамбари Ислом аз сӯиқасди онҳо бохабар шуд ва бо лашкаре ба сӯяшон ҳаракат кард то аз хатари онон пешгирӣ кунад. Дар маҳалле ба номи "Мурайсиъ" ба онон ҷангид ва дар ин пайкор пирӯз шуд. Ин ҷанг соли шашуми ҳиҷрӣ иттифоқ афтод.[2]

## 6 – Ҷанги Хайбар

Дар қалъаҳои Хайбар гурӯҳи зиёде аз яҳудиён зиндагӣ мекарданд. Онон бо мушрикон робитаҳои низомӣ ва иқтисодӣ доштанд. Чун амнияти мусулмонон аз сӯи онон таҳдид мешуд,

1 "Таърихи Табарӣ", ҷ.3, саҳ.1487-1493.
2 "Комил"-и Ибни Асир, ҷ.2, саҳ.192, "Таърихи Табарӣ", ҷ.3, саҳ. 1511.

дар соли ҳафтуми ҳиҷрӣ мусулмонон ба сӯи Хайбар, ки ситоди марказии душман ба шумор мерафт, ҳаракат карданд ва пас аз муҳосира ва ҷанг, яҳудиён таслими ҳукумати исломӣ шуданд.[1]

**7 – Ҷанги Мута**

Дар соли ҳаштуми ҳиҷрӣ Паёмбари Акрам(с) Ҳорис ибни Умайрро бо номае ба сӯи подшоҳи Бусро[2] фиристод. Вақте номарасони ҳазрат ба Мута расид, ӯро куштанд. Мусулмонон ба фармони паёмбари Худо ба тарафи душман ҳаракат карданд ва саранҷом дар Мута бо лашкари Ҳирқал – подшоҳи Рум, ки аз сад ҳазор нафар румӣ ва ғайрирумӣ ташкил шуда буд, бархӯрд карданд ва ҷанги сахте миёни онон даргирифт. Дар ин ҷанг Зайд ибни Ҳориса, Ҷаъфар ибни Абӯтолиб, Абдулло ибни Равоҳа - сардорони лашкари Ислом шаҳид шуданд. Дар натиҷа мусулмонон натавонистанд дар баробари куффор муқовимат кунанд ва ба Мадина баргаштанд.[3]

**8 – Фатҳи Макка**

1 “Комил”-и Ибни Асир, ҷ.2, саҳ.216, “Таърихи Табарӣ”, ҷ.3, саҳ. 1575.
2 Маҳалле аст дар Шом.
3 “Табақот”, қисмати аввал, саҳ.92-94.



Қурайшиҳо дар паймони сулҳи Ҳудайбия бо Паёмбар(с) қарор баста буданд, ки нисбат ба мусулмонон ва ҳампаймонони онҳо таҷовузу тааддӣ накунанд, вале онон паймони худро шикастанд ва бо қабилаи “Бани Бакр” ҳамкорӣ карданд то қабилаи “Хузоа”-ро, ки аз ҳампаймонони мусулмонон буданд, нобуд созанд.

Паёмбари Ислом барои пешгирӣ аз таҷовузҳои онон ба по хест ва саранҷом бехабар ба тарафи Макка ҳаракат кард. Ӯ бо тадбири дуруст вориди Макка шуд ва шаҳри Маккаро фатҳ кард ва баъд аз он ба зиёрати хонаи Худо рафт. Ҳазрат хитобаи таърихии худро дар ин ҷо эрод ва эълом дошт:

> ***“Огоҳ бошед, ки шумо барои Паёмбари Худо ҳамсоягон баде будед, ба такзиби ӯ пардохтед ва озор кардед. Моро аз диёрамон берун рондед ва ба он ҳам розӣ нашудед, ҳатто дар Мадина ва ғайри он, аз мо даст барнадоштед ва бо мо муқотила кардед, биравед ҳамаи шумо озодед”.***[1]

Ин гузашт ва бузургворӣ сабаб шуд, ки мардуми Макка ба Ислом рӯ оваранд. Дар ин фатҳ Паёмбар(с) ба мусулмонон дастур дод, ки

1 “Эъломулваро”, саҳ.104-112, “Биҳоруланвор”, ҷ.21, саҳ.106.

ҷанг накунанд, магар ба унвони дифоъ ва ҷилавгирӣ аз таҷовузи мушрикин. Аммо ҳашт нафар мард ва чаҳор занро маҳдуруддам[1] эълом фармуд. Аз ин гурӯҳ чаҳор нафар кушта шуданд ва танҳо задухӯрде, ки рух дод байни сипоҳи Холид ва гурӯҳе аз мушрикин буд, ки ба саркардагии Акрама ибни Абӯҷаҳл меҷангиданд ва гурӯҳе кушта шуданд.[2]

## 9 – Ҳунайн ва Тоиф

Қабилаи Ҳавозин лашкаре бар зидди Ислом ташкил доданд. Паёмбар(с) аз мавзӯъ бохабар шуд ва бо дувоздаҳ ҳазор нафар ба суроғи онон рафт. Ҷанг дар водии Ҳунайн шурӯъ шуд ва саранҷом куффор шикаст хӯрда, таслим шуданд.[3] Пас аз ин ҷанг ҳазрат рӯ ба Тоиф овард то қабилаи Сақифро, ки бо Ҳавозан ҳамдаст шуда буданд, саркӯб кунанд, вале пас аз муддате муҳосира аз фатҳи он ҷо сарфиназар кард ва ба Макка баргашт.[4]

Ҷуз ин ҷангҳо чандин сафари таблиғӣ ва ҷангҳои хурди дигаре дар замони Паёмбари Ислом пеш омад. Инак шумораи кушташудагони мусулмон ва кофир дар ҳамаи ҷангҳое, ки дар

1 Маҳдуруддам,- касе, ки ба ҳукми Ислом бояд ба қатл расад.
2 "Комил"-и Ибни Асир, ҷ.2, саҳ.247-250.
3 "Биҳоруланвор", ҷ.21, саҳ.149.
4 "Сираи Ибни Ҳишом", ҷ.3, саҳ.482.



замони паёмбари азизи Ислом иттифоқ афтод, бинобар санадҳои маъруф ва машҳури таърих, ки дар ҷадвали зер омадааст, чунин аст:

Омори кушташудагон дар ҷангҳои замони Паёмбари Ислом(с):

| Номи ҷангҳо | Таърихул-хамис | Сираи Ибни Ҳишом | Таърихи Яъқубӣ | Табақот | Биҳорул-анвор | Таърихи Табарӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бадр | 84 | 84 | 86 | 84 | 84 | 84 |
| Уҳуд | 93 | 92 | 90 | 109 | 109 | 70 |
| Хандақ | 9 | 9 | 14 | 11 | 9 | 9 |
| Бани Қурайза | 800 | 850 | 750 | 700 | 900 | 850 |
| Бани Мусталақ | 12 | --- | --- | 10 | 10 | --- |
| Хайбар | 32 | 23 | --- | 98 | --- | 3 |
| Мута | 21 | 13 | --- | 13 | --- | 3 |
| Фатҳи Макка | 39 | 20 | --- | 23 | --- | 21 |
| Ҳунайн ва Тоиф | 96 | 101 | --- | 87 | 112 | 85 |
| Бақияи ҷангҳо | 250 | 122 | --- | 119 | 333 | 210 |

Тавзеҳ:

* Ин омор дар ҳар яке аз санадҳои боло бо муроoти шумораи ҳадди аксар дар мавридҳои ихтилоф омода шудааст ва ҳар ҷо, ки натавонистем ададе пайдо кунем, ҷояшро холӣ гузоштем.

”Таърихулхамис” ки яке аз санадҳои оморгирии мо мебошад, маҷмӯае аст, ки аз даҳҳо китоби тафсир, ҳадис ва таърих интихоб шудааст.

Рақамҳои ночизе, ки дар ҷадвали омор мулоҳиза мешавад, ҳеҷ гоҳ қобили муқоиса бо ададҳои кушташудагони ҷангҳои мазҳабӣ ва салибии масеҳиён намебошад. Хонандаи мӯҳтарам бояд мулоҳиза кунад, ки ҳеҷ як аз ҷангҳои замони Паёмбар(с) ба хотири кишваркушоӣ, интиқом ва таҷовуз сурат нагирифта буд, балки фақат барои пешгирӣ аз таҷовузи паймоншиканон, ҳифзи истиқлол, дифоъ аз сарзамини мусулмонон ва эътилои (баланд будан) калимаи ҳақ будааст.

Доктор Густов Лубун аз қавли “Мишуд” нақл мекунад: “Ислом, ки ҷиҳодро воҷиб кардааст, мардумро нисбат ба пайравони мазҳабҳои дигар



ба инсоф, адл ва гузашт даъват мекунад ва ба онон озодии мазҳабӣ медиҳад”.[1]

1 “Тамаддуни Ислом ва Араб”, саҳ.148.

## 15

## Рисолати ҷаҳонии ҳазрати Муҳаммад (с)

### Ислом дини шарқ ва ғарб

Ислом аз рӯзи аввал чун чашмаи софу зулол зоҳир шуд ва он гоҳ рафта-рафта бар паҳно ва чуқурии он афзуда гашт. Саранҷом ба сурати ҷӯйбор ва рӯдхонаи азиме даромад, ки дар сарзаминҳои мухталиф инсониятро обёрӣ мекард ва одамонро сероб месохт. Ҳоло низ ҳар чи пештар меравад, чуқуртар ва васеътар мегардад ва ба ростӣ метавонад чиркинӣ ва нопокии ҳамаи суннатҳои ғалатро бишӯяд ва мардумро дар ҳар замону макон ба роҳи ҳидоят раҳнамун бошад.

Ислом алорағми сиёсатҳои истеъмории ҷаҳон ба пеш меравад ва бадгӯиҳои беасос ва фаъолияти душманон ба хотири дарҳам кӯбидани пояҳои Ислом, натавонистааст коре анҷом диҳад.

Ислом рамзи пирӯзӣ ва умумиятро дар даст дорад ва бо таваҷҷӯҳ ба он қонунҳо, барномаҳои худро пайрезӣ кардааст. Он рози бузург ва он рамз "мутобиқати Ислом бо фитрати инсонҳост", ки ҳама ба таври куллӣ аз он



бархӯрдоранд ва асоси зиндагӣ барои он устувор аст.

Бинобар ин касоне, ки мегӯянд: "Шарқ шарқ асту Ғарб ғарб, паёмбари шарқӣ наметавонад раҳбарии Ғарбро ба ӯҳда гирад", сахт дар иштибоҳ мебошанд, зеро Шарқ ва Ғарб аз назари фитрат яксонанд. Ҳамон хел, ки шарқӣ мӯҳтоҷи дини фитрист, ғарбӣ ҳам ниёзманд ба он аст.

### Муҳаммад (с) аз Макка мардуми ҷаҳонро ба Ислом даъват кард

Он рӯз, ки шиори тавҳид ба воситаи паёмбари мо дар фазои торики Макка танинандоз гашт, танҳо назари парчамдори ин наҳзатислоҳи минтақаҳои Ҳиҷоз ва гурӯҳи араб набуд, балки маъмурият дошт рисолати ҷаҳонии худро аз муҳити Арабистон шурӯъ кунад.

Шоҳиди он, ҷумлае аст, ки он ҳазрат дар оғози даъвати умумии хеш ба наздиконаш фармуд: **«Иннӣ расуллуллоҳи илайкум хоссатан ва иланноси омматан…».**

> ***Ҳамоно ман фиристодаи Худо ҳастам ба сӯи хусуси шумо ва ба сӯи умуми мардум".***

Ҳамчунин оёте аз Қуръон ин ҳақиқатро таид мекунад. Акнун ба се ояти зер таваҷҷӯҳ кунед:

1. **"Қул ё айюҳанносу инни расулуллоҳи илайкум ҷамиъо…,-** ***Бигӯ эй мардум! Ҳамоно ман фиристодаи Худоям ба сӯи ҳамаи шумо".***

2. “**Ва мо арсалнока илло раҳматан лил оламин,-** ***Нафиристодем туро магар ба манзури раҳмати – густурда- барои ҷаҳониён”.***[1]

3. “... **Ва уҳия алайя ҳозал қуръону лиунзиракум биҳӣ ва ман балаға...,-** ***Ин Қуръон ба ман ваҳй шудааст, то ба он шумо ва ҳар каси дигарро, ки Қуръон ба ӯ бирасад, бим диҳам.”***[2]

Аз оёти боло ошкору маълум мешавад, ки рисолати ҷаҳонии Паёмбар(с) пас аз омадан ба Мадина ва густариши Ислом тарҳрезӣ нашуд, балки даъвати он ҳазрат аз рӯзи аввал барои умуми мардум дар ҳамаи замонҳою маконҳо оғоз гардид.

Пешвои мо имом Содиқ(а) дар посухи марде, ки пурсид: “Чаро Қуръон ҳарчи хонда ва дарс дода мешавад нав аст?” Ҳазрат фармуд: “Худованд Қуръонро барои замон ва гурӯҳи хосе нафиристодааст, ба ҳамин ҷиҳат то қиёмат дар ҳар замоне нав ва пеши ҳар гурӯҳе нав аст”.[3]

### Шоҳиди дигаре бар ҷаҳонӣ будани Ислом

Паёмбари Ислом дар соли шашуми ҳиҷрат намояндагони худро ба сӯи зимомдорони[4] олам фиристод ва бо номаҳое, ки “Муҳаммад

1 Сураи “Анбиё”, ояти 108.
2 Сураи “Анъом”, ояти 19.
3 “Сафинатулбиҳор”, ҷ.2, саҳ.413
4 Ҳукуматдорон, давлатдорон, сарони кишварҳо.



Расулуллоҳ” дар болои он медурахшид, ононро ба Ислом даъват кард.

Ин номаҳо ҳамаашон маънои ягонаеро дар бар доштанд. Он даъват ба тавҳид ва бародарии исломӣ буд. Аз он ҷо, ки даъвати Паёмбар(с) ба фармони Худованди мутаол ва барои ҳушдор додан ба мардум буд, осори амиқу қобили таваҷҷӯҳе дар онон мегузошт, ба тавре ки мардуми ҳақҷӯ ва боинсоф Исломро қабул карданд, ки Наҷошӣ, Муқавқас ва дигарон аз ин қабил мебошанд…[1]

Таҳқиқоте, ки дар заминаи ҷамъоварии номаҳои қаблии таблиғии Паёмбар(с) шудааст нишон медиҳад, ки он ҳазрат ҳудуди 62- нома ба подшоҳон, бузургони қабилаҳо ва дайрнишинон барои даъват ба Ислом фиристодааст, ки матни 29 адади онҳо дар ихтиёр аст.[2]

Инак назаре ба қисмате аз номаҳои Паёмбари Ислом(с)

*** Ба Касро подшоҳи Эрон**:

***“Бисмиллоҳир Раҳмонир Раҳим,Аз Муҳаммад фиристодаи Худо, ба Касро бузурги Форс. Дуруд бар раҳрав ва ҳидоят ва гаравандаи ба Худо ва расулаш, он ки шаҳодат ба яктопарастӣ ва рисолати бандаи Худо Муҳаммад бидиҳад.***

1 “Комил”-и Ибни Асир, ҷ.2, саҳ.210, “Макотибуррасул”, ҷ.1, саҳ. 30-31.
2 “Макотибуррасул”, ҷ.1, саҳ.35-41.

*Ҳамоно ман туро ба фармони Худо ба сӯи Ислом мехонам. Ва ман фиристодаи Худо ба сӯи тамоми мардум ҳастам, то дилҳои зиндаро бим диҳам ва кофирон ҳам узре надошта бошанд. Исломро қабул кун то дар иҳотаи сулҳ ва саломат қарор гирӣ ва чунончи рӯй гардонӣ гуноҳи маҷус бар туст".*[1]

* **Ба Ҳирқал подшоҳи Рум**:

*"Бисмиллоҳир раҳманир раҳим,... Ман туро ба Ислом даъват мекунам, чунончи дар ҳисори Ислом дохил шавӣ, дар нафъ ва зарар бо мусулмонон шарикӣ... вагарна мардумро озод бигзор то Исломро бипазиранд ва ё ҷизя бипардозанд ва монеи онон мабош".*[2]

* **Ба зимомдори Ямома** :

*"Бисмиллоҳир раҳмонир раҳим,Номае аст аз Муҳаммад - фиристодаи Худо, ба ҷониби Ҳавза. Дуруд бар касе бод, ки ҳидоят ва роҳнамоии роҳнамоёни динро пайравӣ намояд.*

*Ту эй зимомдори Ямома бидон, ки дини ман то охирин нуқтае, ки инсоният метавонад ба он даст ёбад, пешрафт мекунад. Пас, дини Исломро бипазир то солим бимонӣ…".*[3]

* **Ба яҳудиён**:

*"Номае аст аз Муҳаммад, фиристодаи Худо, бародар ва ҳамроҳи Мӯсо ибни Имрон. Худованд ӯро ба ҳамон рисолате, ки Ҳазрати Калимро*

---

1 "Макотибуррасул", ҷ.1, саҳ.90, "Сираи Ҳалабия", ҷ.3, саҳ.277.

2 "Муҳаммад ва зимомдорон", саҳ.162.

3 "Сираи Ҳалабия", ҷ.3, саҳ.285.



*маъмур[1] сохта буд, фиристодааст. Шуморо ба Худо ва он чи Алвоҳи[2] муқаддас, ки дар Тӯри Сино бар Мӯсо фурӯд овард... савганд медиҳам: Оё рисолати маро ба сӯи ҷомеаи яҳуд ва оммаи мардум, дар китоби осмониятон ёфтаед?! Агар чунин аст, пас аз Худо битарсед ва Исломро қабул кунед ва агар чунин чизеро наёфтед маъзуред".*[3]

* **Ба Усқуфи Наҷрон**

*"Ба номи Худои маъбуди (ва Худои) Иброҳим, номае аст, аз Муҳаммад-паёмбари Худо, ба Усқуфи Наҷрон... Ҳамоно ман шуморо аз парастиши бандагон, ба бандагӣ ва парастиши Худованд, - маъбуди ҳақиқӣ даъват мекунам".*[4]

(Номаи Паёмбари Ислом(с) танҳо барои подшоҳон набуд, балки барои миллатҳо ва мазҳабҳои гуногун, ҳам мефиристод то ҳама аз тулӯи хуршеди Ислом бохабар бошанд).

### Вазифаи мо дар расондани рисолати Ислом.

Пешрафти босуръати Ислом беш аз ҳар чиз натиҷаи фаъолиятҳои пайгиру шабонарӯзии паёмбари азизи мо ва ёрони вафодораш мебошад.

---

1 Вазифадор.

2 Ҷамъи калимаи лавҳ.

3 "Макотибуррасул", ҷ.1, саҳ.172.

4 "Албидоя ванниҳоя", ҷ.1, саҳ.53.

Расули Худо(с) дар роҳи таблиғи Ислом аз ду қувваи муҷаҳҳаз истифода кард, яке гӯяндагони забардасте, ки ҳақиқати Исломро дарёфта буданд ва ба он ҳазрат ишқу имон доштанд ва дигар номаҳое, ки нишондиҳандаи таълимоти ҳаётбахш ва оинаи тамомнамои Ислом буд.

Паёмбари Ислом бо надоштани васоили лозим, пайкҳои худро ба атрофи ҷаҳон фиристод.

Акнун рӯҳи паёмбари мо нигарони ҷомеаи мусулмонон аст, ки чӣ гуна дар роҳи рисолати Ислом фаъолият мекунад ва оё барои умумӣ кардани таълимоти Ислом аз васоили ҷадид ва тарҳҳои нав истифода мекунанд?

Мо бояд барои расонидани рисолати ҷаҳонии Ислом ҳамаи қувваҳои худро мутамаркиз кунем ва аз фидокориҳои лозим дар роҳи густариши Ислом дареғ нанамоем. Худо кунад, ки бародарону хоҳарони Шарқию Ғарбиро ба ин чашмаи ҳаётбахш роҳнамоӣ кунем то аз дунёи фазилат ва хидмат бархурдор шавем. Ҳамон тавр ки Паёмбар(с) ба Алӣ(а) фармуд: "... Ба Худо савганд агар инсонеро Худо ба дасти ту ҳидоят кунад, аз он чи хуршед бар онҳо метобад ва ғуруб мекунад, барои ту беҳтар аст…".[1]

1 "Биҳоруланвор", ҷ.21, саҳ.361.

# 16

## Ҳазрати Муҳаммад (с) охирин паёмбар

### Ҷовидонагии Ислом ва хотамияти ҳазрати Муҳаммад (с)

Хотамияти Паёмбари Ислом монанди ягонагии Худо назди тамоми фирқаҳои мусулмонон собит ва равшан аст ва бояд гуфт: "Қавлест, ки ҷумлагӣ бар онанд".

Дини Ислом ҳамеша нав аст ва ҳар чи уфуқи бинишҳо васеътар мегардад, ҷомеияти он равшантар мешавад ва шигифтиҳои он поён намеёбад.

Акнун бояд ҳақиқати ин масъалаи эътиқодӣ баррасӣ шавад.

Нахуст муҳимтарин иллатҳои абадӣ будани як оинро шарҳ медиҳем ва пас аз он ба баррасии Ислом мепардозем.

1. **Фитрӣ будани як мазҳаб, муҳимтарин омили бақои он аст**.

Дине, ки асоси таълимоташ дар пояи фитрат ва сиришти инсон устувор бошад, ҳамеша по ба пои қадамҳои пешравандаи замон ба пеш меравад ва дасти фаною завол ба остонааш роҳ надорад ва ҳеҷ гоҳ кӯҳнаю аз кор афтода нахоҳад шуд.

2. **Дастуроте, ки марбут ба замону макони муайяне нест**, ба ҳар пешрафте созиш дорад ва ҳаргиз гузашти замон наметавонад бар он хати бутлон кашад.

Баръакс қонуне, ки марбут ба замони муайян ва хосе аст, наметавонад ниёзмандиҳои башарро ҳамавақт посух диҳад. Масалан, агар гуфта шавад: "Мардум вазифадоранд дар ҳамлу нақли мусофиратҳо аз маркабҳои табиӣ монанди: асп ва шутур истифода кунанд", ин қонун наметавонад боқӣ монад ва худ ба худ аз байн меравад, чи он ки ниёзмандиҳои нав тақозо мекунад, ки башар аз васоили ҷадид низ баҳрабардорӣ кунад.

Яке аз иллатҳои ин, ки динҳои собиқ қобилияти бақо ва давом надоранд, ҳамин аст, ки барои замони хос ва ҷамъияти муайяне будаанд.

3. **Ҷомеият**.

Дини ҷовид бояд ҳамаҷониба бошад ва тамоми масъалаҳои мавриди ниёзи башарро посух диҳад. Рӯҳи ташна ва пурталотуми башарро бо як силсила ташрифоти ғалат ва беасар аз қабили ашои (шом) раббонӣ, хӯрдани нону шароб ва насби салиб, сероб намешавад ва оромиши воқеӣ намеёбад. Ин рӯҳ ниёзманди қонунҳо ва дастуроти ҳамаҷонибае аст, ки ӯро дар саросари зиндагӣ роҳнамо бошад ва мушкилоти иҷтимоии вайро ҳал кунад.

4. **Раҳнамоӣ дар бунбастҳо**.



Муқаррароти умумӣ гоҳе дар осори бархӯрд бо якдигар ё пешомадани зарурат ва ночорӣ, инсониятро дар бунбасте қарор медиҳад, ки наметавонад бидонад чӣ кунад!

Аз ин рӯ дини абадӣ ва ҷовид бояд изофа бар ин муқарароти умумӣ қонунҳои дигаре дошта бошад ва шарҳ диҳад, ки ҳангоми зарурат ва бархӯрд ба мушкилот чӣ бояд кард. Дар он сурат аст, ки бо ҳар замону ҳар ҳоле месозад ва метавонад барои ҳамеша фоидаовар бошад.

Мавзӯъҳои дар боло зикршуда муҳимтарин бақо ва давом ба шумор меоянд, ки дар қонунҳои Ислом риоят шудааст.

Инак тавзеҳи онро мехонем:

### Ислом оини ҷовид

1. Ислом дар системаи қонунгузории худ фитрат ва сиришти башарро, ки ҳамвора собит аст, дар назар гирифта, ба ниёзмандиҳои ӯ ҷавоби мусбат додааст. Барномаҳои исломӣ ончунон танзим шудаанд, ки тамоми ғаразҳои инсонро ба тартиб медароранд. Масалан, барои аъмоли ғаризаи шаҳват тарҳҳои мухталиф ва соддае пешниҳод мекунад, ки метавонад онро қаноатманд кунад ва аз сӯи дигар аз озодии беҳадду ҳисоби он пешгирӣ мекунад то фасодҳою бадбахтиҳои он домангири ҷомеа нагардад.

2. Қонунҳои аслии Ислом марбут ба замони хосе нест то бо гузашти замон, таҳаввул ва

такомули мавҷудот тағири он лозим бошад, балки дар тамоми замонҳо ва ҳар ҳолате ҳамоҳанг аст ва метавонад он чи барои ҷомеаҳо муфиду лозим аст, таъин кунад.

Дар барномаҳои ҷиҳоди исломӣ ҳеҷ дида намешавад рӯи васоили мавҷуд дар он замон, масалан ҷанг бо шамшер такя карда бошад. Аммо ба таври куллӣ дастур медиҳад: “Дар баробари душман таҳсили қувва ва нерӯ кунед, то битавонед аз ҳуқуқи ҳаётии худ дифоъ намоед ва бар онон чира ва пирӯз шавед”. Ин як асли куллӣ ва ҷомеъ аст, ки бо ҳар пешрафте созиш мекунад ва метавонад ҳамеша роҳнамо бошад. Дар соири баномаҳо низ чунин аст.

3. Ислом барои бунбастҳо ва заруратҳое, ки пеш меояд, қонунҳое ба номи **қонуни изтирор, қонуни ло ҳараҷ ва қонуни ло зарар**[1] ва ғайра дорад, ки метавонад ҳар мушкилеро ҳал кунад. Илова бар он, имом ва ҷонишинони Паёмбар(с) ва марҷаъҳои тақлид, метавонанд дар бунбастҳои иҷтимоӣ, роҳи ҳалли қатъиро пешниҳод кунанд.

4. Барномаи Ислом аз тамоми барномаҳои мактабҳои дигар, доманадортар аст. Дар Ислом масъалаҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, низомӣ, ахлоқӣ ва

1 Қонуни “изтирор” дар мавриди ночорӣ, қонуни “ло ҳараҷ” дар мавриди мушаққат ва нороҳатии сахт ва қонуни “ло зарар” дар мавриди зарар ҷорӣ мешавад. Шароит ва хусусиётҳи он дар китобҳои фиқҳ ва усул баён шудааст.



ғайра ба олитарин сурат тарҳ шудааст. Дар ин заминаҳо донишмандони улуми исломӣ, ҳазорон китоб таълиф кардаанд, ки манобеи он ҳамон Қуръон ва гуфтори Паёмбари Ислом(с) ва хонадони поки ӯ мебошад.

Бо таваҷҷӯҳ ба нукоти боло ҳар хирадманде медонад, ки Ислом оини комиле аст, ки метавонад ҳамеша ниёзмандиҳои башарро посухи мусбат диҳад ва бо ин вазъ ниёзе ба оини ҷадид ва паёмбари навин нест.

### Хотамият аз назари Қуръон

Ҷомеияти шариати исломӣ ва хотамияти ҳазрати Муҳаммад(с) дар зимни оёте баён шудааст, ки намунае аз онро ба шарҳи зер меоварем:

1. **“Ва таммат калимату раббика сидқан ва адлан ло мубаддила ликалимотиҳи ва ҳувас самиъул алим,-** ***Каломи Парвардигори ту аз рӯи ростӣ ва адолат комил шуд, касеро тавоноии тағир додани онҳо нест, ӯ шунаво ва доност”.***[1]

2. **“Мо кона Муҳаммадун або аҳадин мин риҷоликум ва локин расулаллоҳи ва хотаман набийин...,-** ***Муҳаммад падари ҳеҷ як аз мардони***

1 Сураи “Анъом”, ояти 115, тафсири “Алмизон”, ҷ.7, саҳ.348.

***шумо нест, ҳамоно ӯ фиристодаи Худо ва охирини паёмбарон аст”***.[1]

Калимаи хотам ба фатҳи то ё касри он ҳар гоҳ ба калимае, ки ҷамъ аст изофа шавад, ба маънои охир мебошад ва “Хотаман набийин” дар ин оят, яъне: “охирин набийин”[2] ва набӣ аъам аз расул аст.[3]

Бинобар ин тамоми паёмбарон набӣ буданд, пас ояти шарифа, ки мефармояд: “Муҳаммад хотаман набийин аст, яъне Муҳаммад(с) охири ҳамаи паёмбарон аст ва пас аз ӯ на набӣ меояд ва на расул ва на соҳиби китоб ва на ғайри он”.

**3. “Инна ҳозал Қуръона яҳдӣ лиллатӣ ҳия ақваму...,-*Ин Қуръон роҳнамои побарҷотарин ва устувортарин барномаҳост”*.**[4]

Бадеҳӣ аст, бо ин кайфият ниёзе ба барномаҳои дигар нест.

### Хотамият аз назари ривоятҳо

1 Сураи “Аҳзоб”, ояти 40.
2 “*Лисонулараб*”
3 Муфассирону донишмандон бар асоси луғат, оёти Қуръон ва ривоёти мӯътабари омма ва хосса баён кардаанд, ки: набӣ аъам аз расул аст. Барои маълумоти бештар ба китобҳои “Ҷоме-ул-ҷавомеъ”, тафсири “Алмизон”, ҷ.2, саҳ.144, тафсири “Кашшоф”, ҷ.3, саҳ.164, Маҷмаулбаён”, ҷ.7, саҳ.91 ва дигар тафсирҳои мӯътабар муроҷиат шавад.
4 Сураи “Исро”, ояти 9.



Мавзӯи хотамият он қадар дар мадорики[1] исломӣ омадааст, ки аз равшантарин масъалаҳои эътиқодӣ ба шумор меравад. Инак назари шуморо ба чанд намуна аз ривоёт ҷалб мекунем:

1. Паёмбари Ислом худ фармуд:

> ***”Бидонед пас аз ман паёмбаре нахоҳад омад ва шариати дигаре пас аз шариати ман намеояд!!”***[2]

2. Имом Боқир(а) фармуд:

> ***”Худованд ба китобатон китобҳоро ва ба паёмбаратон паёмбаронро хотима ва поён дод”.***[3]

3. Алӣ(а) фармуд:

> ***“Худованд ҳазрати Муҳаммад(с)-ро баъд аз ҳамаи расулон ва фиристодагон овард ва ба ӯ ваҳйро поён дод”.***[4]

4. Паёмбар(с) ба Алӣ(а) фармудааст:

> ***“Ту нисбат ба ман монанди Ҳорун нисбат ба Мӯсо ҳастӣ. Танҳо фарқ дар ин аст, ки баъд аз ман паёмбаре нахоҳад омад”.***[5]

5. Ҳазрати Ризо(а) фармуд:

1 Ҷамъи мадрак, яъне санадҳо ва ҳуҷҷатҳо.
2 “Мустадрак”, ҷ.2, саҳ.262.
3 “Усули Кофӣ”, ҷ.1, саҳ.177.
4 “Наҳҷулбалоға”-и Файзулислом хутбаи 133, саҳ.403.
5 “Комил”-и Ибни Асир, чопи Бейрут, ҷ.2, саҳ.278.

***“Шариати Муҳаммад(с) то растохез насх[1] намегардад ва низ паёмбаре пас аз ӯ то растохез нахоҳад омад...”.[2]***

Инҳо ва бисёр аз аҳодиси дигар ёдовари хотамияти паёмбар ва ишоракунанда ба ҷовидонагии оини пок, ҷомеъ ва ростии Ислом аст.

Шукӯҳи муҳтавои ин дин ва баландии мафҳумҳои он, густурдагӣ ва умумияти қоидаҳои он, зомини тозагӣ ва ҷовидонагии он аст, ки то ба рӯзи қиёмат идома дорад.

Пас, чи беҳтар он ки дар роҳи густариши Ислом кӯшиш кунем ва ҳамагонро аз ин оини ҷомеъ ва комил баҳраманд созем.

1 Бекор, лағв, ботил, мансух.
2 “Уюну ахборир Ризо”, ҷ.2, саҳ.80.

17

# Ҳадиси ғадир ва ҷонишини ҳазрати Муҳаммад (с)

## Паёмбар бо хонаи Худо видоъ мекунад

Соли даҳуми ҳиҷрат аст. Мавсими ҳаҷ. Биёбони Ҳиҷоз шоҳиди ҷамъияти анбӯҳе аст, ки ҳама бо як шиор ба сӯи як ҳадаф қадам мезананд.

Имсол манзараи ҳаҷ шӯру ҳаяҷони дигаре дорад. Мусулмонон бо иштиёқ ва шитоб манзилҳои байни роҳро пушти сар мегузоранд ва худро ба Макка мерасонанд.

Овози пуртапиши “Лабайк... лабайк” аз биёбони Макка ба гӯш мерасид. Қофилаҳо яке пас аз дигаре ба шаҳр наздик мешаванд. Ҳоҷиён бо либоси эҳром якрангу якнавохт ва ғуборолуду ашкрезон худро ба ҳарами амни Парвардигор мерасонанд ва ба гирди хонае, ки ба дасти қаҳрамони тавҳид - Иброҳими Халил сохта шудааст, тавоф мекунанд.

Фарид Ваҷдӣ ҳоҷиёни соли даҳуми ҳиҷратро навад ҳазор менависад,[1] вале то саду бисту чор ҳазор нафар ҳам гуфта шудааст.[1]

1 “Доиратулмаориф”-и Фарид Ваҷдӣ, ҷ.3 саҳ.542.

Паёмбари Ислом нигоҳ мекунад, Масҷидулҳаром аз ҷамъомади мусулмонон мавҷ мезанад ва ҳама ба ҳукми “**иннамал муъминуна ихватун**” бародарвор ва фариштасифат машғули ниёишанд.

Паёмбар хушҳол аст, ки тавонистааст чунин қадами бузургеро бардорад ва ба беҳтарин сурат рисолати худро ба анҷом расонад. Гоҳ-гоҳе дар чеҳраи Паёмбар(с) нишонаҳои ғаму изтироб ҳувайдо мешавад ва шодиро дар комаш ногувор месозад. Ӯ метарсад пас аз марг, ин ҷамъият аз ҳам бипошад ва рӯҳи бародарию ваҳдат аз миёнашон рахт барбандад ва дубора ба қаҳқаро[2] баргардад.

Паёмбари Ислом хуб медонад, ки уммати Ислом ба роҳбарии имоми одил ва олим ниёзи зиёде дорад, дар ғайри ин сурат заҳматҳои гаронбаҳо ва чандинсолаи ӯ ба ҳадар хоҳад рафт.

Ба ҳамин ҷиҳат он ҳазрат дар мусофиратҳо ва ҷангҳо, ки аз Мадина берун мерафт, ҳар чанд ҳам муддати мусофират кӯтоҳ буд, зимоми умурро ба дасти шахсе амин ва бокифоят месупурд ва мардуми Мадинаро бесарпараст намегузошт.[3]

1 “Алғадир”, ҷ.1, саҳ.9.

2 Пастравӣ, таназзул, ақибравӣ.

3 “Комил”-и Ибни Асир, чопи Бейрут, ҷ.2, саҳ.216, 242 ва 278.



Бинобар ин чӣ гуна метавон тасаввур кард, ки паёмбари дилсӯзу меҳрубони мо зимоми умури уммати азими исломиро пас аз даргузашти худ ба дасти ҳаводис супорида бошад.

Ва боз худ медонад, ки ин мақом шоистаи кист ва либоси хилофат ба қомати расо ва лоиқи чӣ инсоне бурида ва дӯхта шудааст.

Ӯ ҳамон аст, ки дар ҳузури ҷамъи зиёде аз бузургони қурайш ва хешовандони Паёмбар(с), ки ба хотири даъват ба Ислом ҷамъ омада буданд, ба ҷонишинии он ҳазрат интихоб гардид.[1]

Ӯ марде пок ва худопараст буд. Лаҳзае ба Худо ширк наёвард ва бутро саҷда накард.

Ӯ дар роҳи пешрафти дини мубини Ислом сарбози фидокор аст. Конуни[2] илмаш аз сарчашмаи дониши Расули Худо(с) аст. Додрасиаш олитарин қазоват ба ҳисоб меравад.[3]

Ӯ дида ва шинохташуда аст. Ӯ Алӣ, фарзанди Абӯтолиб аст.

Фаризаи ҳаҷ ба поён расид ва мардум ба сӯи шаҳрҳои худ ҳаракат мекарданд. Ногаҳон овози мунодиёни Паёмбар(с) дар саҳрои Ҳиҷоз танинандоз ва мусулмононро фармон ба

1 “Таърихи Табарӣ”, ҷ.3, саҳ.1171-1173.

2 Манбаъ, сарчашма.

3 “Фазоилулхамса”, ҷ.1, саҳ.176-177.

таваққуф дод. Сабаб он буд, ки Фариштаи Ваҳй ба Расули Худо(с) нозил шуда, ин оятро ба ӯ расонид: ***“Эй паёмбар, он чи ба сӯи ту аз Парвардигорат фурӯд омадааст, ба мардум иблоғ кун*** [1] ***ва агар кӯтоҳӣ кунӣ, рисолати ӯро нарасондаӣ ва Худованд туро аз шарри мардум нигаҳдорӣ мекунад”.*** [2]

Мавзӯе, ки Худованд паёмбарашро бо лаҳни тунд мухотаб сохта буд, чизе ҷуз эъломи расмии хилофати Алӣ(а) набуд, Паёмбар аз он худдорӣ мекард, зеро метарсид сабабгори ихтилоф ва шикоф дар миёни мусулмонон гардад. Ҳазрат мунтазири заминаи мусоид буд то онро изҳор кунад ва пас аз нузули ин оят донист, ки акнун мавқеи он аст.

Аз ин ҷиҳат, ки мардумро дар нуқтае аз он биёбони сӯзон ва холӣ аз обу ободӣ, ки (Ғадири Хум) ном дошт, нигаҳ дошт ин буд, ки то “рӯҳи Ислом ”, яъне масъалаи хилофат ва ҷонишиниро комилан равшан созад.

Мардум намедонистанд, ки чаро ин фармон содир шудааст ва чӣ мавзӯи заруре пеш омадааст. Дере нагузашт, ки намози ҷамоат эълом гардид ва пас аз адои намози пешин анбӯҳи ҷамъият қиёфаи ҷаззобу осмонии

1 Яъне, бирасон.
2 Сураи “Моида”, ояти 67.



Паёмбари Исломро бар фарози минбари баланде, ки аз зинҳои шутурҳо дуруст шуда буд, мушоҳида карданд.

Сукути чуқуре ҳукмфармо буд... Дар ин мавқеъ сукути саҳрои Ҳиҷозро суханони пурмағз ва ҷолиби Паёмбар(с) шикаст. Ҳазрат пас аз ситоиши Парвардигор хабари ҷонгудози даргузашти зудраси худро эълом кард ва он гоҳ фармуд: “Мардум! Ман барои шумо чӣ гуна паёмбаре будам?”

Ҳама бо як овоз гуфтанд: “Ё Расулаллоҳ, аз панду андарзи мо фурӯ нагузаштӣ ва аз мавъиза ва тарбияти мо ғафлат нанамудӣ, Худо туро подоши некӯ диҳад”.

... Паёмбар фармуд: “Китоби Худо ва пешвоёни маъсум баъд аз ман дӯш ба дӯши ҳам роҳбари шумо ҳастанд ва шумо бояд комилан пайрави онҳо бошед то гумроҳ нашавед”.

Он гоҳ ҳазрат дасти Алӣ(а)-ро бардошт, ба тавре ки ҳамаи ҳозирон ӯро диданд. Сипас фармуд: “Мардум! Чӣ касе ба мӯъминон аз худашон сазовортар аст ва бар онон вилоят ва сарпарастӣ дорад?”

Мардум гуфтанд: “Худо ва Расулаш донотаранд”.

Паёмбар(с) фармуд: “Худо мавлои ман аст ва ман мавлои мӯъминон ва ба онон аз худашон сазовортарам. Он гоҳ ҳазрат бидуни фосила ва тааммул фармуд: Ба ҳар ки мавло манам ва

симати вилоят ва сарпарастӣ бар ӯ дорам, Алӣ ҳам баъд аз ман ҳамин мансабро дорад. **Ман кунту мавлоҳу фаҳозо Алиюн мавлоҳу**". Ҳазрат ин ҷумларо се бор такрор кард ва дар поёни суханони худ фармуд: ин ҳақиқатро ҳозирон ба дигарон бирасонанд.

Ҷамъият ҳанӯз пароканда нашуда буд, ки ин оят нозил шуд: ***"Имрӯз дини шуморо комил гардонидам ва неъмати хешро бар шумо тамом кардам ва ба ин, ки Ислом динатон бошад, розӣ гаштам"***.[1]

Пас аз поёни маросими расмии таъини ҷонишин, мардум аз дуру наздик бар якдигар пеш мешуданд то ҳазрати Алӣ(а)-ро ба унвони "Ҷонишини Паёмбари Ислом(с)" табрик гӯянд.

Аввалин касоне, ки омада хилофатро ба Алӣ(а) табрик гуфтанд Абӯбакри Сиддиқ ва Умари Форуқ буданд. Онҳо дар ҳоле, ки ин калимотро мегуфтонд, аз Амири мӯъминон Алӣ(а) ҷудо шуданд:

> ***"Хушо ба ҳоли ту, эй писари Абӯтолиб, ки мавлои ман ва ҳар марду зани боимон шудаӣ".***[2]

---

1 Сураи "Моида, ояти 3.
2 "Алғадир", ҷ.1, саҳ.9-11.



## Ровиёни ҳадиси ғадир

Дар ҳақиқат, ровиёни Ҳадиси Ғадир аз яксаду бист ҳазор ҳам таҷовуз[1] мекунад. Сабаб он аст, ки тамоми ҳозирон дар Ғадир, мувофиқи дастури Паёмбар(с), ки фармуд: "Ба дигарон расонед", Хадиси Ғадир ва масъалаи ҷонишинии Алӣ(а)-ро ба унвони муҳимтарин ҳодисаи сафар талаққӣ ва барои дигарон баён кардаанд.[2] Ба ҳамин ҷиҳат буд, ки хотираи Ғадир дар байни мусулмонон ба зудӣ паҳн шуд.

Тақрибан бисту панҷ сол пас аз рӯзи Ғадир, яъне замоне, ки бисёре аз саҳобаи Расули Худо(с) аз дунё рафта ва гурӯҳи каме аз онҳо боқӣ монда буданд, Алӣ(а) аз мардум хост, ки ҳар кас рӯзи Ғадир ҳозир буд ва ҳадиси Ғадирро аз даҳони муборaки Паёмбар(с) шунидааст, шаҳодат диҳад. Якбора сӣ нафар аз ҷо бархостанд ва ҳодиси Ғадирро нақл карданд.[3]

Имом Ҳасан(а) як сол пеш аз марги Муовия, яъне соли 57 ё 59 ҳиҷрӣ, Бани Ҳошим, Ансор ва соири ҳоҷиёнро дар сарзамини Мино ҷамъ кард ва пас аз чанд ҷумлае гуфт: "Шуморо ба Худо савганд, оё медонед, ки Расули Худо(с) дар рӯзи

---

1 Афзунтар, бештар, зиёдтар.
2 "Алғадир", ҷ.1, саҳ.60-61.
3 "Алғадир", ҷ.1, саҳ.166-174.

Ғадир Алӣ(а)-ро барои вилоят ва раҳбарии уммати Ислом, интихоб кард ва дастур дод ин мавзӯъро ҳозирон ба ғоибон бирасонанд?”

Ҳама гуфтанд: “Оре”.[1]

Донишмандони аҳли суннат номи саду даҳ нафар аз асҳоби Паёмбар(с), ки ин ҳадисро аз Паёмбари Акрам(с) шунида ва барои дигарон бозгӯ кардаанд, дар китобҳои мӯътабари худ ёдоварӣ кардаанд.[2] Бархе аз донишмандон низ оиди ҳадис ва ҳодисаи Ғадир китоби хосе навиштаанд.

## Маънои ҳадиси ғадир

Шавоҳиде, ки дар даст аст равшан мекунад, ки манзур аз калимаи “мавло”-ҳамон “ҷонишин ва сарпарасти уммати исломӣ” аст ва бо маънои дигар намесозад. Инак ба нукоти зер таваҷҷӯҳ кунед:

1. Донистем, ки Паёмбари Ислом аз матраҳи Ҳадиси Ғадир бим дошт ва то фармони возеҳу шадид аз ҷониби Худо содир нашуд, онро эълом надошт.

Оё метавон гуфт: ”Манзур аз Ҳадиси Ғадир тазаккури дӯстии Алӣ(а) будааст?”. Агар қарор ин буд, эъломи он тарсе надошт ва ҷомеаи

1 “Алғадир”, ҷ.1, саҳ.198-199.

2 Дар “Алғадир”, ҷ.1, саҳ.152-157 26 нафар аз онон зикр шудааст.



мусулмонон аз ҳам пошида намешуд. Пас, бояд манзур ҳамон масъалаи хилофат ва ҷонишинӣ бошад, ки бими он мерафт, ёдоварии он сабаби саркашӣ ва туғёни судҷӯён гардад.

2. Паёмбари Акрам(с) пеш аз он ки ҷумлаи “***Ман кунту мавлоҳу фаҳозо Алиюн мавлоҳу*”**-ро бигӯянд, аз мардум эътироф гирифт, ки худ нисбат ба онон сазовортар аст ва мақоми сарпарастӣ ва зимомдорӣ дорад. Он гоҳ ҳамон мақомро барои Алӣ(а) қарор дод ва билофосила фармуд:

> ***“Ҳар кас, ки ман мавло ва сарпарасти ӯ ҳастам, Алӣ мавло ва сарпарасти ӯ ҳаст”.***

3. Ҳассон ибни Собит воқеаи Ғадирро бо иҷозати Пайғамбар(с) ба шеър даровард, интишор дод ва мавриди таиди ин ҳазрат қарор гирифт. Дар ашъори Ҳассон мақоми хилофат ва имомати Алӣ(а) ба таври равшану возеҳ баён шудааст. Ҳеҷ кас аз он ҷамъияти анбӯҳ ба Ҳассон эътироз накард, ки чаро калимаи “мавло”-ро ғалат маънӣ кардӣ, балки мавриди ситоиш ва таид қарор гирифт.

Инак қисмате аз он ашъор:

**Фақола лаҳу қум ё Алию фаиннанӣ,**
**Разийтука мин баъдӣ имоман ва ҳодиё**
**Фаман кунту мавлоҳу фаҳоза валиюҳу**

**Факуну лаҳу атбоъа сидқин маволиё.**[1]

Яъне он гоҳ, ки Паёмбар(с) ба вилоят ва раёсати динӣ ва илоҳӣ аз мардум эътироф гирифт, ба Алӣ(а) фармуд: "Бархез эй Алӣ, ки ман ба имомат ва раҳбарии ту, пас аз худам ризоят додам. Пас ҳар кас, ки ман мавло ва раиси динӣ ва илоҳии ӯ ҳастам, ин Алӣ ҳам мавло ва сарпарасти ӯ ҳаст, пас ҳамагӣ аз пайравони ростин ва самимии Алӣ(а) бошед".

4. Паёмбар(с) пас аз баргузории маросими Ғадир бо ҳазрати Алӣ(а) дар хаймае нишаст ва фармон дод, ки мусулмонон ва ҳатто занони худаш ба Алӣ(а) табрик бигӯянд ва бо ӯ байъат кунанд ва ба ӯ ба унвони "Амиралмӯъминин" салом диҳанд.[2]

Бадеҳӣ аст, ки ин маросим фақат бо масъалаи хилофат ва расидани ӯ ба мақоми имомат ва аморат[3] муносибат дорад.

5. Паёмбари(с) бори дувум фармуд: "ҳанниунӣ"- яъне маро табрик гӯед, чун Худованд маро ба нубувват ва паёмбарӣ ва хонадонамро ба имомат ихтисос дод".[4]

Бо зикри ин шавоҳид ҳеҷ гуна ибҳоме дар мавриди Ҳадиси Ғадир боқӣ нахоҳад монд.

1 "Алғадир", ҷ.2, саҳ.34-41.
2 "Алғадир", ҷ.1, саҳ.270-271.
3 Раҳбарӣ.
4 "Алғадир", ҷ.1, саҳ.274.

# 18

## Ахлоқ ва рафтори ҳазрати Муҳаммад (с)

### Ниёзи ҷомеа ба ахлоқ

Ҳар чи илму санъат пеш меравад, ниёзи башар ба ахлоқ афзоиш меёбад ва лозим аст ҳамзамон дастуроти ахлоқии паёмбарон комилан мавриди амал ва назар қарор гирад, зеро дунёи дониш ва санъат танҳо васоил ва абзорҳо дар ихтиёри башар мегузорад, аммо ҳеҷ гуна замонате надорад то пеши роҳи сӯиистифода аз онро бигирад.

Болорафтани омори ҷурмҳо, ҷиноятҳо, фасод табоҳкорӣ, қатл, худкушӣ ва ... равшангари ҳамин ҳақиқат аст. Агар ахлоқ, ки бахше аз мактаби паёмбарони худост, дар ҷомеа ҳукмфармо бошад, илму санъат наметавонад саодат ва оромиши башарро таъмин кунад. Истеъморгарон илму санъатро ба фоидаи худ кор фармуда, миллионҳо нафарро бехонумон мекунанд, ҳуқуқи миллатҳои заифро помол месозанд ва ононро ба хоку хун мекашанд.

Танҳо омиле, ки метавонад рӯҳи саркаши инсон ва ғаризаҳои тӯфонию исёнгари ӯро лаҷом занад ва илму санъатро дар роҳи оромиши умумӣ ва зиндагии мусолиматомез ба кор

андозад ахлоқи воқеӣ аст, ки аз имони ҳақиқӣ ба Худо сарчашма мегирад.

Таълимоти ахлоқии паёмбарон ва рафтори онон беҳтарин василае аст, ки метавонад башарро ба зиндагии идеалӣ бирасонад. Ахлоқ барои тамоми афроди башар, чи дар зиндагии шахсӣ ва чи дар зиндагии иҷтимоӣ лозим аст. Аммо барои касоне, ки бори масъулияти роҳбарӣ ва ҳидояти ҷомеаро ба ӯҳда доранд зарууртар ба назар мерасад. Зеро аввалан: касе, ки мураббии ҷомеа аст бояд худаш намунае аз ахлоқ ва сифатҳои барҷастаи инсонӣ бошад то битавонад олудагиҳои ахлоқиро аз лавҳи дили мардум бишӯяд. Чунончи агар худ аз ин сармояи бузург маҳрум бошад, муваффақияти комиле пайдо нахоҳад кард.

Сонияң: масъулияти ҳидояти ҷомеа ба қадре вазнин аст, ки инсон бе доштани ахлоқи комил наметавонад онро таҳаммул кунад. Аз ҳамин рӯ Худованд паёмбарони худро аз миёни афроде интихоб кард, ки дорои рӯҳи баланд, ҳавсалаи зиёд, ҳилм, гузашт ва соири сифатҳои ахлоқӣ буданд. Ҳамин силоҳи ахлоқ буд, ки тавонистанд режими ҷомеаҳои мунқариз[1] ва ғӯтавар дар фасодро дигаргун созанд ва мардуми олуда ва маҳрумро наҷот бахшанд.

1 Мурдаистода, дар ҳолати нобудӣ ва аз байн рафтан.



Дар Қуръони Карим нисбат ба Паёмбари Ислом(с) омада аст:

***“Ба лутфи Худо ту бо мардум нармиш доштӣ ва агар одами хашин ва тундхӯ мебудӣ, мардум аз атрофи ту пароканда мешуданд...”.***[1]

Ахлоқи олии Паёмбари Ислом(с) амвоҷи инқилоби муқаддаси Исломро нахуст дар ҷомеаи араб ва сипас дар ҷаҳон падид овард ва дар сояи ин растохези азими маънавӣ парокандагӣ ба ягонагӣ, бепарвоӣ ба иффату покдоманӣ, бекорагӣ ба кору кӯшиш, худхоҳӣ ба навъе дӯстӣ, такаббури араб ба тавозӯ ва меҳрубонӣ табдил ёфт. Дар натиҷа инсонҳое тарбия шуданд, ки ҳама то ҳамеша намунаҳои ахлоқ ба ҳисоб меравасанд. Ахлоқи Муҳаммад(с) он қадар олӣ ва пурарзиш аст, ки Худо онро “хулқи азим” ёд кардааст: **“Ва иннака лаало хулуқин азим”**.[2]

Инак фарозҳое аз ахлоқи ҳазратро меоварем:

### Ҳазрати Муҳаммад (с) дар байни мардум

* ”Паёмбари мо мақоми шукӯҳманди рисолат ва сарпарастӣ дошт. Зиндагӣ ва муоширати ӯ ончунон дар ҷомеа содда ва бепироя буд, ки агар дар миёни ҷамъе менишаст ношинос маҷбур буд пурсад, ки кадом як аз шумо Муҳаммад(с) аст”.[3]

1 Сураи “Оли Имрон”, ояти 159.
2 Сураи “Қалам”, ояти 4.
3 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.220-229.

* ”Дунё ӯро мағрур накард, гирифтори зебоиҳо ва фирефтаи зоҳири фиребандаи он нагашт, балки бо чашми амиқ ва парҳезкор ба ӯ менигарист”.[1]

* ”Паёмбари Ислом бо ҷумлаҳои кӯтоҳи пурмаъно сухан мегуфт ва ҳеҷ гоҳ сухани дигареро қатъ намекард”.[2]

* ”Ҳангоми сухан гуфтан турушрӯ набуд ва сухани ноҳинҷор ва дағал ба кор намебурд. Вақте дар муқобили мухотаб қарор мегирифт ба расми ҷабборон ба гӯшаи чашм нигоҳ намекард”.[3]

* ”Ҳар гоҳ дар маҷлисе ворид мешуд дар аввалин ҷои холӣ менишаст ва алоқаманд набуд, ки дар болои маҷлис бинишинад”.[4]

* ”Иҷозат намедод, касе пеши пояш биистад. Нисбат ба дигарон эҳтиром мегузошт, албатта парҳезкорон дар назди ӯ эҳтироми бештаре доштанд”.[5]

* ”Муҳаммад танҳо ба хотири Худо ва дин ғазаб мекард ва низ ба ҳамон ҷиҳат хушнуд мешуд. Ҳангоме ки савор буд, иҷозат намедод касе бо ӯ пиёда роҳ равад, агар моил буд бо худ

1 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.220-229.
2 “Куҳулулбасар”, саҳ.69.
3 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.226-228.
4 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.240.
5 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.281, 282, 229.



савораш мекард ва агар не, дар маҳалли муайяне ваъдаи мулоқот мегузошт ва танҳо мерафт.

Дар мусофиратҳои дастаҷамъӣ ба саҳми худ кор мекард ва ҳеҷ гоҳ сарбори дигарон набуд. Дар мусофирате ба арзи ҳазрат расонданд: “Мо худамон тамоми корҳоро анҷом медиҳем”. Паёмбар фармуд: “Дӯст надорам, ки имтиёзе байни ман ва шумо бошад, зеро Худованд дӯст надорад, ки бандаашро ҷудо ва мумтоз аз дигарон бинад. Ҳазрат аз ҷой бархост ва ҳезум ҷамъоварӣ кард”.[1]

* “Ба паймонҳои худ вафодор буд, силаи раҳм мекард ва беҷиҳат аз онон ҳимоят намекард. Ба касе иҷозат намедод зидди дигаре сухан гӯяд ва мефармуд: “Дӯст дорам бо мардум бо қалби салим муошират дошта бошам”. Дар шарму ҳаё бемонанд буд, пурҳавсала, боҳилм ва гузашт буд”.[2]

Анас ибни Молик, ки ходими он ҳазрат буд, мегӯяд: “Барои ифтор ва саҳарихӯрӣ Расули Худо(с) шир фароҳам мекард. Як шаб Паёмбар(с) дер ба хона омад ва ман фикр кардам, ки он ҳазрат ба меҳмонӣ рафта ва ифтор кардааст. Ман ширро хӯрдам ва муддате нагузашт, ки он ҳазрат

1 “Куҳулулбасар”, саҳ.68.
2 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.226-232.

омад. Аз ҳамроҳони ӯ пурсидам: “Паёмбар ифтор кардааст?” Гуфтанд: “Не”.

Вақте он ҳазрат аз ҷараён хабардор шуд, чунин вонамуд кард, ки гӯё чизе нашудааст ва бо хушрӯӣ ва гуруснагӣ шабро рӯз кард ва ҳамчунон рӯза гирифт”.[1]

* ”Паёмбар ба ибодат ва намоз алоқаи зиёде дошт, вале замоне, ки мардум бо ӯ кор доштанд, намозро кӯтоҳ мекард[2] ва ба кори онон расидагӣ мекард ва дар баровардани ҳоҷатҳои мардум аз чизе дареғ надошт. Ҳамаро эҳтиром мекард ва фазилату бузургиро ба имон ва амал медонист ва назаре ба сарвату ҷоҳу мақом надошт. Бо бардагону ғуломон меҳрубонӣ мекард ва дар ислоҳи кори онон мекӯшид”.[3]

## Гузашт ва бузургвории Муҳаммад (с)

* ”Ҳар гоҳ ба шахсияти ӯ беэҳтиромӣ мешуд, интиқом намегирифт ва аз хатою бадрафтории дигарон чашмпӯшӣ мекард. Дар муқобили озору азиятҳои онон авфу гузашт ва бузургворӣ нишон медод”.[4]

1 “Куҳулулбасар”, саҳ.67-68.

2 Манзур намозҳои нофила ва мустаҳабӣ аст.

3 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.228-229.

4 “Биҳоруланвор”, ҷ.16, саҳ.264-265.



* ”Бо он ҳама азияту озоре, ки қурайш ба Расули Худо(с) карда буданд, ҳангоме ки Маккаро фатҳ кард онҳоро бахшид ва озод сохт”.[1]

* ”Дар ҷанги Уҳуд шахсе ба номи Ваҳшӣ, амаки Паёмбар - Ҳамзаро кушта буд, вале Паёмбари Ислом ӯро мавриди авфу бахшиши худ қарор дод ва аз гуноҳи ӯ гузашт. Ҳамчунин аз Абӯсуфиён ва Ҳинд, бо он ҳама озорҳое, ки карда буданд, гузашт кард ва дар садади интиқом барнаёмад”. Аммо, бо бисёр авфу гузаште, ки дошт ҳангоме ки ба дин таҷовуз мешуд, нармиш нишон намедод ва ҳукми Худоро ҷорӣ мекард ва ба маслиҳату миёнаравии касе эътибор намедод.

Замоне ки ҳазрат иттилоъ ёфт, ки Фотимаи Махзумия дуздӣ кардааст, ба илтимосу хоҳиши Усома ибни Зайд гӯш накард ва гуфт: “Ҳалокат ва инқирози қавмҳои гузашта ба ин иллат будааст, ки қонуни ҳадро бар ашроф ҷорӣ намекарданд. Савганд ба касе, ки ҷонам дар ихтиёри ӯст, агар Фотима духтари Муҳаммад чунин кореро мекард, дасташро ҷудо мекардам”.[2]

## Назофат ва покизагии Муҳаммад (с)

1 “Комил”-и Ибни Асир, чопи Бейрут, ҷ.2, саҳ.252.

2 “Иршодуссорӣ лишарҳи Саҳиҳил Бухорӣ”, ҷ.9, саҳ.56.

* “Паёмбари азизи Ислом атрро зиёд дӯст медошт”,[1] “ва барои хариди он аз таом бештар пул харҷ мекард”.[2]

* “Аз ҳар роҳе, ки мегузашт бӯи хуши атраш мевазид ва ҳар кас аз он роҳ мегузашт, мефаҳмид, ки Паёмбар(с) аз он роҳ гузашта аст”.[3]

* ”Зиёд мисвок мекард”[4] “ва пеш аз таом ва баъд аз он дасти худро мешуст”.[5] “Ҳангоми берун омадан аз манзил, дар оина ё об нигоҳ мекард ва бо сару вазъи мураттаб аз хона берун меомад”.[6]

**Ибодат ва порсоии Муҳаммад (с)**

* Паёмбари азизи Ислом ба намоз алоқаи зиёд дошт. Ҳазрат дар дили шабҳо чанд бор бармехест, мисвок мекард ва намоз мехонд[7] ва бо Худои худ розу ниёз мекард, ба тавре ки дар асари зиёд истодан дар ибодат пойҳои муборакаш варамнок шуда буданд”.[8]

* Ӯ аз нигоҳ ба осмон, замин, офтоб ва ҳамаи ҷаҳон ибрат мегирифт ва бештар ба азамати офарандаи онҳо таваҷҷӯҳ мекард. Ба қадре порсо

1 “Васоил”, ҷ.1, саҳ.442.
2 “Васоил”, ҷ.1, саҳ.443.
3 “Сафинатулбиҳор”, ҷ.1, саҳ.419.
4 “Васоил”, ҷ.1, саҳ.349.
5 “Васоил”, ҷ.1, саҳ.472.
6 “Васоил”, ҷ.1, саҳ.344.
7 “Васоил”, ҷ.1, саҳ.365.
8 “Васоил”, ҷ.1, саҳ.78.



буд, ки ҳар гиз шефтаи зоҳири зудгузари дунё намешуд”.

Муҳаммад(с) дар тамоми сифатҳои ахлоқӣ намуна буд. Шева ва ахлоқи поки ӯро наметавон дар як мақолаи кӯтоҳ ба охир расонд. Танҳо кори мо ин аст, ки шабаҳе аз симои нуронии ӯро дар ин ҷо бикашем, то мусулмонон, ки худро пайрави Ислом медонанд, кирдору рафтори он ҳазратро сармашқ қарор диҳанд ва барномаи зиндагӣ ва ахлоқи дурустро аз ӯ биёмӯзанд.

Ҳамон тавр ки Қуръони Маҷид дастур медиҳад: ***Ахлоқу рафтори Расули Худо(с) барои шумо сармашқи некӯ аст”***.[1]

Саломи Худо бар ӯ бод, ки бартарин буду беҳтарин ва инчунин дуруди фариштагону покону некон.

Ва аз мо ҳам саломҳои гарму эҳтиромомез бар ӯ бод ва аз шумо низ.

[1] Сураи “Аҳзоб”, ояти 21

# 19

## Масъалаи хилофат ва ҷонишинии Паёмбар (с)

### Ангезаи ҳақиқии ниёз ба ҷонишинии Паёмбари Ислом

Тамоми ҷомеаҳои башарӣ ба сарпараст ва зимомдоре, ки чархи ҷомеаро ба кор андозад, ниёз доранд. Ба ҳамин далел замоне, ки зимомдоре аз дунё равад, лозим медонанд шахсе ба ҷои ӯ нишинад то риштаи умурро ба даст гирад ва ҳаргиз ҳозир нестанд ҷомеа бесарпараст боқӣ монад, зеро медонанд, ки пайкараи он ба зудӣ аз ҳам мепошад ва ба ҳарачу марач дучор мешаванд.

Ҷомеаи мусулмонон, ки худ яке аз ҷомеаҳои бузурги башарӣ аст, зарурат ва лузуми ин мавзӯъро дарк карда ва медонад, ки пас аз реҳлати Паёмбари Ислом ҷомеа сарвар мехоҳад, то зомини бақои он бошад. Аз он ҷо, ки ин ниёз ангезаҳои мухталифе дорад, ҳар ҷамъияте дар бораи хусусиёти зимомдор назари хоси худро дорад ва бар асоси он ангеза қазоват мекунад. Гурӯҳе аз мусулмонон фикр мекунанд, ки вазифаи зимомдор фақат ташкил додани ҳукумат аст. Онон мепиндоранд, ки хилофат ва ҷонишинии Паёмбари Ислом интихобӣ аст ва



худи мусулмонон метавонанд, шахсеро ба ҷои Паёмбар(с) интихоб кунанд.

Дар муқобил, пайравони мазҳаби ташайюъ, ки бар асоси бурҳонҳои илмию фалсафӣ ва низ оёти Қуръон ва ривоёти зиёд, бо диди васеътаре ба ин масъала менигаранд. Инҳо ангезаи ниёз ба сарвар ва ҷонишини паёмбарро такомули ҳамаҷонибаи башар медонанд ва мегӯянд:

> ***“Зимомдоре, ки аз ӯҳдаи ин кор мебарояд, касе аст, ки баргузидаи Худо бошад ва ҳаммонанди Паёмбар(с) ниёзҳои моддию маънавии мардумро комилан ташхис дода, ба василаи аҳкоми воқеии илоҳӣ онҳоро бартараф созад, то битавонад роҳи такомули воқеӣ ва саодати ҳамаҷонибаи инсонҳоро ҳамвор созад”.***

Инак ангезаи воқеии ниёз ба ҷонишинии Паёмбари Ислом аз дидгоҳи мазҳаби имомия шарҳ дода мешавад, то ин масъала равшан гардад.

### Чаро ба ҷонишини паёмбар ниёзмандем?

Ангезаи ниёз ба ҷонишини паёмбар ҳамон ангезаи ниёз ба паёмбар ё мутаммими[1] ҳамон асли асосӣ аст, чи он ки тибқи қонуни собит ва

1 Пуркунанда, ҷойгузин.

зарурии ҳидояти умумӣ, ҳар мавҷуде аз мавҷудоти ҷаҳон аз роҳи таквин[1] ва офариниш, васоили такомули он фароҳам шуда ва ба сӯи камол ва саодати навъи худ ҳидоят ва роҳбарӣ мешавад.

Навъи инсон низ, ки яке аз мавҷудоти ҷаҳони офариниш аст, аз ҳукми ин қонуни умумӣ истисно нест ва мебояд ба василаи қонунҳое, ки бар тибқи номуси офариниш ва дархӯри эҳтиёҷоти воқеии ӯ аъам аз[2] моддӣ, маънавӣ, рӯҳӣ ва ҷисмӣ танзим шуда ва аз ҳар гуна пероя[3] ва ғаразҳои шахсӣ ва инҳироф ба дур аст, ҳидоят шавад то саодати дунё ва охираташ таъмин гардад. Дарки ин барнома кори ақл нест, зеро биниши ақли инсон аз хатари иштибоҳ ва инҳирофи фикрию отифӣ дар амон нест ва наметавонад барномаи ҳамаҷониба ва сад дар сад муфид арза намояд, балки мебояд паёмбарон ба василаи ваҳй он барномаро аз Худо дарёфт кунанд ва бе камтарин инҳироф ё иштибоҳ ба мардум таълим диҳанд то роҳи такомул барои ҳама ҳамвор гадад.

Бадеҳӣ аст, ки ин далел ҳамчунон, ки лузум ва зарурати паёмбаронро дар миёни афроди башар

1 Офариниш, хилқат, эҷод.
2 Новобаста аз… .
3 Зебопарастӣ.



исбот мекунад, ҳамчунин лузум ва зарурати пайдоиши афродеро ба унвони имом ва ҷонишини паёмбар ба субут мерасонад, ки пайкараи дастназадаи ин барномаро ҳифз кунанд ва бекаму зиёд онро ба мардум таълим диҳанд. Инчунин бо кирдору рафтори дурусти худ мардумро ба сӯи камолу саодати воқеӣ равон созад, зеро бе ин кор башар ба камоли воқеии худ намерасад ва наметавонад аз истеъдодҳои нуҳуфтаю худододи худ ба таври комил баҳрабардорӣ намояд. Саранҷом ин истеъдодҳо, ки мавриди истифода қарор намегирад лағву беҳуда мегардад ва Худованд чунин нахоҳад кард, зеро дуруст нест, истеъдоди тараққӣ ва такомулро дар инсонҳо биофарад, вале васоили баҳрабардорӣ аз онро фароҳам насозад.

Абӯалӣ Сино дар китоби “Шифо” мегӯяд: “Худое, ки аз абрувон ва гудии[1] кафи по ҳам, ки ба назар мерасад дар зиндагии инсон зарурате надорад, дареғ надошта, мумкин нест ҷомеаро бероҳнамо ва роҳбар қарор диҳад, ки натавонанд ба саодати воқеии худ бирасанд”.[2]

Аз ин ҷост, ки шиа мегӯяд: “Кӯмакҳои ғайбӣ пайваста идома дорад ва байни олами рубубӣ ва олами инсонӣ ҳамеша робита барқарор аст.

1 Холигӣ.
2 Китоби “Шифо”, ҷ.2, мақолаи даҳум, фасли 2.

Ҳамин далел аст, ки ба хубӣ равшан мекунад, ки ҷонишини паёмбар бояд баргузидаи Худо ва аз ҳар гуна гуноҳу иштибоҳ поку маъсум бошад, чи он ки касе, ки баргузидаи Худо набошад, маҷҳулоти бешуморе хоҳад дошт ва аз иштибоҳу хато холӣ нест. Дар натиҷа ӯ наметавонад саодати ҳамаҷонибаи башарро ташхис диҳад ва дини воқеию дастнахӯрдаро ба мардум биёмӯзад то дар асари ба кор бастани он мардум ба саодати воқеии худ бирасанд ва такомул ёбанд".[1]

Худованди бузург дар Қуръони Карим мефармояд: "Мусулмонон вазифадоранд, ки дар тамоми масоили зиндагӣ аз баргузидагони ӯ пайравӣ кунанд".

***Эй касоне, ки имон овардаед, Худоро итоат ва фармонбардорӣ кунед ва аз Расули Худо ва Улиламр пайравӣ ва итоат кунед...".***[2]

Бадеҳӣ аст, ки мақсуд аз "улиламр", ки Худованд итоату пайравии онон монанди Паёмбари Ислом(с) лозиму воҷиб мешуморад ва ба таври куллӣ дастур медиҳад, ки дар тамоми масоили зиндагӣ аз онҳо пайравӣ кунед, ҳамон афроди баргузидаи илоҳӣ ҳастанд, ки иштибоҳ ва ғаразҳои шахсӣ дар вуҷудашон роҳ надорад ва пайваста башарро ба воқеиятҳо роҳнамоӣ

1 Тафсили ин баҳсро метавонед дар китоби "Шиа дар Ислом" мутолеа кунед.
2 Сураи "Нисо", ояти 59.



мекунанд, на афроде, ки дар гуфтори худ ҳазорон хато доранд ва пайравиашон сабаби ҳидоят ва такомули воқеии инсон намегардад.[1]

## Оё Паёмбари Ислом ҷонишини худро муайян кард?

Паёмбаре, ки исломи азизро аз ҷони худ бештар дӯст медошт ва беҳтар аз ҳама медонист, ки исломи воқеӣ бояд дар ҷаҳони инсонӣ пайваста маҳфуз бимонад, тасаввур намекард, ки қабл аз реҳлат баргузидаи Худоро муаррифӣ карда, ӯро баъд аз худ васӣ ва ҷонишин қарор диҳад?

Паёмбари гиромии Ислом аз ибтидои рисолати хеш ба ин мавзӯъ аҳамияти зиёде дод ва дар мавридҳои гуногуне ҷонишини воқеии худро ба таври равшан муаррифӣ кард.

Ҳар кас дар гуфтаҳои Паёмбари Ислом(с) андеша намояд ба хубӣ пай мебарад, ки назари Паёмбари Ислом ба Алӣ(а) ва дудмони поки ӯ буда ва дар ин амр ба дигарон ҳеҷ назаре надоштааст.

Инак шуморо ба намунае аз он чи Паёмбари Ислом дар ин замина фармудаанд, шинос мекунем:

1 Барои тавзеҳи бештар ба тафсири "Алмизон", ҷ.4, саҳ.412-427 мурочиат кунед.

* Паёмбари Ислом(с) дар оғози даъват ба Ислом, хешовандони худро дар Макка ҷамъ кард ва фармуд: “Алӣ васӣ ва ҷонишини ман дар миёни шумо хоҳад буд ва бояд аз ӯ пайравӣ кунед”.[1]

* Донишмандони шиа ва суннӣ нақл кардаанд, ки Паёмбари Ислом дар маҷомеи умумӣ, он ҳам дар чанд маврид фармуд:

> ***“Ман ду чизи гаронбаҳо назди шумо мегузорам, чунончи аз онҳо пайравӣ кунед, ҳаргиз гумроҳ намешавед.***
>
> ***1. Қуръон - китоби Худо***
>
> ***2. Итрат ва аҳли байти худам***
>
> ***Мабодо аз онон фосила бигиред ва ё пеш биафтед, ки мунҳариф мешавед”.***[2]
>
> ***Манзур аз аҳли байт, конуни ваҳӣ ва илҳом аст, ки Алӣ(а) ва дудмони поки ӯ бошанд, зеро ононро Паёмбари Ислом муаррифӣ кард. Онон буданд, ки ҳеҷ гуна хатою иштибоҳе надоштанд ва пайравиашон ҳаргиз ба гумроҳӣ кашида намешавад.***

1 “Таърихи Табарӣ”, ҷ.3, саҳ.1171-1173, инчунин ин ҳадис дар китобҳои мӯътабари шиа ва аҳли суннат мазкур аст.

2 Дар китоби “Ғоятулмаром” ба ин мазмун 39 ҳадис аз аҳли суннат ва 72 ҳадис аз шиа нақл карда аст, саҳ.211-235.



1. Аҳмад ибни Ҳанбал, ки аз уламои бузурги аҳли суннат аст, менависад: Паёмбари Ислом ба Алӣ(а) фармуд:

> ***“Ту пас аз ман аз ҷониби ман бар ҳар мӯъмине вилоят дорӣ”.***[1]

2. Донишмандон ва уламои ҳадис умуман зикр кардаанд, ки Паёмбари Ислом дар охирин соли зиндагии худ пас аз анҷоми маросими ҳаҷ дар “Ғадири Хум” муқобили даҳҳо ҳазор нафар истод ва фармуд:

> ***“Марги ман наздик шуда ва дере намегузарад, ки аз миёни шумо меравам, он гоҳ дасти Алӣ(а)-ро бардошт ва фармуд:- ҳар ки ман валӣ ва сарпарасти ӯ ҳастам, Алӣ мавло ва сарпарасти ӯ хоҳад буд”.***[2]

3. Ривоёти зиёде дар даст аст, ки Паёмбари Ислом фармуд:

> ***“Ҷонишини ман аз қурайш ва дувоздаҳ нафар ҳастанд”.***

Ҳатто дар бархе аз ин ривоёт хусусиятҳои аиммаи атҳор ва номи мубораки онҳоро зикр намудааст.[3]

1 “Муснад”-и Аҳмад ибни Ҳанбал, ҷ.1, саҳ.331.

2 Ин ҳадис аз ҳадисҳои қатъӣ аст ва дар бораи он китобҳои муфассале таълиф шудааст, барои тавзеҳи бештар ба “Алғадир”,ҷ.1 мурoҷиат шавад.

3 “Мунтахабуласар”, саҳ.141.

Намунаҳои дар боло зикршуда, ки бархе аз онҳо ҳангоми марг ва соли охири умри он ҳазрат ба мардум расонда шудааст, ба хубӣ равшан мекунад, ки пас аз паёмбари гиромӣ чӣ шахсе бояд зимоми умури мусулмононро ба даст бигирад.

## Шӯро дар имомат ва хилофат

Бархе аз нависандагон мегӯянд: "Имомат ва хилофат ҳам бо шӯри[1] аксарияти оро мумкин аст таъин шавад". Дар ин матлаб ба чанд оя аз Қуръони Карим, ки дастур медиҳад дар корҳо мушовира кунед истидлол ва чунин тасаввур кардаанд, ки интихобот яке аз усули иҷтимоӣ ва сиёсии Ислом аст. Онон ғофил аз ин, ки:

1. Масъалаи имомат мутаммими[2] асли асосии нубувват аст ва ҳамчунон, ки нубувват интихобӣ нест, имомат низ, ки ҷонишинии ҳамон мақом аст, интихобӣ нахоҳад буд.

2. Асли машварат дар мавриде қобили истифода аст, ки вазифа аз тарафи Худо ва расули ӯ муайян нашуда бошад. Чунон, ки мулоҳиза шуд, Паёмбари Ислом мувофиқи ривоёти возеҳу равшан ҷонишини худро муайян

1 Муҳокима, машварат, маслиҳат.
2Комилкунанда



кард ва бо ин васф дигар мавриде барои маслиҳату машварат боқӣ намемонад.

3. Фаразан, агар мушовира дар ин амр дуруст мебуд, ҳатман Паёмбари Ислом хусусиятҳои онро зикр мекард ва шароити интихобкунандаю интихобшавандаро ба таври возеҳ баён мекард то мардум дар масъалае, ки асосан бақо ба рушди ҷомеаи исломӣ ва ҳаёти дин ба он таваққуф[1] дорад, бедор ва ҳушёр бошанд. Вале мебинем, ки чизе дар бораи он нафармудаанд, балки баръакс ҳангоме ки Бани Омир назди Паёмбари Ислом омаданд, як нафар аз онон ба паёмбар арз кард: "Агар мо бо ту байъат кунем то Худо туро ба душманонат пирӯз ва ҷовид гардонад, оё мумкин аст пас аз ту амри хилофат бо мо бошад?"

Он гиромӣ фармуд:

> ***"Хилофат ба дасти Худост ва онро ҳар куҷо, ки бихоҳад мегузорад.. .***[2]

Шиа бар асоси ҳамин намунаҳои дар боло зикршуда, мӯътақид аст, ки ҷонишини Паёмбари Ислом, ки Расули Худо ононро муаррифӣ кардааст, ҳама баргузидаи Худо ҳастанд ва инчунин лозим медонад, ки дар тамоми масоили зиндагӣ аз онон, ки дини воқеӣ ва дастнахурда дар ихтиёр доранд, пайравӣ кунад. Хушбахтона

1 Вобастагӣ.
2 "Сираи Ибни Ҳишом", ҷ.1, саҳ.444.

дар асари ин ақида ва ин гароиш захираҳои илмӣ, ҳақиқатҳо ва маорифи зиёде аз имомон ва пешвоёни маъсуми худ ҷамъоварӣ кардааст, ки метавонад дар тамоми масоили зиндагӣ ҷавобгӯ бошад ва аз ин нигоҳ ғанитарин мактаби мазҳабӣ ба шумор меравад.

# 20

## Нигоҳи кӯтоҳ ба сайри таърихии хилофат

### Таъкиди Паёмбар (с) бар хилофат ва ҷонишинии Алӣ (а) баъд аз худ

Пайғамбари гиромии Ислом аз Худо илҳом гирифта буд, ки пас аз худ Алӣ ибни Абӯтолиб(а) ро халифа ва ҷонишини худ қарор диҳад ва ин паёми бузургро ба мардум бирасонад.

* Дар оғози даъват ба Ислом ҳазрат хешони худро ҷамъ кард ва ба онон гуфт:

> ***“Алӣ васӣ ва ҷонишини ман аст ва ҳама бояд аз ӯ пайравӣ кунед”.*** [1]

* Ҳангоме ки паёмбар ба ҷанги Табук мерафт, ба Алӣ фармуд:

> ***“Ту нисбат ба ман монанди Ҳорун нисбат ба Мӯсо ҳастӣ, бо ин фарқият, ки ту паёмбар нестӣ. Сазовор нест ман биравам ва ту ҷонишини ман набошӣ”.*** [2]

* Расули Худо дар соли охири умраш пас аз анҷоми ҳаҷ ва зиёрати хонаи Худо, дар байни

1 “Таърихи Табарӣ”, ҷ.3, саҳ.1171-1172.
2 “Муснад”-и Аҳмад ибни Ҳанбал, ҷ.1, саҳ.331.

роҳ, дар Ғадири Хум муқобили даҳҳо ҳазор нафар истод ва фармуд:

> ***“Ҳар ки ман мавлои ӯ ҳастам, Алӣ низ мавло ва сарпарасти ӯ хоҳад буд”.***[1]

Ҳамчунин Ҳазрат дар охири умраш ба мардум, саҳоба ва ёрони худ фармуд:

> ***“Ман дар миёни шумо ду чизи гаронбаҳо мегузорам: «Қуръон - китоби Худо ва Итрат - дудмони покам». Агар аз ин ду пайравӣ кунед, ҳеҷ гоҳ гумроҳ нахоҳед шуд”.***[2]

Зимни даҳҳо ривояти дигар низ дармеёбем, ки он гиромӣ ин мавзӯъро баён фармуда ва заминаро ончунон омода сохтааст, ки раҳбарии ҷаҳони Ислом ба таври табиӣ аз они Алӣ ибни Абӯтолиб(а) бошад.

* Расули Худо(с) ҳатто ба ин миқдор ҳам иктифо накард. Ӯ дар охирин рӯзҳои зиндагиаш барномаи бисёр ҷолиберо амалӣ сохт то нақшаҳои онон, ки дар паи рабудани хилофати исломӣ буданд, хунсо шавад.

Ҳазрат сипоҳе ба фармондеҳии Усома ибни Зайд, ки ҷавони лоиқу рашиде буд, ба сӯи сарзамини Рум фиристод ва дастур дод мардуми Мадина аз муҳоҷир ва ансор, аз ҷумла Абӯбакри

1 “Алғадир”, ҷ.1.
2 “Ғоятулмаром”, саҳ.211-235.



Сиддиқ ва Умари Форуқ дар он сипоҳ ширкат кунанд ва аз Мадина хориҷ шаванд. Вай чандин бор ин дастурро такрор кард ва ба ҳар кадом аз онон, ки бармегаштанд, дубора тавсия мефармуд, ки: “Ба лашкари Усома бипайвандед”.[1]

Ташкили ин сипоҳ бо гузиниши Усома ба сипаҳсолорӣ дар он мавқеъ, ки Расули Худо(с) сахт бемор буд ва соатҳои охири умрашро мегузаронид, танҳо ба ин манзур буд, ки шаҳри Мадина аз аносири мухталиф холӣ бошад ва раҳбарии ҷаҳони Ислом ба таври табиӣ насиби ҳазрати Алӣ(а) шавад. Ин тасмим инчунин барои он буд, ки ҳама бидонанд, солхӯрдагӣ шарти раҳбарӣ нест, балки шарти он лаёқат аст ва натавонанд кам будани синни ҳазрати Алӣ(а)-ро барои мақоми хилофат баҳона қарор диҳанд. Инчунин манзури ҳазрат он буд, ки мавқеи марг битавонад бемухолифати мухолифон васият кунад ва санади хаттии хилофатро дар ихтиёри мардум бигузорад. Мухолифин бошанд, аз сипоҳи Усома ҷудо шуданд ва ба Мадина баргаштанд.

Расули Худо(с) ба ҷамъе аз саҳоба ва ёрони худ фармуд:

> ***“Давот ва коғазе барои ман биёваред, то барои шумо чизе бинависам, ки пас аз***

1 “Табақоти Кабир”, ҷ.2, қисмати аввал, саҳ.136.

***ман – бо риояти он – ҳаргиз гумроҳ нашавед". Ҳамин даста ҳаёҳу бардоштанд ва гуфтанд: "Ин мард ҳазён мегӯяд, китоби Худо барои мо бас аст"***

Ва бо ҳамин сухан эҷоди ихтилоф карданд.

Расули Акрам(с) аз ин нисбати нораво нороҳат шуд ва донист, ки навиштаи ӯ бо ин вазъ наметавонад ихтилофро бартараф созад, ҳатто мумкин аст сабаб шавад гурӯҳе бо Ислом мубориза кунанд. Ба ҳамин хотир ҳазрат аз онон дурӣ ва безорӣ ҷуст ва фармуд:

***"Аз назди ман берун равед...".***[1]

Онон ки ин нисбатро ба ҳазрат доданд, аз мавозини динӣ бехабар буданд ё худро ба нодонӣ заданд ва намехостанд зери бори ҳақ раванд, вагарна ҳар мусулмоне медонад, ки Худо паёмбари худро пайваста аз хатою иштибоҳ маҳфуз медорад ва ҳеҷ гоҳ наметавон ҳазён ва беҳудагӯиро ба ӯ нисбат дод.

## Сақифа баъд аз реҳлати Паёмбар (с)

Рӯзи бисту ҳаштуми моҳи сафари соли ёздаҳуми ҳиҷрӣ Паёмбари Ислом(с) аз дунё реҳлат кард ва Мадина дар сӯг нишаст.

1 "Табақот", ҷ.2, қисмати дуюм, саҳ.36-38 ва "Саҳеҳи Муслим", ҷ.5, саҳ.75-76.



Бархе аз мусулмонон, яъне ҳамон касоне, ки ҳубби раёсат ва ҷоҳталабӣ дар дилашон мавҷ мезад ва аз лашкари Усома ба хотири ҳамин мавзӯъ хориҷ шуда буданд ва нагузоштанд Паёмбари Ислом санади хаттиро бинависад, фурсати муносибе ба даст оварданд. Онҳо ҷасади Паёмбари Акрам(с)-ро раҳо карданд ва дар сақифаи Бани Соида ҷамъ шуданд.

Ансор мехостанд бузурги худ Саъд ибни Убодаро ба унвони ҷонишини паёмбар интихоб кунанд. Умар ва Абӯбакр бо ин кор мувофиқат накарданд. Абӯбакр зимни суханони худ мақоми муҳоҷиринро тавзеҳ дод ва гуфт: "Онон зудтар ба Ислом гаравида, аз бастагони Расули Худо(с) ҳастанд ва бояд амир аз мо ва вазир аз шумо бошад. Сипас яке аз ансор гуфт: "Шумо барои худ амир интихоб кунед, мо ҳам барои худ амир интихоб мекунем". Суханони Абӯбакр дар гурӯҳе асар гузошт ва ҳозир шуданд, ки амир аз муҳоҷирин интихоб шавад. Он гоҳ бе ин, ки дар интихоби амир бо соири муҳоҷирин ва ансор, ки дар маҷлис ҳозир набуданд, машварат кунанд ва ононро оид ба ин мавзӯи муҳимми исломӣ огоҳ созанд, худашон ҳамакораи Ислом шуданд ва дар ҳоле, ки Абӯбакр ва Умар хилофатро ба якдигар ба таоруф пешниҳод мекарданд, Умар бо

Абӯбакр байъат кард.[1] Аз паси ӯ дигарон низ, ки намехостанд Саъд ибни Убода амир гардад, бо Абӯбакр байъат карданд.[2] Инҳо фикр накарданд, ки агар милоки[3] фазилат наздикӣ ва хешӣ бо Расули Худост, аз Абӯбакр шахси наздиктар ҳам вуҷуд дорад, ки барои ин кор аз ҳар ҷиҳат шоистатар аст. Ин байъати ногаҳонӣ ва иттифоқӣ Саъд ибни Убода ва тарафдорони ӯро шикаст дод ва Умару Абӯбакр ғолиб шуданд. Ин гурӯҳ бархе аз мухолифинро ба баҳонаи ин ки бо ҷамоати мусулмонон набояд мухолифат кард, ба байъат маҷбур карданд.[4] Сипас, Абӯбакр ва Умар ва тарафдорони онон аз Сақифа берун омаданд ва ба тарафи Масҷиди Паёмбар раҳсипор шуданд. Дар байни роҳ ба ҳар ки вомехӯрданд, аз ӯ талаб мекарданд то бо Абӯбакр байъат кунад.[5]

Бани Ҳошим ва бузургони муҳоҷирину ансор монанди: Аббоси амаки паёмбар ва писаронаш, Зубайр, Ҳаббоб ибни Мунзир, Миқдод, Абӯзари Ғифорӣ, Салмони Форсӣ, Аммор, Буроъ ибни Озиб, Убай ибни Каъб, Утба ибни Абӯлаҳаб, Холид ибни Саид, Хузайма ибни Собит ва Фарва ибни Амр, ки аз мавзӯъ бехабар буданд, ногаҳон

1 “Таърихи Табарӣ”, ҷ.4, саҳ.1739-1742.

2 “Шарҳи Наҳҷулбалоғаи Ибни Абилҳадид”, ҷ.6, саҳ.10.

3 Меъёр, миқёс, андоза.

4 “Таърихи Табарӣ”, ҷ.4, саҳ.1245.

5 “Шарҳи Наҳҷулбалоғаи Ибни Абилҳадид”, ҷ.10, саҳ.219.



пай бурданд, ки вазъ дигаргун шудааст. Вақте аз ҷараён бохабар шуданд, дар тааҷҷуб ва ҳайрат фурӯ рафтанд ва байъат накарданд.

Алӣ(а) низ ба Абӯбакр ва Умар эътироз кард ва дар посухи Абӯубайда - ҳомии Абӯбакр, ки мегуфт:

> ***“Ту ҳанӯз ҷавонӣ ва таҷрибаи кофӣ барои хилофат надорӣ”.***

Фармуд:

> ***“Аз Худо битарсед, Ҳукумати исломии ҳазрати Муҳаммад(с)-ро аз хонаи ӯ ба хонаи худатон интиқол надиҳед ва ин мақомро аз соҳибонаш ғасб накунед. Эй муҳоҷирин, савганд ба Худо, ки мо - аҳли байти паёмбар - ба ин амр сазовортарем... Оё он ки ба китоби Худо муҳит, дар дини Худо фақеҳ, дар суннати паёмбар олиму огоҳ ва бар ритқу фитқи умури[1] мусулмонон қодир ва тавоност, аз мо нест? Савганд ба Худо, ки ин мақом аз мост, аз ҳавою ҳавас пайравӣ макунед, ки аз ҳаққу ҳақиқат дур мегардед”.***[2]

Вақте пас аз моҷарои Сақифа байъати умумӣ таҷдид гардид, ҳазрати Алӣ(а) ба унвони эътироз

1 Идораи умур.

2 “Шарҳи Наҳҷулбалоғаи Ибни Абилҳадид”, ҷ.6, саҳ11-13.

аз манзил берун омад ва ба Абӯбакр фармуд: “Кори моро табоҳу фасод сохтӣ, машварат накардӣ, ба таври кулли ҳаққи моро риоят накардӣ”. Абӯбакр гуфт: “Бале, вале аз фитнаву ошӯб тарсидам!” Ба ин тартиб ҳеҷ кас аз Бани Ҳошим то ҳазрати Заҳро алайҳоссалом зинда буд, бо Абӯбакр байъат накард.[1]

Баррасии таърихи пеш аз вафоти Расули Худо(с) ва рӯзҳои нахустини даргузашти он ҳазрат як дасиса ва иғвои амиқеро дар баробари инсон муҷассам месозад.

Агар ин гурӯҳ дар ин амр беназар буданд, чаро ба Бани Ҳошим ва бузургони асҳоби Паёмбар(с) қазияро нагуфтанд ва пинҳонӣ ба Сақифа рафтанд?

Фарз кардем, ки дар масъалаи хилофат паёмбар касеро таъин накарда буд, оё бояд сарнавишти ҷаҳони Ислом бе машварат бо ҳазрати Алӣ(а), ҳамроҳони ӯ, Бани Ҳошим ва бузургони саҳоба монанди: Салмон, Абӯзар ва Миқдод таъин шавад?!

Оё онон беҳтар аз Алӣ(а) фикр мекарданд? Магар паёмбар дар бораи Алӣ(а) нагуфта буд:

> ***“Алӣ аз ҳақ ва ҳақ аз Алӣ ҳаргиз ҷудо намешавад.[2] Алӣ аз ҳамаи шумо беҳтар***

1 “Муруҷуззаҳаб”, ҷ.2, саҳ.301.
2 “Таърихи Бағдод”, ҷ.14, саҳ.331.



> ***қазоват мекунад.[1] Ман шаҳри илм ҳастам ва Алӣ дари он мебошад”.[2]***

Магар Алӣ(а) манбаи илму фазилат набуд?

Пас чаро ба ӯ байъат накарданд ва ҳатто ҳозир нашуданд бо ӯ дар ин амри муҳим машварат кунанд.

Оё метавон ҷавон будани ӯро баҳона қарор дод. Паёмбари Ислом милоки бартариро шоистагӣ ва тақво медонист ва аз ҳамин сабаб Усомаро аз баъзе ёрону асҳоб муқаддам дошт. Пас чаро ҳазрати Алӣ(а) бар дигарон муқаддам набошад?

Онон ба баҳонаи ин, ки гурӯҳе ба илати хунҳое, ки Алӣ(а) дар ҷангҳои исломӣ рехтааст, зери бори ӯ намераванд ва аз хилофати Алӣ(а) сарпечӣ мекунанд, тамоми ривоятҳо ва гуфтаҳои Паёмбари Исломро, ки дар бораи ӯ расида буд, нодида гирифтанд. Дар сурате, ки тибқи мавозини динӣ бояд касонеро, ки зери бори ҳақ намераванд, ба ҳақ водор кунанд, на ин ки ҳақро канор бигзоранд!

Илова бар ин агар ин баҳона асосе дошт ва дуруст буд, Худованд Алӣ(а)-ро интихоб намекард ва Паёмбари Ислом ҳам ӯро ҷонишини худ қарор намедод.

1 “Фазоилулхамса мин-ас-сиҳоҳ-ис-ситта”, ҷ.2, саҳ.262.
2 “Фазоилулхамса мин-ас-сиҳоҳ-ис-ситта”, ҷ.2, саҳ.250.

**Савол**

Баъзе аз бародарони мусулмон, ки холисона қазоват мекунанд, мегӯянд: “Масъалаи Ғадир ва соири далелҳоеро, ки хилофати Алӣ(а)-ро ба субут мерасонад, наметавон инкор кард вале чаро ҳазрати Алӣ(а) пас аз реҳлати Паёмбар(с) аз ҳаққи мусалламии худ дифоъ накард? Дар сурате, ки дар замони хилофаташ бо онон, ки зидди ӯ қиём мекарданд ва мехостанд ҳукумати ӯро ғасб кунанд, ба набард пардохт”.

**Ҷавоб**

Алӣ(а) ҳукумати Абӯбакрро ба расмият намешинохт ва ба ҳамин манзур дар намози ҷамоат ва ҷумъаи ӯ ҳозир намешуд. Ӯ аз мардум кӯмак мехост то ҳаққи аздастрафтаи худро бозпас гирад. Ҳатто он ҳазрат шабона бо Фотима(а) духтари Паёмбар ба дари хонаи ансор рафт ва аз онон хост ӯро ёрӣ кунанд то ҳаққи худро бигирад, вале Ансор ба ӯ гуфтанд: ***“Мо бо ин мард байъат кардаем ва кор аз кор гузаштааст”.***[1]

Ансор нав ба Ислом гаравида буданд ва ҳанӯз ахлоқу кирдори ҷоҳилият дар қаъри ҷону дилашон вуҷуд дошт ва бо ин сабаб аз байъати беҷо бо Абӯбакр натавонистанд сарфи назар кунанд ва Алӣ(а)-ро нусрату ёрӣ диҳанд.

1 “Шарҳи Наҳҷулбалоғаи Ибни Абилҳадид”, ҷ.6, саҳ13.



Пайдост, ки Алӣ(а) пас аз Паёмбар(с) ёваре надошт то битавонад қиём кунад, вагарна ҳаққи худро мегирифт ва ҷаҳони Исломро раҳбарӣ мекард.[1]

Баъд аз он ки мардум пас аз қатли Усмон саросема ба назди Алӣ(а) рафтанд ва дастҳои худро барои байъат бо ӯ дароз карданд, он ҳазрат фармуд: “Акнун, ки кӯмак ва пуштибон пайдо кардам, чорае ҷуз ин надорам, ки ҳукумати исломиро қабул кунам”. Ба ҳамин сабаб Имом(а) умурро ба даст гирифт ва ҷаҳони Исломро раҳбарӣ кард.

Вале ҳазрат пас аз реҳлати Паёмбар(с) медид, агар бихоҳад бо надоштани кӯмак ва пуштибон даст ба шамшер барад ва қиём кунад, ихтилофоти дохилӣ зиёд мешавад. Алӣ(а) хуб медонист, ки ин ба манфиати Ислом нест, зеро душманони Ислом дар камин буданд то бар зидди Ислом шӯриш кунанд ва хатар ҷаҳони Исломро таҳдид мекард.

Алӣ(а) ба хотири **ҳифзи Ислом**, ки онро аз ҷон бештар дӯст медошт, қиём накард то ниҳоли Ислом реша гирад, биболад ва самар диҳад. Ҳазрати Алӣ(а) – он шуҷои беҳамто, ки паҳлӯ ба паҳлӯи Паёмбар(с) меҷангид, ***салоҳи Ислом ва***

1 “Наҳҷулбалоға”-и Файзулислом, хутбаи 3, саҳ.37-43.

***мусулмононро дар ин медид, ки даст аз ҷанг бишӯянд ва дар талхиҳои зиндагӣ сабур бошад.***

Ҳазрати Алӣ(а) дар паи он набуд, ки раёсат кунад вагарна ин мулоҳизотро намекард ва аз ҳар роҳе, ки мешуд мерафт, то ба манфиатҳои шахсӣ бирасад, вале мебинем замоне, ки Абӯсуфиён ба ӯ гуфт: “Дастро бидеҳ, то бо ту байъат кунам, савганд ба Худо агар бихоҳӣ Мадинаро аз савора ва пиёда пур хоҳам сохт”. Он ҳазрат напазируфт ва фармуд: ***“Ба Худо савганд ту хайрхоҳи Ислом нестӣ ва ҷуз фитна ва фасод назари дигаре надорӣ...”.***[1]

Ангезаи ин, ки мо ба ин баҳс пардохтем он аст, ки бародарони аҳли суннати мо дар ин ҳақоиқи таърихӣ, ки аз мадракҳою санадҳои мӯътабари худашон истифода шудааст, ковишу таҳқиқи бештаре намоянд то дар оянда битавонем бо ҳамдилӣ ва ҳамкории самимона гузаштаи талхро ҷуброн кунем ва содиқона дар роҳи ваҳдати мусулмонони ҷаҳон кӯшиш намоем.

***Поён.***

1 “Комил”-и Ибни Асир, чопи Бейрут, ҷ.2, саҳ.326.



## Мундариҷа

Сарсухан....................5
Ҷаҳони пеш аз Ислом....................9
Башарият дар оташ....................9
Арабистон дар шабонгоҳи зуҳури Ислом....................11
Таваллуд ва даврони кӯдакии ҳазрати Муҳаммад (с)....................16
Милоди нур....................16
Муҳаммад (с) навзоди аҷиб....................18
Ҳалима – дояи Муҳаммад (с)....................19
Муҳаммад (с) дар тӯфони ҳодисаҳо....................20
Симои Муҳаммад (с)....................21
Хотироте аз кӯдакӣ ва даврони ҷавонии Муҳаммад....................24
Сарпарастӣ ва ҳимояти Абӯтлиб (р)....................24
Мусоҳибаи Буҳайро бо Муҳаммад (с)....................25
Чӯпонӣ ва тафаккури Муҳаммад (с)....................28
Иффат ва покдомании Муҳаммад (с)....................29
Нахустин издивоҷи ҳазрати Муҳаммад (с)....................32
Ҷавон ва издивоҷ....................32
Пешниҳоди Хадича....................33
Хадича кист?....................34
Муҳаммад (с) ба сӯи Шом ҳаракат кард....................34
Пешниҳоди издивоҷи Хадича....................36
Фалсафаи издивоҷҳои ҳазрати Муҳаммад (с)....................39
Намунаҳое аз тӯҳматҳои масеҳият....................39
Қазовати таърих....................41
Пурсише аз эродкунандагон....................41
Шумори ҳамсарони Расули Худо (с)....................43
Тӯҳматҳои ноҷавонмардона....................45
Шахсияти ҳазрати Муҳаммад (с) пеш аз биъсат....................48
Асли муҳокот....................48
Муҳити Арабистон пеш аз зуҳури Ислом....................49

Паёмбарон созандаи муҳит буданд, на пайрави он......51
Насби ҳаҷаруласвад ва назарияи Муҳаммад (с).............53
Оғози ваҳй ..........................................................................56
Рисолати ҷаҳонии Муҳаммад (с) .......................................56
Рисолати ҷаҳонӣ ..................................................................57
Ваҳй чист? ...........................................................................60
Оё ваҳй як навъи беморӣ аст?...........................................61
Ваҳй ва илми имрӯз ............................................................64
Равиши таблиғии ҳазрати Муҳаммад (с).........................66
Хадича дар интизори Муҳаммад (с) ................................67
Алӣ (а) аввалин марде, ки имон овард............................68
Фарзияти намоз ..................................................................69
Се сол таблиғи амалӣ .........................................................70
Даъвати хешовандон ва нахустин мӯъҷиза ....................71
Даъвати умумии ҳазрати Муҳаммад (с)..........................75
Даъвати ошкор ....................................................................75
Суханронии Муҳаммад (с) дар кӯҳи Сафо ......................75
Аксуламали суханони Паёмбар (с)...................................77
Шикояти Қурайш...............................................................78
Ришвадиҳии Қурайш .........................................................80
Мушкилоти роҳ ва шиканҷаҳои Қурайш........................83
Мушкилоти роҳ ..................................................................83
Озорҳои беҳад ва муҳосираи Қурайш..............................85
Ҳиҷрати Муҳаммад (с) оғози таърих ва дигаргунӣ .......90
Тарки ватан дар роҳи ҳадаф..............................................90
Ясриб омодаи пазируфтани Ислом..................................91
Сӯиқасд барои қатли Паёмбар (с).....................................92
Фидокорӣ ва ҷонбозии Алӣ (а) ..........................................93
Паёмбар ба ғори Савр меравад..........................................93
Ба сӯи Ясриб .........................................................................94
Ясриб дар интизори Паёмбар (с) ......................................95



Дарсе аз ҳиҷрат ..................................................................96
Пайрезии бародарии исломӣ дар Мадина .......................98
Ҷомеаи зинда ......................................................................98
Кӯшиши Паёмбар дар эҷоди бародарии исломӣ..........99
Бародарии исломӣ - шиори ваҳдат ва бародарӣ..........100
Бародарии исломӣ дар замони ҳозир............................102
Ҷиҳод дар Ислом ..............................................................104
Паёмбари раҳмат..............................................................104
Ҷиҳод барои чист? ...........................................................105
Оё Ислом бо шамшер пеш рафт?! ..................................107
Ангезаи ҷангҳои замони Паёмбар (с) ............................111
Идеологияи ҳамдигарфаҳмии байналхалқӣ ................111
1 – Ҷанги Бадр ...................................................................113
2 – Ҷанги Уҳуд ...................................................................114
3 – Ҷанги Аҳзоб (Хандақ) .................................................114
4 – Ҷанги Бани Қурайза ....................................................115
5 – Ҷанги Бани Мусталақ .................................................116
6 – Ҷанги Хайбар...............................................................116
7 – Ҷанги Мута...................................................................117
8 – Фатҳи Макка................................................................117
9 – Ҳунайн ва Тоиф ...........................................................119
Рисолати ҷаҳонии ҳазрати Муҳаммад (с).......................123
Ислом дини шарқ ва ғарб.................................................123
Муҳаммад (с) мардумро ба Ислом даъват кард............124
Шоҳиди дигаре бар ҷаҳонӣ будани Ислом ...................125
Вазифаи мо дар расондани рисолати Ислом. ...............128
Ҳазрати Муҳаммад (с) охирин паёмбар .......................131
Ҷовидонагии Ислом ва хотамияти Муҳаммад (с) .......131
Ислом оини ҷовид.............................................................133
Хотамият аз назари Қуръон............................................135
Хотамият аз назари ривоятҳо.........................................136

Ҳадиси ғадир ва ҷонишини ҳазрати Муҳаммад (с).....139
Паёмбар бо хонаи Худо видоъ мекунад.........................139
Ровиёни ҳадиси ғадир ........................................................145
Маънои ҳадиси ғадир .........................................................146
Ахлоқ ва рафтори ҳазрати Муҳаммад (с) ......................149
Ниёзи ҷомеа ба ахлоқ.........................................................149
Ҳазрати Муҳаммад (с) дар байни мардум .....................151
Гузашт ва бузургвории Муҳаммад (с).............................154
Назофат ва покизагии Муҳаммад (с)..............................155
Ибодат ва порсоии Муҳаммад (с)....................................156
Масъалаи хилофат ва ҷонишинии Паёмбар (с)...........158
Ангезаи ҳақиқии ниёз ба ҷонишинии Паёмбар..........158
Чаро ба ҷонишини паёмбар ниёзмандем? ...................159
Оё Паёмбар (с) ҷонишини худро муайян кард? ..........163
Шӯро дар имомат ва хилофат .........................................166
Нигоҳи кӯтоҳ ба сайри таърихии хилофат ...................169
Таъкиди Паёмбар(с) бар хилофати Алӣ баъд аз худ ..169
Сақифа баъд аз реҳлати Паёмбар (с)..............................172